ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН
НАРОДНАЯ ДЕМОКРАТИЧЕСКАЯ ПАРТИЯ ТАДЖИКИСТАНА

# МИНБАРИ ХАЛҚ

*Барои ваҳдат, рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум!*

www.hamsafon.tj
E-mail: minbarihalk@bk.ru

16 декабри соли 2015, чоршанбе, №51 (1030)

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

# БА ПЕШВОИ МИЛЛАТ



*Вақте ки Тоҷикистон дар хоку хун ниҳон буд,*
*Фармонравои мутлақ дорандаи камон буд,*
*Пиру ҷавони кишвар ларзон зи бими ҷон буд,*
*Сарсону хонавайрон аз дасти ҷоҳилон буд,*
*Ту омадӣ ба майдон, эй Пешвои миллат,*
*Гаштӣ ба рӯзи сахтӣ мушкилкушои миллат.*

*Эй Қаҳрамони миллат,*
*Зӯру тавони миллат*
*Гардида решапайванд*
*Ҷонат ба ҷони миллат.*

*Дар даврае, ки мардум афтода буд ба хорӣ,*
*Вақте ки тифлаконаш буданд бенаҳорӣ,*
*Мехӯрд аҳли заҳмат кунҷораю ҷуворӣ,*
*Мерафт сӯи ҳар дар бо нолаю ба зорӣ,*
*Бо сӯз дарк кардӣ розу ниёзи миллат,*
*Аз маргашон раҳондӣ, эй чорасози миллат.*

*Эй ҷоннисори миллат,*
*Эй бахтиёри миллат,*
*Ҷаҳди зиёд кардӣ,*
*Дар корзори миллат.*

*Хуш гуфтааст шоир: "Бо ҷанг ҷанг кардӣ",*
*Дар ҳифзи нанги миллат додӣ ту доди мардӣ,*
*Дар ҷодаи ҳақиқат бо азм раҳ сипардӣ,*
*Оре, ту бо ҷаҳолат як умр дар набардӣ,*
*Паймони сулҳ бастӣ бо гумраҳони миллат,*
*Аз нестӣ раҳондӣ ному нишони миллат.*

*Эй Пешвои миллат,*
*Эй раҳнамои миллат,*
*Шуд нақшаҳои некат*
*Сулҳу сафои миллат.*

*Аз ёдҳо нарафта рӯзи сиёҳи тоҷик,*
*Он давраи махуфу ҳоли табоҳи тоҷик,*
*Дар синаҳост боқӣ пурсӯз оҳи тоҷик,*
*Сад шукр, гашта равшан имрӯз роҳи тоҷик,*
*Эмомалии Раҳмон! Аз туст бахти миллат,*
*Сад сол зинда бошӣ болои тахти миллат!*

*Эй Пешвои миллат,*
*Ҳастӣ бақои миллат,*
*Эй Қаҳрамони миллат,*
*Ҷонӣ ба ҷони миллат.*

**Мирзо ФАЙЗАЛӢ,**
*Шоири халқии Тоҷикистон*

# САФАРИ РОҲБАРИ ДАВЛАТ БА ҶУМҲУРИИ ТУРКМАНИСТОН

**Шоми 11 декабри соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҳошияи Конфронси байналмилалии "Сиёсати бетарафӣ: ҳамкории байналмилалӣ баҳри сулҳ, амният ва рушд" ба муносибати 20 - солагии бетарафии Туркманистон, дар шаҳри Ашхобод бо Президенти Туркманистон Гурбонгулӣ Бердимуҳаммадов мулоқот намуд.**



Дар мулоқот масоили вобаста ба густариши робитаҳои иқтисодию тиҷоратӣ, нақлиётӣ, энергетикӣ ва фарҳангии ду кишвар баррасӣ шуд.

Масоили таҳкими ҳамгирой барои таъмини амну суботи минтақавӣ ва пешгирӣ аз хатарҳои ҷаҳони муосир ҳам аз мавзӯъҳои асосии суҳбат буд

Инчунин рӯзи 12 декабр Роҳбари давлат дар Конфронси байналмилалии **"Сиёсати бетарафӣ: ҳамкории байналмилалӣ баҳри сулҳ, амният ва рушд"** иштирок ва суханронӣ кард.

Қабл аз оғози кори конфронс Эмомалӣ Раҳмон ва сарони дигар давлатҳо дар маросими гулчанбаргузорӣ дар пояи муҷассамаи Бетарафии Туркманистон иштирок намуданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо нишони гиромидошти анъанаҳои неки равобити байни мардумони Тоҷикистону Туркманистон дар назди муҷассама гулчанбар гузошта, ба таъриху фарҳанги кишвари дӯст эҳтиром ба ҷо овард.

Ҷаласаи умумии Конфронси байналмилалии "Сиёсати бетарафӣ: ҳамкории байналмилалӣ баҳри сулҳ, амният ва рушд" дар бинои Палатаи савдо ва саноати Туркманистон баргузор шуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва сарони дигар давлатҳову ҳайатҳоро Президенти Туркманистон Гурбонгулӣ Бердимуҳаммадов истиқбол гирифт.

Пас аз пазироии меҳмонони олимақом дар ҳамин ҷо маросими аксбардории умумии иштирокчиёни конфронс доир гардид.

Кори конфронсро бо сухани муқаддимавӣ Президенти Туркманистон Гурбонгулӣ Бердимуҳаммадов ифтитоҳ намуда, ҳамаи иштирокчиён, Сарони давлатҳо ва роҳбарони ҳайатҳоро барои ташриф ба Туркманистон хайрамақдам гуфт.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар кори конфронс суханронӣ кард.

Зимни баромади хеш Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуд, ки **"роҳи бетарафии мусбат, ки аз ҷониби роҳбарият ва мардуми туркман дар марҳалаи ҳассостарини таърихи истиқлолият интихоб гардид, имкон дод, ки зербинои ободии имрӯзаи кишвари дӯст ва тағйироти бузург дар ҳама соҳаҳои ҳаёти он гузошта шавад".**

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оид ба аҳамияти байналмилалии бетарафӣ андешаронӣ карда, изҳор дошт, ки қисмҳои таркибии он, аз ҷумла омодагӣ ба шарикии ҳамаҷониба, қабул доштани таҷрибаи мусбати ҷаҳонӣ дар ҳаллу фасли мушкилоти ҷаҳониву минтақавӣ аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ ва шарикони минтақавӣ пуштибонии қавӣ пайдо карданд, ки тасдиқ шудани қарори Созмони Милали Муттаҳид дар бораи бетарафии Туркманистон шаҳодати он аст.

Вобаста ба мавқеи Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуд, ки минтақаи Осиёи Марказӣ барои ҳалли ҳамаи мушкилоти иқтисодиву иҷтимоӣ ва экологӣ, муқовимати муассир бо таҳдиду хатарҳои муосир ва таъмин кардани сатҳи рушди сифатан нав ҳамаи захираву имкониятҳоро дорад.

Амалӣ намудани барномаҳои хислати минтақавидошта дар бахшҳои энергетикаву алоқа, нақлиёту коммуникатсия ва эҷоди технологияҳои нав барои афзоиши имкониятҳои Осиёи Марказӣ, ба боло бурдани некӯаҳволии мардумони мо ва пешрафти минтақа нигаронида шудаанд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон таъкид кард, ки талошҳои муштараки мо ҷиҳати мубориза бо терроризми байналмилалӣ, ифротгарой, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷинояткории муташаккилонаи фаромарзӣ муҳимтарин масъалаи рӯз мебошад.

**"Дар ин росто, ҳамкорӣ бо Туркманистон, ки имкониятҳои назаррас дорад, барои мо махсусан муҳим аст ва Тоҷикистон барои тавсеа ва таҳкими он саъй хоҳад кард,"** - иброз дошт Эмомалӣ Раҳмон.

Дар охир Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Президент ва мардуми туркманро бо ҷашни бетарафӣ самимона табрик гуфта, таъкид намуд, **"ҳадафҳои мазкур бо асли бетарафии Туркманистон на танҳо ба ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва равобити бисёрсамтии байналмилалӣ, балки ба афзалият доштани масъалаи рушди умумиинсонӣ нигаронида шудаанд ва комилан мутобиқ мебошанд".**

*www.president.tj*

**Парлумон**

# ҚАБУЛИ ҚОНУН "ДАР БОРАИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ - ПЕШВОИ МИЛЛАТ"

**9 декабри соли равон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун "Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат"-ро қабул кард.**

Раиси Маҷлиси намояндагон Шукурҷон Зуҳуров ин қонунро таърихӣ номида, тасвибашро ба нафъи ҷомеа ва бахусус муттаҳидии сокинон донист.

Ӯ гуфт, ки таҷрибаи эътирофи раҳбарон ва пешвоёни миллат дар кишварҳои дигари дунё низ вуҷуд дошта, аз шинохт ва эътирофи онҳо демократия ва озодиҳояшон ҳеҷ осеб надидааст.

Шукурҷон Зуҳуров зикр кард, ки дар ҳақиқат Эмомалӣ Раҳмон қаҳрамон аст ва барои миллати тоҷик корҳои зиёдеро анҷом додааст:

***"Мо худ мефаҳмем, ки дар шароити кунунӣ дӯстону душманон ба иқдоми пешгирифтаи мо назарҳои мухталиф доранд, ки ин як амри табиист. Муҳим он аст, ки мо бояд дуруст дарк намоем, ки ин қонун на ба хотири шахсият аст. Эмомалӣ Раҳмон воқеан барои халқ ва миллати мо хизматҳои бузурги таърихӣ карда, халқро аз парокандагӣ, миллатро аз нестшавӣ ва давлатро аз фурӯпошӣ наҷот додааст. Таҳти роҳбарии бевоситаи ӯ пояҳои давлатдорӣ, заминаҳои низоми ҳуқуқӣ, нахустин Конститутсияи халқӣ қабул шуданд. Эҳёи арзишҳои динӣ ва миллӣ огоз гардида, кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳо ёфта, истиқлолияти озуқаворӣ таъмин гашта, роҳи давлатдории Тоҷикистон ба сӯи давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, иҷтимоӣ-дунявӣ ва ягона шуруъ гардидаст".***

Ба андешаи Шукурҷон Зуҳуров Эмомалӣ Раҳмон ба ин ҳама унвону ҷоизаҳо эҳтиёҷ надорад, балки мардуми Тоҷикистон ба ҳифзи ин дастовардҳо эҳтиёҷ дошта, тақдири ояндаи давлати мо ба ҳифзи таърихии ин роҳи ормонии шуруъ гардида зарурат пайдо кардааст.

Дар ҷаласа раиси Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон Абдуҳалим Ғаффоров ва раиси Ҳизби аграрии Тоҷикистон Рустам Латифзода маъруза намуда, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат "- ро тарафдорӣ намуданд.

"МХ"

Ҳамовозӣ

# Интихоби Пешвои миллат - зарурати давлатдории навини тоҷикон

**Дар Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот ҳамоиши "Интихоби Пешвои миллат- зарурати воқеии давлатдории навини тоҷикон" (дар ҳошияи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон " Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат") баргузор гардид.**

**ВАЗИРИ** фарҳанги ҷумҳурӣ Шамсиддин Орумбекзода зимни сухани ифтитоҳӣ зикр кард, ки Эмомалӣ Раҳмон барои мардуми тоҷик атои Худованд аст, ки дар рӯзҳои мушкилтарини зиндагии тоҷикон (манзур солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон) дар фикри халқ ва овардани сулҳу ваҳдати миллӣ буд. Мо чанд давлатҳоеро мебинем, ки то ҳанӯз ба сулҳ ва оромӣ нарасидаанд, вале хушбахтии мо дар он аст, ки мо тоҷикон тавонистем бо роҳбарии Сарвари маҳбуб ва пешвои миллатамон ба ин неъмати бебаҳо-сулҳу ваҳдат расем. Эмомалӣ Раҳмон тавонист миллати моро, ки пеш аз ин ношинохта буд, ба ҷаҳониён муаррифӣ кунад ва ливои тоҷиконро дар ҷаҳон баланд бардорад то ҷаҳониён бидонанд , ки миллате чун тоҷик ва давлате чун Тоҷикистон дар гӯшае аз дунё мавҷуд буда, дар сулҳ ва оромиш ба сар мебарад. Агар мо бо чашми ҳақиқат бингарем Эмомалӣ Раҳмон дар ҳаёти халқи мо тағйирот ва пешравиҳои хеле назаррас ворид сохтааст, ки дар тамоми паҳлӯҳои зиндагии мардум ба хубӣ аён аст. Чунон ки бузургон гуфтаанд: "Бубин тафовввути роҳ аз куҷост то ба куҷо", - ҳамчунон қайд кард Ш.Орумбекзода.

Дар ҳамоиш Шоири халқии Тоҷикистон Муҳаммад Ғоиб низ иштирок ва суханронӣ кард. Дар назди иштирокчиён шеъри тозаэъҷодаш " Достони Пешво"-ро, ки бо мисраҳои зер шурӯъ мешавад, қироат кард:

*Пеш аз ин ҳам тахти*
*шуҳрат доштӣ аз ҷуръатат,*
*Ёфти аз пушти ҷуръат тахту*
*тоҷи шуҳратат…*

Бояд қайд кард, ки дар ҳамоиш инчунин маърӯзаҳои ҷолибе чун "Нақши таърихии Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар бунёди давлатдории миллӣ" бо суханронии директори Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот, номзади илмҳои педогогӣ, дотсент Шариф Комилзода, "Эмомалӣ Раҳмон - асосгузори воқеии сулҳу ваҳдат ва кафили устувории амнияти миллӣ" суханронии директори Корхонаи давлатии таъминот ва савдои "Китоб" Сироҷиддин Икромӣ, "Саҳми Эмомалӣ Раҳмон дар рушду нумӯи фарҳанги миллӣ" суханронии директори генералии МД АМРСБК- "Хонаи Китоби Тоҷикистон", номзади илмҳои таърих Қурбоналӣ Бӯриев, ки ба мавзӯи " Интихоби Пешвои Миллат- зарурати воқеии давлатдории навини тоҷикон" тавъам буданд, пешкаши иштирокдорон гардиданд.

Гулҳаёи МАДИМАР

Ҳаёти ҳизб

# МУЛОҚОТ БО САФИРИ ТОЗАТАЪЙИНИ ЧИН

**Дирӯз Муовини якуми Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Саидмурод Фаттоҳзода сафири фавқулодда ва мухтори Ҷумҳурии мардумии Чин ҷаноби Юе Бинро, ки ба тозагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати сафир таъйин шудааст, ба ҳузур пазируфт.**



**ЗИМНИ** дидору мулоқот дар мавриди авзои сиёсию иҷтимоии ҷумҳурӣ, минтақа ва ҷаҳон, фаъолиятҳои густурдаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, фраксияҳои ҳизбӣ дар парлумони Тоҷикистон ва мавқеи аҳзоби дигари сиёсӣ дар ҷомеаи тоҷик, раванди номатлуби амалҳои террористӣ дар як қатор кишварҳо, муносибатҳои самарабахши миёни ҲХДТ ва ҲКЧ, ҳамкориҳои иқтисодию фарҳангии Тоҷикистону Чин ва ғайра гуфтугӯи судманд сурат гирифт.

Муовини якуми Раиси ҲХДТ С.Фаттоҳзода дар бораи ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ, аз ҷумла дар доираи Созмони ҳамкориҳои Шанхай изҳори назар намуда, таъкид ба он кард, ки мо метавонем муносибатҳоямонро муштаракан дар чаҳорчӯбаи эҳёи "Роҳи Абрешим" таҳким бахшем ва онро ба манфиати халқҳоямон истифода барем. Дар ин росто Сарварони ҳарду мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ҷаноби Си Ҷинпин ташаббусҳои шоистаеро доман зада истодаанд.

Дипломати чинӣ ҷаноби Ю.Бин таъкид бар он намуд, ки мо дар симои Тоҷикистон ва мардуми тоҷик дӯсту ҳамсояи қарин ва шарики иқтисодию стратегии худро мебинем. Кишвари Чин ба дӯстии боэътимоди халқҳоямон арҷ мегузорад ва минбаъд низ ҷиҳати тақвияти он иқдомҳои муассирро амалӣ мегардонад.

Суҳбат дар руҳияи самимият доир гашт.

Усмон СОЛЕҲ,
*сухангӯи ҲХДТ*

# ҲХДТ БА ОСЕБДИДАҲОИ ЗИЛЗИЛА КӮМАК МЕРАСОНАД

**Дар ҷаласаи изтирории Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, ки таҳти раёсати Муовини якуми Раиси ҲХДТ С. Фаттоҳзода доир гардид, масъалаи расондани кӯмакҳои молиявӣ ба зарардидагони заминларзаи дар баъзе навоҳии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон баамаломада, мавриди баррасӣ қарор гирифт.**

Дар ҷамъомад таъкид гардид, ки тибқи ҳисобҳои қаблӣ зарареро, ки ба манзилҳо, бунгоҳҳои тиббӣ, мактабу муассисаҳои фарҳангиву давлатӣ, роҳҳои мошингарду пулҳои тахрибшудаи чанд деҳа расидааст, 24 миллион сомонӣ мегӯянд. Бар асари зилзила ду нафар ба ҳалокат расидааст.

Танҳо дар қаламрави ноҳияи Рӯшон беш аз 200 манзил комилан хароб ва 832 хонаи дигар қисман хароб шудаанд. Дар минтақаи осебдида Комиссияи ҳукуматӣ кор карда истодааст. Чанд рӯз боз чархболҳо мардуми осебдидаи ҷамоати Бартангро ба маркази ноҳия интиқол медиҳанд. Ҳамчунин осебдидагон аз ҳукумати кишвар ҳамчун кӯмак маводи хӯрокворӣ ва сӯхт дарёфт кардаанд.

Дар робита ба ин ҳодисаи нохуши табиӣ Дастгоҳи КИМ ҲХДТ тасмим гирифт, ки ба зарардидаҳои офат кӯмаки бевоситаи худро расонад. Тибқи қарори матраҳшуда ҳамаи кормандони Дастгоҳи КИМ ҳизб, идораи нашрияи "Минбари халқ", кормандони тамоми комиҷроияҳои ҳизбии вилоятҳо ва шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ вазифадор шуданд, ки маблағи маоши якрӯзаи худро ба ҳисоби зарардидаҳои офати табиӣ гузаронанд. Ҳамзамон таъкид гардид, ки аъзои фаъоли ҳизб, соҳибкороне, ки узвияти ҲХДТ-ро доранд, метавонанд, мустақиман ба осебдидаҳо ёрии молию пулӣ расонанд.

Усмон СОЛЕҲ, *сухангӯи ҲХДТ*

# ИЗҲОРИ МИННАТДОРӢ

**Мо, як гурӯҳ раисони ташкилотҳои ибтидоии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, аз ноҳияҳои Ҷиргатол, Тоҷикобод, Рашт, Исфара, Айнӣ, Ваҳдат, Шоҳмансур, Вахш, Тавилдара аз 21 сентябр то 4 октябри соли 2015 бо ташаббусу дастгирии Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ дар фароғатгоҳи корхонаи алюмини Тоҷикистон истироҳату табобат намудем. Бояд зикр кард, ки Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ новобаста ба шароити буҳрони иқтисодӣ ва молиявӣ чунин кори хайру некро пеш гирифта, ба масъалаи саломатию фароғатии аъзояш эътибори махсус медиҳад.**

**Ҳангоми ба осоишгоҳ ворид гаштан худро дар иҳотаи дӯстон, ҳамкасбон, аз ҷумла раиси кумитаи иҷроияи ҳизб дар шаҳри Турсунзода, зани бениҳоят ҳалиму ташкилотчӣ Мӯистон Азизова ҳис намудем.**

**Бо дастгирии онҳо бо ҷойҳои таърихии шаҳри Турсунзода, осорхона, ва фаъолияти коргарони завод аз наздик шинос шудем. Осоишгоҳ дар ҳақиқат дар як мавзеи ороми шаҳр ҷойгир буда, тамоми шароити истироҳату табобат муҳайё мебошад. Мо миннатдории худро ба сардухтури осоишгоҳ марди ҳалиму хоксор Абдуҳаким Меликов, муовини сардухтур Абдураҳмон Баҳронов, табибон Уктам Турсунов, ҳамшираҳои шавқат Д. Ҳамроева, Г. Набиева ва дигар кормандони нуқтаҳои табобатӣ, ки бо хушмуомилагию чеҳраи кушод корҳояшонро бо сифати баланд ва аз рӯи виҷдон ба ҷо меоранд, изҳор меорем.**

*Аз номи гурӯҳ* Ҳ. АБДУҶАМИЛОВ, *собиқ раиси кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Рашт*

***Ба наздикӣ бо як эронии бурунмарзие суҳбат доштам, ки дар як кишвари аврупой аз ҳисоби коргарӣ зиндагӣ мекунад. Дониши адабӣ ва иҷтимоию фалсафие, ки дорад, дареғо, баъзе донишмандони шинохтаи мо надоранд. Бе муҳобот мегӯям!***

# Бояд аз таккабур ва авомфиребӣ парҳез кард

**ТАКАББУР** ва популизм (авомфиребӣ) и теъдоде аз равшанфикрони тоҷик онҳоро вомедорад, ки ҳар чӣ бештар варақҳоро бо музахрафот ва ҳазён сиёҳ кунанд. Чун онҳоро дар илму адаб ва фарҳанги ҷаҳонӣ эътироф накардаанд, мехоҳанд бо роҳи авомфиребӣ байни мардуми бесаводу ҷоҳил мавриди писанд қарор гиранд. Аз ин рӯ, он чӣ авом намеписандад, онҳо намегӯянд. Он чӣ мегӯянд,  обшуста ва пучу газоф, яъне бе моҳияти инсонӣ ва иҷтимоӣ аст.

Муқоисае, ки Масъуди Миршоҳӣ дар мусоҳибаи худ бо рӯзномаи "Тоҷикистон" ("Тоҷикони хурофотӣ ва эрониёни фарҳангӣ", № 43 (1137)  дар байни мардум ва равшанфикрони тоҷик ва эронӣ кардааст, шаҳодати ин ҳол аст. Равшанфикрони эронӣ дар раъси маҳфилҳо, конфронсҳо ва марказҳои илмию фарҳангии ҷаҳон қарор доранд. Ба ҷуз дар Эрони исломӣ, онҳо дар ҳама гӯшаву канори ҷаҳон барномаҳо ва марказҳои рушди фарҳанги эронӣ, аз қабили анҷуманҳои хурофазудоӣ, зидди таассубу ифротгароӣ ва эроншиносии илмӣ ташкил додаанд. Онҳо созанда, ташаббускор ва тамаддунсозанд. Барои он ки донишманд, забондон ва дар сатҳи ҷаҳонӣ эътирофшуда ҳастанд.

Масъуди Миршоҳӣ аз забони бонуи сураткаше формулаи зебо ва гӯё дар мавриди вазъияти Тоҷикистону Эрон овардааст: "Ҳукумати Эрон динӣ ва хурофотист, аммо мардумаш фарҳангӣ; давлати Тоҷикистон демократӣ ва дунявист, аммо мардумаш динӣ ва хурофотӣ". Занҳои эронӣ фаъол, мубориз, таҳлилгар, озода ва падидашинос ҳастанд, вале занҳои тоҷик дар зери бори хурофоту ҷаҳолат, расму русуму одоби қадимӣ ва сохти иҷтимоии феодалӣ ва ҳатто ғуломдорӣ мондаанд. Ҷавонони бурунмарзии эронӣ миллатдӯст, илмпарвар ва дунявӣ, аммо ҷавонони бурунмарзии тоҷик (муҳоҷирони тоҷик дар Русия, Туркия, Эрон, Покистон, Арабистон, Аврупо...) бедониш, мутаассиб, ифротӣ, динзада, бегонапараст, маҳалгаро ва беташаббусу беҷасоратанд.

Иддае аз ба ном "равшанфикрони тоҷик" ҳам, бо сабаби дониши маҳдуд, надонистани забон, бегонаситезӣ ва тарсуию беҷуръатӣ, худнамоӣ мекунанд. Масъуди Миршоҳӣ ишора мекунад, ки онҳо аз кору пайкор канор мегиранд ва бо журналистон суҳбат мекунанд. Чаро? То ки онҳоро дар расонаҳо тарғиб (реклама) кунанд. Ҳамин аст, ки дар Тоҷикистон ҳамеша равшанфикрони сатҳи авом маъруфу машҳуранд. Бо сабаби кибру ғуруре, ки доранд, вале онро дар байни донишмандони сатҳи ҷаҳонӣ наметавонанд нишон диҳанд (пучиро чӣ гуна мешавад ба намоиш гузошт, ки ба ҷуз расвоӣ чизе намеорад!).

Дигар гурӯҳи равшанфикрони тоҷик фурсатталаб ва ё ба забони китобӣ оппортунист (аз забони лотинӣ - opportune, яъне фурсат, имкон) мебошанд. Чун онҳо ҷасорат надоранд ва дар айни замон мехоҳанд дар байни мардум шуҳрату ном дошта бошанд, манфиатҷӯ мешаванд. Ташаббускор нестанд, балки сахт эҳтиёткору мулоҳизакор ҳастанд. Политкоррректанд, яъне он чӣ сиёсати рӯз талаб мекунад, ҳамонро мегӯянд, вале фақат дар зоҳир ба ин сиёсат вафодоранд. Дар ботини онҳо чӣ мегузарад, дигар аст. Чун вазъияту фурсат иваз шуд, онҳо ҳам иваз мешаванд, ранг мебозанд ва ниқоби сиёсати навро ба рӯи худ мекашанд. Садрӯ ҳастанд. Ҳар чӣ гуфтанд, тӯтивор ҳамонро мегӯянд. Аз изҳори ақида меҳаросанд ва ончуноне мегӯянд, ки на дӯст ранҷаду на душман, ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад...

Сар то пои ин "равшанфикр"-они фурсатталаб манфиат аст. Дину мазҳаб ва ақлу дониши ӯ манфиат мебошад. Чун манфиат ҳадафи омехта бо тарс аст, аз ин рӯ, ин тоифа одамон фаъол нестанд, балки бемасъулият, пассив ва кунду карахтанд. Ба ҷои онҳо дигарон андеша мекунанд ва тасмим мегиранд. Равшанфикри асил масири таърихро иваз ва муайян мекунад, вале ӯ наметавонад. Балки ӯ ба мисли авом ба тақдир бовар дорад ва ба он тан додааст. Сабаби шикасти равшанфикри тоҷик ҳамеша ба ҳамин хислатҳои тарсуӣ ва манфиатҷӯӣ, ки якҷоя фурсатталабиро ташкил медиҳанд, рабт доштааст. Ҳатто як мулло, бо вуҷуди мутаассиб, тангназар ва ақибмонда буданаш ҳам, фурсатталаб нест, чунки дар роҳи ҳадафи худ, ки сохтани давлати исломӣ мебошад, наметарсад ва ба манфиатҳои ба истилоҳи ӯ "дунявӣ" ва "дурӯза" дода намешавад. Вале равшанфикри тоҷик ҳам метарсад ва ҳам тамаъҷӯӣ мекунад.

Равшанфикри тарсу ва манфиатҷӯ, ки ба курсии мақому манзалат ва ҷоҳу ҷалол нишаст, хислати дигаре ба худ касб мекунад. Ин хислати оромишталабӣ (комформизм) аст: галстук бастану шиму костюм ба бар кардан ва дар курсии роҳат нишастан. Шояд ин гуна равшанфикр худро аз назари сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ дар оромию осудагӣ бубинад. Чизакҳои ҳақиронае мегӯяду менависад, то дигарон ақаллан фаромӯшаш накунанд. Виҷдонаш ҳанӯз куллан намурдааст.

Як заминаи таърихии фурсатталабӣ дар зеҳн ва фарҳанги тоҷик ба бархӯрдҳои сиёсие бармегардад, ки дар давраҳои гуногуни таърихӣ дар сарзамини ӯ, ки минтақаи Осиёи Марказии имрӯзаро фаро мегирад, ба вуқӯъ мепайвастанд. Қавму қабилаҳои бегона зуд зуд ба ин сарзамин ҳуҷум мекарданд ва дар аксарияти мавриди ҳокимиятҳои маҳаллиро шикаст медоданд ва ба ҷои онҳо ҳокимияти худро барпо мекарданд. Дар ин гуна вазъият он қишри ҷомеа, ки онро мо имрӯз равшанфикр меномем, тамошобин ва миёнарав буд. Бо ин сабаб, онҳо дар хизмати ҳокимон қарор мегирифтанд. Ба хоҷаҳои пешинаи худ хиёнат мекарданд ва ба навдавлатон савганди вафодорӣ медоданд. "Зиракии сиёсӣ" и онҳо дар он буд, ки назора мекарданд, кадом қабилае ғолиб меояд, то ки зуд ба тарафи ӯ гузаранд. Ҳамин буд, ки дар мадҳу ситоиши золимтарин халифаҳои Аббосӣ чун Ҳорунаррашид  ва султонҳои туркии Салҷуқиён, Ғазнавиён, Усмониён ва Темуриён шеър мегуфтанд ва рисолаҳои ирфонию ахлоқӣ ва гоҳе сиёсӣ менавиштанд.

Ҳамин хислати фурсатталабӣ ва оромишхоҳӣ буд, ки бисёре аз равшанфикрони коммунистмаоби мо баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ якбора муллову ҳоҷӣ шуданд. Шаҷараномаҳои худро тартиб доданд, ки гузаштагони онҳо на "коргару деҳқони одӣ ва камбағал" (аксиомае, ки талаби замони шӯравӣ буд), балки тураву эшон ва хоҷаву сайид будаанд. Онҳо интизор доштанд, ки ба зудӣ давлати исломӣ барпо мегардад, ки ҳуҷҷати он на шиносномаи миллӣ, балки шаҷараномаи насабӣ аст. Насабсозӣ ва насабтарошӣ ягона кашфиёти равшанфикрони тоҷик дар давраи Истиқлол аст.

Билохира, хислати дигари баъзе равшанфикрони тоҷик муҳофизакорӣ (консерватизм) ҳаст. Ба мисли Ҷамароти Макка, вазифаи онҳо ба худ гирифтан ва баргардондани санги маломати дигарон дар нисбати таърихи фарҳанги миллати тоҷик аст. Равшанфикрони муҳофизакори тоҷик ба назарияи тавтеа (сӯиқасд; теория заговора) бовар доранд. Мегӯянд, халқи тоҷик хислатҳо (характерҳо) и бад, аз қабили танбалӣ, фориғболӣ, бесалоҳиятӣ, ноустуворӣ ва дурӯягиро надорад, балки бадхоҳон ба ӯ инро нисбат дода, маҷбурӣ таҳмил кардаанд. Ё маслиҳат медиҳанд, ки статус кво, яъне рукуди таърихии худро ҳифз намоем, вагарна ҳаминро ҳам аз даст медиҳем (нигаред: Урун Кӯҳзод, "Магар тоҷик танбал аст?" 12 ноябри с. 2015, (http://pressa.tj); Абдуллои Раҳнамо, "Масъалаи амният сарнавишти давлатҳои Осиёи Марказиро муайян мекунад", 19 ноябри с. 2015 ( http://www.tojnews.tj).

Албатта, иваз шудани характери тоҷик дар масири таърих бо сабабу омилҳои гуногун вобастагӣ доштааст. Бахусус, дар давраи Ислом онҳо куллан дигар шуданд. Мардуме, ки дунявӣ, сиёсӣ ва фалсафӣ буданд, мазҳабӣ ва сӯфӣ шуданд. Номи дуюми онҳо то ислом озодагон (озоткон) буд, вале дар давраи ислом мартабаи бандагӣ ва хоксориро бо ифтихор қабул карданд. Аммо як нукта бисёр муҳим аст, ки фақат дигарон сабабгор ва ё гунаҳкор нестанд, ки мо тағйири характер кардем. Баъдан, шояд (балки яқин аст!) то ислом ҳам ин қадар озода набудаем, вагарна бузургтарин мутафаккири худ - Маздакро золимона намекуштем, дар ҳаққи Бобаки Хуррамдин хиёнат намекардем ва ситамгороне чун Анушервони Сосонӣ ва Ҳорунаррашиди Аббосиро шоҳони одил ва саховатпеша намегуфтем. Ҳар боре ки як нафар ба бознигарии танқидии характери тоҷик мепардозад, равшанфикрони муҳофизакор дар байн медароянд ва хонаи фарсудаи худро аз ин "бегонапараст" ҳимоя мекунанд.



Бе тардиду шубҳа гуфта метавонам, ки мусоҳибаи Масъуди Миршоҳӣ аз беҳтарин дастовардҳои равшанфикрии тоҷикон дар солҳои охир ба шумор меравад. Ин донишманд ва пизишки эронӣ солҳои зиёд дар доираи Анҷумани Рӯдакӣ барои пешбурди фарҳанги Тоҷикистон саҳм мегузорад.

Мо ба ин бовар ҳастем, ки дар шинохту қабули арзишҳои фарҳангии худ бояд ба ақлу хирад кор гирем. Дар як маҳфил, ки тақрибан соли 2012 дар шабакаи телевизионии "Пойтахт" баргузор шуда буд, Шодӣ Атоӣ - ҷасоратмандтарин ва росттарин узви маҳфил ба занситезии Муҳаммад Ғаззолӣ ишора карда буд ва дар як мақолаи дигари худ аз осори ӯ мисолҳо оварда буд. Бисёре аз равшанфикрон ба сари ӯ шӯрида буданд, вале домани рӯшноӣ ва ҳақиқатро ҳеч гоҳ пӯшонда намешавад.

Дар мақолаҳо ва тавсияҳои худ ба унвони мардум ва ҳукумати Тоҷикистон мо ҳамеша таъкид мекардем, ки дар кишвари мо ба қадри кофӣ масҷидҳо сохта шудаанд. Акнун навбати сохтани марказҳои фарҳангӣ ва дунявӣ аст.

Дар навиштаҳои худ инчунин дар бораи ҷараёнҳо ва гурӯҳҳое бисёр гуфтаем, ки на фақат мазҳабишавӣ ва ифротгароии ҷавонро метезонанд, балки инчунин ба фароҳам овардани заминаҳои инқилоби исломӣ мусоидат мекунанд. Дар ин робита, омӯзишҳое дар атрофи Ҳаракати Гулен, Ихвон ул муслимин ва тарафдорони онҳо дар дохили кишвар анҷом дода будем, ки онҳоро манзури ҳам мардум ва ҳам ҳукумати кишвар кардем. Дар бораи мазҳабишавии (теологизатсияи) илму адабиёт ва символизми динӣ, аз қабили намоз, сатр ва ҳаҷ гуфта будем, ки ҳамаи онҳо бо ҳадафҳои муайяни сиёсӣ идора мешаванд. Дар ин мавриди, таъкиди устод Миршоҳӣ оиди ҳаҷ ҷолиби таваҷҷу ҳаст, ки нигаронии моро низ ифода мекунад. Чаро шайхҳои араб ҳаҷро бепул намекунанд ва ё чаро даромади молии ҳаҷро ба кишварҳои исломӣ баробар тақсим намекунанд. Ва ё худо фақат ба онҳо тааллуқ дорад?! Чаро шайхҳои араб гурӯҳҳои ифротгарое чун Ал Қоида, Толибон ва ДИИШ ро маблағгузорӣ мекунанд? Чаро қасрҳое дар дохили ҳавопаймо ва ё ҷазираҳои сунъие дар баҳрҳо дуруст мекунанд, вале ҳамдинону ҳамқавмонашон, аз қабили яманиҳо аз гуруснагию бeморӣ ва ҷангҳои мазҳабӣ мемиранду дарбадар мешаванд? Чаро Саудиву Қатар, Қувайту Аморатҳои Муттаҳидаи Араб ва Туркия ҳамқавмони гурезаи худро аз Ироқу Сурия ва дигар кишварҳои ҷангзадаи мусулмонӣ қабул намекунанд, то ки онҳо, ба қавли худашон, муҳтоҷи дари кофирон нашаванд?

Дар паҳлуи Миршоҳӣ, мо низ чандин дафъа аз Наврӯз дифоъ кардем, чи бо навиштани мақолаҳои илмӣ ва чи бо баромаду гузориш дар расонаҳо. Муллоҳо Наврӯзро куфр гуфтанд, вале мо нагузоштем, ки ин ақида ба афкори умум табдил ёбад.

Дар мавриди хатти ниёгон низ мо бо Миршоҳӣ ҳамфикрем. Агар принсип "бозгашт ба асл" бошад, пас, мо бояд ба хатти авастоӣ баргардем, ки дар муқоиса ба хатти арабиасоси форсӣ ниёгонитар ва комилтар аст. Чун он ҳамаи овозҳо, аз он ҷумла садонокҳо ва тарзҳои гуногуни талаффузи онҳоро бо ҳарфҳои хос ифода мекунад.

Мо бо Миршоҳӣ ҳамфикр ҳастем, ки мушкилоти коргузорӣ, девонсолорӣ, андозситонӣ ва фасод (коррупсия) вуҷуд дорад, ки бисёр лоиҳаҳои иқтисодӣ амалӣ намегарданд. Дар ин мавриди мақолаҳо, консепсияҳо ва пешниҳодҳои бисёре таҳия ва ба унвони ҳукумат ирсол карда будем. Умедвор ҳастем, ки солҳои наздик дар самти рушди саноати кишвар, сохтани ҷойҳои нави корӣ, ҷалби сармоягузорӣ, дастгирии соҳибкорони ватанӣ ва бурунмарзӣ Тоҷикистон ба дастовардҳои назаррас ноил мегардад. Барои расидан ба ин ҳадаф, бояд ҳар чӣ зудтар мушкилот ва камбудиҳо рафъ гарданд. Омӯзиш ва парвариши фарҳангии кӯдакону ҷавонон бисёр зарур аст, то ки ҷомеа аз вартаи хурофоту ҷаҳолат ва таассубу ифротгароӣ берун ояд. Мушкилоти бекорӣ бояд ҳар чӣ зудтар роҳи ҳал пайдо кунад, вагарна кори фарҳангӣ бенатиҷа хоҳад монд.

**Ҳафиз БОБОЁРОВ**

# ҒАРБРО ШЕВАИ ИСТЕЪМОР АСТ

**Кишварҳои ғарбӣ, ки акнун ба ҷаҳониён демократия ва асли озодии суханро ҳамзамон бо ҳимоят аз ҳуқуқи инсон гӯё ёд медиҳанд, худ дар хуну ҷисм одати дар ҳолати истеъмор нигоҳ доштани инсонҳоро доранд.**

## ЗАНҲОИ ИРЛАНДИИ ҒУЛОМ БО ЗАНГИҲОИ АФРИҚОӢ ҶУФТ МЕШУДАНД

Аз рӯйдодҳои таърихи начандон дур маълум мешавад, ки гузаштагони онҳое, ки акнун ба дигарон дарси ҷомеаи маданӣ ва баробарҳуқуқиро меомӯзанд, ҳамон хӯйи таҳти таъсир ва фармон нигоҳ доштани миллатҳои дигарро дошта, ин одатро акнун ба шакли нав тарвиҷ мекунанд.

Дар ҳамон Ғарбе, ки ба дигарон сабақи одаму одамгарӣ ёд медиҳад, дар гузашта англисҳо ба таври саросарӣ ғуломзанҳои арзони ирландиро бо бардагони гаронбаҳои африқоӣ дурага (ҷуфт) мекарданд. Бо ин роҳ ҳам насли хушзоти ғуломон ба даст меомад ва ҳам аз харҷе, ки барои харидани ғуломони африқоӣ бояд мешуд, сарфа мегардид. Бардагон барои сарватмандон ва ашрофҳои англис дар баробари қувваи арзони корӣ як василаи дилхушӣ ҳам буданд.

Дар беш аз 20 соли пас аз шикасти Шӯравӣ кам касе монда, ки худ тавсифу таърифи Ғарбро накарда ва ё аз дигарон дар ин бора нашунида бошад. Тавсифи низоми ба назар пешрафтаи ғарбӣ тайи ин муддат дили бисёриҳоро ба монанди як афсонаи ширин об кардааст. Кор ба ҷое расид, ки ҳама роҳи ободиро дар ҳамкорӣ бо Ғарб мебинанд ва чун шароити ба ин сатҳ расидан маҳдуд аст, орзу мекунанд, ки шояд рӯзе ояд, ки имкони кӯчидан ба ин гӯшаи афсонавӣ осон шавад.

Вале ҳоло гап дар ин бора намеравад, балки мавзӯе мавриди баҳс аст, ки ғарбиҳо чандон хуш надоранд, дар борааш суҳбат кунанд. Мавзӯе, ки дар таърихи ҳамин "ғарби ба назар ваҳшӣ не" ҷойгоҳи махсус дорад, мавзӯе, ки суҳбат дар борааш мамнӯъ аст.- Мавзӯе, ки асрори ба ин сатҳи рифоҳ ва рушд расидани кишварҳои ғарбиро то ҳадде мекушояд. Услуби хоси истеъморгарони ғарбиро возеҳ мекунад. Барои онҳое, ки ҷавҳари андеша ва таҳлилро доранд, нишон медиҳад, ки омили дастдарозии Ғарб ба қора ва қитъаҳои дигари сайёра, таҳқири миллатҳои хурду нотавон дар асрҳои гуногуни таърих ба чӣ далелу сабаб будааст. Боз ҳам маълум хоҳад шуд, ки мақсад аз дасти ёрӣ дароз кардану кӯшиши ҳамкорӣ намудан бо кишварҳои дигари ҷаҳон на он чизе ҳаст, ки талқин мешавад, балки он аст, ки ба ин васила ин сарзаминҳо ғасб, тамаддуни миллат ва қавмҳои бумӣ маҳв ва имкони дастёбӣ ба замин, захираҳои фаровони ин минтақаҳо боз ҳам дар ихтиёрашон бошад.

Кишварҳои истисмогари ғарбӣ фақат нисбати қавму миллатҳои маскун дар қора ва қитъаҳои дигар чунин дастдарозӣ надоштаанд, балки таърих гувоҳ аст, ки дар гузашта ҳатто бо ҳамсоягони наздики худ ваҳшиёна муносибат мекарданд.

Дар китобу филмҳое, ки аз таърихи Америка ҳикоят мекунанд, асосан саҳнаҳое аз ғуломони зангӣ ё сиёҳпӯст мавҷуд аст. Аммо дар таърихи ин кишвар ғуломони сафедпӯст ҳам замоне буданд.

Америка дар ибтидо ғуломони сафедпӯст дошт ва зангиҳо хеле баъдтар ҷои ононро гирифтанд.Корҳои сохтмону нақбканӣ ва кор дар майдонҳои кишоварзӣ аз сӯи сафедпӯстон, ки асосан аз Ирландия ба ин кишвар бурда мешуданд, ба иҷро мерасид.



Муҳаққиқи канадагӣ Ҷон Мартин аз Монреал мақолаҳое дар бораи ин бардагони ирландитабор навишта ба нашр расондааст, ки саҳифаҳои норӯшани ин таърихи нангинро бозтоб кардааст.

Ӯ менависад: - Ғуломони сафедпӯсти аврупоиро киштиҳои боркашони бритониёӣ ба соҳилҳои ҳар ду Америка -Шимолӣ ва Ҷанубӣ ҳамчун моли зинда меоварданд. Ин ҷонҳои зинда - мардон, занон ва ҳатто кӯдакони хурд, садҳо ҳазор нафар оварда мешуданд. Агар касе аз онҳо ба чизе эътироз ва ё фармонеро иҷро намекард, ба таври бераҳмона ҷазо дода мешуд. Соҳибаш метавонист ин бандаи гунаҳкорро аз дастонаш овезад ва ё дасту пояшро дар оташ сӯзонад. Баъзеҳоро зинда дар оташ месӯзонданд, сарҳояшонро то чанд муддат дар гӯлмеҳҳо дар майдони бозор овехта мемонданд, то ба дигарон сабақ шавад."

Ғуломони сафед низ ҳамон ҳолеро доштанд, ки мо аз филму китобҳо дар бораи ғуломони зангии африқоӣ медонем.

Шоҳ Ҷеймс VI (1567 - 1625) ва Чарлзи 1 (1600 - 1649), ки ҳокими Англия, Шотландия ва Ирландия буданд, кӯшиши бисёре ба хотири фармонравоӣ ба ирландиҳо кардаанд. Оливер Кромвел (1599 -1658) шоҳи дигари бритониёӣ ҳам амали аз ҳуқуқи инсонӣ маҳрум сохтани наздиктарин ҳамсояҳои худро идома дода буд.

Ба ғуломӣ фурӯхтани ирландиҳо замоне оғоз гардид, ки Ҷеймс VI 30000 маҳбуси ирландиро ба ҳайси ғулом ба Америка, кишваре, ки тоза кашф шуда буд, ба бардагӣ фурӯхт. Эъломияи ӯ дар мавриди ба он сӯи уқёнус бадрақа кардани зиндониёни сиёсӣ соли 1925 содир гардид. Бар асоси ин санад масъулони англисӣ вазифадор буданд, ки зиндониёнро ба Америка интиқол дода, ба англисҳои муҳоҷири маскуншуда дар Вест-Индия (ҷазираҳое воқеъ дар минтақаи Америкаи Шимолӣ ва Баҳри Кариб, ки дар ҳоли ҳозир 25 кишварро дар бар мегирад ) бифурӯшанд. Қаламрав ва мардуми ин кишварҳо, ки Антигуа, Куба, Гаити, Ямайка ва Монстерат ҳам аз он ҷумла мебошанд, як давраи тӯлонӣ дар ихтиёр ва дар тобеияти се кишвари истилогар Англия, Франсия ва Америка қарор доштанд.

Бинобар гузориши таърихнигорон, дар миёнаҳои солҳои 1600 ирландиҳо бахши асосии ғуломонеро ташкил медоданд, ки ба Антигуа ва Монстерат фурӯхта мешуданд. Дар он замон 70 дарсад ҷамъияти Монстерат ғуломони ирландӣ буданд. Ирландия, ки то ба ҳол таҳти тобеияти Англия асту бо вуҷуди талошҳои бисёр мардумаш ҳеҷ наметавонад истиқлоли худро ба даст орад, дар он даврон аз сӯи савдогарони англис ба манбаи асосии парваришу тайёр кардани моли зинда- инсонҳои ғулому беҳуқуқ буд. Аввалин ғуломони Ҷаҳони Нав ҳам аксарият сафедпӯст ва ирландиҳо буданд.Аз соли 1641 то 1652 беш аз 500 000 ирландиро англисҳо кушта, 300 000 нафари дигарро ба ғуломӣ фурӯхтаанд.Дар ин муддат афзоиши ин қавм маҳдуд шуда ва саршуморашон дар як даҳсола аз 1 миллиону 500 ҳазор то ба 600 ҳазор нафар коҳиш ёфтааст. Оилаҳо аз байн рафтанд, зеро британиягиҳо иҷозат намедоданд, ки падарон ва сардорони хонаводаҳо фарзандон ва занонашонро вақти сафар аз тариқи уқёнуси Атлантик бо худ баранд. Чунин муносибат боис шуд, ки занон ва кӯдакони бепарастор сахт осебпазир бошанд. Бар асоси дастури мақомот онҳо низ фурӯхта мешуданд.

Манбаъҳои таърихӣ иттилоъ медиҳанд, ки дар давоми солҳои 1650 зиёда аз 100 000 бачаҳои ирландӣ, ки синни аз 10 то 14- соларо доштанд, аз хонаводаҳояшон гирифта шуда, ба ғуломӣ ба Вести- Индия, Вирҷиния ва Англияи Нав фурӯхта шудаанд. Тайи ин муддат 52 ҳазор ирландиҳоро,ки асосан зан ва кӯдакон буданд, ба Барбадос ва Вирҷиния ҳамчун ғулом бурдаанд.

Дар соли 1656 2 ҳазор бачаҳои ирландӣ бо фармони шоҳ Кромвел ба Ямайка интиқол гардида ва онҷо ба муҳоҷирони англис ба ғуломӣ фурӯхта шуданд. Дар Ғарб бисёриҳо аз истифодаи истилоҳи ғулом нисбат ба ирландиҳо дурӣ меҷӯянд ва бо рӯпӯш кардани ин воқеият вақте дар бораи ин саҳифаи таърихи ирландиҳо мегӯянду менависанд, истилоҳи "коргарони қарордодӣ "- ро пешниҳод мекунанд. Аммо таърих гувоҳ аст, ки дар асрҳои 17 ва 18 ғуломони ирландӣ ба ҷуз аз моли зинда будан ҳаққи дигаре надоштанд.

Оғози даврони ба ғуломӣ фурӯхтани африқоиҳо ҳам дар он айём буд ва тибқи навиштаи таърихнигорон муносибат бо ғуломони зангӣ, ки бештар фармонбардор буданд, беҳтар аз муносибат бо ирландиҳо буд.

Бар асоси санадҳои мавҷуд дар бойгониҳо, ғуломони африқоӣ дар охири солҳои 1600 арзиши баландтар аз ирландиҳоро доштаанд ва як ғулом ба ҳисоби миёна 50 фунт стерлинг фурӯхта мешуд.

Агар ғуломдор як ирландиро бо таҳқиру лату кӯб мекушт, ин ҷиноят ҳисоб намешуд ва қотил танҳо бо пардохти хунбаҳо халос мешуд,вале агар чунин амале нисбат ба як ғуломи зангӣ анҷом мегирифт, ҷиноят дониста мешуд ва ҷуброни бештари молӣ пардохт мекард.

Ғуломдорони англис хеле зуд арзиши болои ғуломони зангиро дарк карда, барои афзоиши шумораашон бо истифода аз манбаъ ва имконоти мавҷуд оғоз карданд. Барои иҷрои ин мақсад аз занҳои ғуломи ирландӣ истифода мебурданд. Ин амалро ҳам барои хушнудии худ ва ҳам бо мақсади нафъи зиёдтар ба даст овардан анҷом медоданд. Фарзандони аз роҳи ҷуфт таваллуд шуда, низ ғулом буданд ва нархи гаронтаре доштанд.

Дар сурати ба сабабе озод шудани зани ирландӣ аз ғуломӣ фарзанди ӯ чун ғулом дар хонаи соҳибаш боқӣ мемонд. Бо ин сабаб бисёре аз модарон маҷбур мешуданд, ки ба озодӣ нараванд ва ба хотири фарзанди худ боз ҳам ғулом бимонанд. Фарзандони ғуломзодаи дурага дар бисёре аз ҳолатҳо ба ин ки шаклу симои зебанда доштанд, дар бозор бо қимати гаронтар фурӯхта мешуданд. Аз ин роҳ савдогарони англис даромади бештаре мегирифтанд.

Таҷрибаи дурага кардани ғуломон чандин даҳсола идома кард ва чунон паҳн гардид, ки давлати Англия маҷбур шуд, дар соли 1681 дастуреро ба манзури манъи ин амал қабул кунад. Бар асоси ин санад ҳар гуна амали дурага кардани занони ирландӣ бо мардони африқоӣ бо мақсади тавлиди фарзандони ғулом барои фурӯш манъ гардид.

Аммо далели ин иқдом ҳифзи асолати миллии ирландиҳо не, балки он будааст, ки яке аз ширкатҳои бонуфузи бритониёӣ, ки ба интиқоли ғуломон аз Африқо машғул буд, аз тавлиди ғуломони ҷуфтшудаи гаронбаҳо дар худи Аврупо зарари молӣ медид.

Бино ба гузоришҳо, Англия ирландиҳоро ба унвони ғулом беш аз як аср мефурӯхт. Ҳатто пас аз исёни ирландиҳо дар соли 1798 ҳазорҳо ғуломони баромадашон аз ин қавм дар Америка ва Австралия савдо шудаанд.

Ҳеҷ ҷои шубҳа нест, ки ирландиҳо дар тӯли асри 17 тамоми мушкилоти ғуломдориро аз сар гузарондаанд, ки африқоиҳо низ дар он даврон дида буданд. Имрӯз дар кишварҳои ташкилшуда дар минтақаи Вест -Индия ( Ҳинди Ғарбӣ) сабзинаҳое (смуглые), ки дар миёни аҳолии маҳаллӣ ба чашми сайёҳон мехӯранд, ҳам решаи ирландӣ ва ҳам африқоӣ доранд. Фақат дар соли 1839 буд, ки Британия дар ниҳояти кор тасмим гирифт, аз ин роҳи шайтонӣ берун равад ва ғуломфурӯшиашро бас кунад.Ин иқдом ба тадриҷ мизони ҷабру таҳқир ва беҳуқуқии ирланидиҳоро коҳиш дод.

Онҳое, ки фикр мекунанд, дар гузашта ғуломдорӣ танҳо дар Африқо, кишварҳои осиёӣ ва дар қабоили араб ривоҷ доштааст, иштибоҳ мекунанд. Агарчӣ сафедпӯстони Аврупо имрӯз бо ба худ гирифтани нақши ҳомиёни ҳуқуқи башар дар ҷаҳон, талош мекунанд ин саҳифаи нангинро аз таърихи Англия бишӯянд, вале он даврони ғуломдорӣ дар Ирландия ва азияте, ки нисбати ин қавм дар гузаштаи начандон дур раво дида шудааст, аз ёду зеҳнҳо зудуда шавад.

**Бисёре аз муҳаққиқон бар ин назаранд, ки амалиёти аз Сурияву кишварҳои дигари дар ҳоли ҷанг ба Аврупову Америка интиқол додани садҳо ҳазор нафар муҳоҷирон маҳз ба ҳадафи пур кардани бозори нерӯи кори арзон иҷро мешавад.**

Коршиносон ин муҳоҷиратро ҳам як шакли замонавии тавсеаи сиёсати истеъмории Ғарб медонанд. Дуруст аст, ки ин мавзӯъ дар баҳсу мунозираҳои сиёсии байналмилалӣ матраҳ намешавад, зеро бо вирди забонҳо гардидани ин таърих нисбат ба бисёре аз иддаоҳои ҳаррӯзаи кишварҳо ва созмонҳои ғарбӣ саволҳо пайдо мешавад. Қавме дар натиҷаи ин амали судхӯрона қариб буд аз байн равад, вале ворисони ҳамон сиёсати ғуломдорӣ, ки имрӯз худро ҳомиёни ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ҷаҳон медонанд, кӯшиш доранд, аз ин таърих ҷое ёд нашавад. Ва гӯё чунин чизе дар гузашта набуд.

Дар он даврон ягон ғуломи азиятдидаи ирландӣ ба кишвари худ барнагаштааст, то қиссаҳои нангинро аз саҳифаҳои рӯзгори сангини худ ба ҳамшаҳриёнаш нақл кунад. Аммо дар бойгонии таърихи худи кишварҳои ғуломдору ғуломфурӯш санадҳое аз доду ситади ғуломон маҳфуз аст. Санадҳое, ки аз ваҳшонияти ғарбиҳо бо зеҳну андешаи тамаъкор, ки худро аз "нажоду ирқи боло" медонанд, гувоҳӣ медиҳанд!

**Солеҳ ЮСУФОВ**

**Рӯзе нест, ки миёни хабарҳои рӯз ба қарз ғӯта хӯрдани нафаре, хонаро ба фурӯш гузоштани дигаре, аз ҷониби бонк мусодира шудани манзиле миш -миш нашавад. Чеҳраҳои андешаманду маҳзуни нафарони дар навбат истодаи хазинаҳои пулсупории офисҳои бодабдабаи ташкилотҳои қарзии хурд касро ба андеша водор мекунад, ки куҷост он рекламаҳои аёнию шифоҳии хизматрасониҳои беминнате, ки бонкҳои тиҷоративу ташкилотҳои хурдӣ қарздиҳӣ сокинонро ба ҳамкорӣ даъват менамоянд? Онҳо баҳри мусоидати некӯаҳволии шаҳрвандон камар бастаанд ё … Наход барои муфлистар шудани ҳар яки мо?**



# ОБМӮРӢ АЗ БОҒ КАЛОН

Ин андешаҳо моро водор кард, то ба фаъолияти рӯзмарраи бонку ташкилотҳои қарздиҳӣ таваҷҷуҳ дошта бошем.

Ба ифодаи собиқ раиси Бонки миллӣ, муовини Сарвазири Тоҷикистон, раиси ҶСК "Агроинвестбонк" Муродалӣ Алимардон имрӯз калавиши қурби асъор дар минтақа вазъи бисёр вазнинро ба бор овардааст, ки ба иқтисодиёти Тоҷикистон бетаъсир буда наметавонад. Иқтисодиёти мо бо иқтисодиёти кишварҳои шарикони стратегӣ, махсусан Русия, Қазоқистон ва давлатҳои дигари минтақа ҳалқаҳои як занҷир ҳастанд. Паст рафтани қурби пули русӣ сабабгори коҳиши иқтисодиёт ва қурби пулии миллии Қазоқистону Қирғизистон, Озарбойҷону Тоҷикистон ва ғайра гашт. Вобастагӣ миёни кишварҳо мисли резасангҳои домани кӯҳ мебошад. Агар як санг аз кӯҳ афтад, сад санги дигарро аз паси худ мекашад.

Аз ин ҷараён пули миллии мо дар канор намонд. Агар дар оғози буҳрони молиявии минтақавӣ қурби 1 доллар баробар ба 4,80 сомонӣ буд, имрӯз он ба 7,10-7,25 сомонӣ баробар шудааст. Хоҳемнахоҳем, ин ба иқтисодиёт мамлакат муносибати тиҷоратӣ бо шаҳрвандон нақши бориз доранд. Зеро хоҳу нохоҳ барои пешбурди соҳибкорӣ, харидории манзилу амвол ва дигар зарурияти таъсири худро мерасонад. Ва дар чунин марҳилаи ҳассос ба бонкҳо муроҷиат кардан лозим меояд.

Сол ба сол сатҳи хизматрасонии бонкҳо инкишоф ёфта, номгӯи қарзҳои ба мизоҷон пешниҳодшаванда рӯ ба афзоиш дорад. Новобаста ба он, ки дар кишвар бонкҳои зиёд (беш аз 150 адад) амал менамоянд, рақобати миёни онҳо ба паст кардани фоизҳои қарзӣ далолат намекунад.

Машҳуртарин бонкҳои кишвар "Агроинвестбонк", "Ориёнбонк", "Амонатбонк", "Тоҷиксодиротбонк", "Тоҷпромбонк", "Бонки Эсхата", "Соҳибкорбонк", "Аввалин бонки молиявии хурд","Фононбонк", "Казкоммерсбонки Тоҷикистон", "Кафолатбонк", "Аксесс Бонк Тоҷикистон " мебошанд, ки фоизҳои қарзии онҳо дар муқоиса ба бонкҳои кишварҳои ҳамҷавор ва кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил баландтарин аст. Масалан қарзҳои солонаи бонкӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон аз 10, 5 то 25 %, дар Федератсияи Русия аз 16 то 20 % дар Ҷумҳурии Қазоқистон аз 10 то 22 % -ро ташкил медиҳад. Нобобаста ба ин гаронии фоизҳо ҳар кадоме аз ин бонкҳо муштариёни зиёд дошта, фаъолияташон бомаром аст. Агар муфлис шудани як қатор соҳибкорону аз хона маҳрум шудани чандин мизоҷони бонкӣ ва рӯ ба муҳоҷирати меҳнатӣ ниҳодани қарздорони ин бонкҳоро сарфи назар намоем, дар маҷмӯъ корҳо хубанд. Зеро вақте кас дар саҳни чунин иншоотҳо аз миёни қатори мошинҳои гаронарх базӯр убур карда дар дохил ба чеҳраҳои шукуфони ходимони он назар медузад, яқин мекунад, ки ин фаъолият барои аксари онҳо созгору хушоянд аст.

Ҳаҷми чунин қарзҳо дар қаламрави кишвар аз 100 то 20 000 доллар баробар шудааст. Ин аз як ҷиҳат афзалият дорад, ки мизоҷон баробари дастрас кардани маблағи зарурӣ имконияти харидорӣ пайдо мекунанд, аз ҷониби дигар пардохти фоизи қарз метавонад, барои аксари мизоҷон, ки бо маоши на чандон баланд фаъолият мекунанд, мушкилӣ оварад.

Чунин ҳолат ба писари як дӯсти ман, ки дар яке аз шабакаҳои телевизионии кишвар фаъолият менамуд, рух додааст. Номбурда бе маслиҳати волидайн барои харидории автомашина аз чанд бонк қарз гирифта, дар муҳлати нишондодашуда, фоизҳои қарзҳои бонкиро баргардонида натавонистааст. Бо вуҷуди он ки бонкҳои кишвар доир ба қарздорон шабакаи ягонаи иттилоотӣ доранд, ба ӯ чи гуна муяссар шудааст, ки бо маълумотномаҳои муҳосиботи корхона ва кафилии ҳамкорон ба якборагӣ аз чанд бонк қарз гирад? Чун барои саривақт баргардонидани қарзҳои бонкӣ ин мизоҷи доимии бонкҳо имкон пайдо накард, муҳоҷират ба хориҷи кишварро пеш гирифт. Ман, - нақл мекунад рафиқам, - чун кафили баргардонидани қарзҳои ӯ тез-тез ба бонку ташкилотҳои қарзӣ мерафтагӣ шудам. Ва дар омади гап илова ҳам кард, ки шояд аз "Агроинвестбонк" гирифтани қарз осонтар будааст, ки писари ман додараш ва ду рафиқи дигарро низ розӣ кунонида тавонистааст, ки барои ӯ аз ин бонк қарз бигиранд.

Имрӯз падари ин ҷавон, ки кафилии баргардонидани қарзҳоро бар дӯш дорад, аз "фаъолияти"-и бархе аз ходимон (эксперт)ҳои ин "Агроинвестбонк" мутаҳайир аст.

Мувофиқи қоидаҳои бонкӣ ходимон (эксперт)-ҳо вақти тайёр кардани ҳуҷҷат барои қарз, шартҳои зарурӣ: нусхаи шиносномa, маълумоти муҳосиботи ҷои кор, як ё ду кафил, расму рақами телефон, суроғаи ҷои кору манзили истиқоматӣ ё ҳуҷҷати манзил ва дигар иншоотро талаб намуда, ба кафил таъкид мекунанд, ки дар сурати дар муҳлати нишондодашуда напардохтани фоизи қарз ӯ мувоззаф ҳаст, ки маблағи қарзро пардохт намоянд. Яке аз чунин қарзҳо, ки ба маблағи 9 000 сомонӣ буд, мизоҷ то моҳи октябри соли 2014 фоизи онро пардохт кардааст. Аз моҳи ноябри соли гузашта то моҳи августи соли 2015 қарздорон ба хазинаи бонк дираме ҳам ворид накардаанд.

Миёнаҳои моҳи август барои пардохти фоизи яке аз қарзҳои писарам ба бонк омадаму як ходими он суол кард, ки шумо падари фалони ҳастед? Чун тасдиқ кардам, хушдорам дод, ки баъди ду рӯз муҳлати қарзи писаратон тамом мешавад ва бояд қарзро ба маблағи беш аз 9 000 сомонӣ пурра супоред. Вақте пурсидам, ки шумо то имрӯз чаро боре ба суроғаи қарздор нарафтед, ё ақалан телефон накардед, бепарвоёна посух дод, ки ман суроғаи манзили писаратонро намедонам. Аз суҳбаташ яқин буд, ки ӯ писарам ва кафили ӯро нағз мешиносаду шояд нисбати онҳо, ки ҳарду дар муҳоҷират ҳастанд, "ғамхор"-ӣ карда бошад. Баъди ин "ғамхорӣ" падарро лозим омад, ки ба ҷои 4 000 сомонии қарзи боқимонда бо тамдиди 3 моҳаи муҳлати қарз боз 9 000 сомонии дигар пардохт кунад.

Яқин аст, ки дар ин ҳолат қарзгиранда гунаҳгор аст, зеро қарз қарз асту онро дар муҳлати муайяншуда бояд баргардонид, вале ба хомӯшии тӯлонии эксперт, ки кор бо мизоҷон вазифаи аввалини вай аст, чи гуна баҳо диҳем? Ин хунукназариест, ки ба иқтисодиёти як оилаи маошхӯр 9 000 сомонӣ зиён овард.

Ҳамчунони аз иттилои расонаҳо бармеояд, дар оянда наздик Бонки ҷаҳонӣ ният дорад бо мақсади дастгирии сектори молиявии Ҷумҳурии Қирғизистон 13 миллион доллар ҷудо карда, барои шаҳрвандони ин кишвар гирифтани қарзҳои иҷтимоиро бештар созад. Дар ҳоле, ки фоизи солонаи қарзҳои бонкҳои Тоҷикистон дар муқоиса бо дигар кишварҳо баландтар аст, зарур меояд, ки фоизи қарзҳои бонкӣ то қадри имкон пасттар фаровард шавад, зеро фоизҳои калони бонкӣ натанҳо ба рушди соҳибкорӣ мусоидат мекунанд, балки онҳоро муфлис хоҳанд кард.

Дар баробари бонкҳои давлативу тиҷоратӣ дар қаламрави мамлакат ташкилотҳои қарздиҳии хурд фаъолият менамоянд, ки миёни онҳо, "Имон Интернешнл" "Ҳумо", "Имон", "ФИНКА", "МУЗАФФАРИЯТ", "Арванд", "Ҳамдастӣ", "МАТИН", "Капитал - плюс", "ОКСУС МИКРО ФИНАНС, "Ренессанс-кредит "АСТИ", "МикроИнвест", "Имконият", "ОКСУС" ба муштариён бештар ошно ҳастанд.

Собиқ Раиси БМТ Муродалӣ Алимардон дар як мусоҳиба бо хабарнигори ҳафтаномаи "Тоҷикистон" оид ба зарурияти таъсиси ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ ёдрас мешавад, ки таъсиси ин ташкилотҳо дар Тоҷикистон вақте сурат гирифта буд, ки чуноне мегӯянд, назари бонкҳои калон маблағгузории соҳибкории хурдро намегирифт. Бинобар ҳамин, ин холигиро ташкилотҳои қарзии хурд пур карданд. Аксарияти корхонаҳои саноативу истеҳсолӣ, ки давлатӣ буданд, хахсӣ шуданд. Соҳибкорӣ рушд кард, корхонаҳои хурду калон таъсис ёфтанд. Фикр мекунам, бунёди ташкилотҳои молиявии хурд низ талаби замон буд ва онҳо хизматашонро иҷро карданд, корҳои зиёде ба анҷом расониданд, аз ҷумла соҳибкоронро дастгирӣ намуданд. Ҳоло ҳам ин рисолаташонро хуб анҷом медиҳанд.

Бале, ин ташкилотҳои қарздиҳии хурд имрӯз рисолати худро анҷом медиҳанд, Вале бояд ёдрас шавем, ки фоизҳои қарзии кулли ин ташкилотҳои қарзӣ аз фоизҳои бонкӣ гаронтаранд. Масалан агар қарзи солонаи , "Имон Интернешнл" имрӯз ба 40% дакка хурда аз маблағи 5000 сомонии қарзи додааш аз мизоҷ моҳе 512 сомонию 36 дирам талаб намояд, чунин маблағи "Ҳумо" ба муҳлати як сол бо пардохти маблағи моҳонаи 539 сомонӣ пешниҳод мекунад. Замоне, ки аз муовини аввали раиси БМТ дар бораи замимаҳои ҳуқуқии 40% пешниҳод намудани ташкилоти "Имон Интернешнл" пурсон шудем, номбурда аз масъулини шуъбаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасонии низоми бонкии БМТ тақозо намуд, ки бо даъвати масъулини ин ташкилоти қарздиҳӣ дар чунин сатҳи баланд пешниҳоди мизоҷон намудани қарзро мавриди санҷиши ҳамаҷониба қарор диҳанд. Замоне, ки дар "Ҳумо" то 48% боло бардоштани фоизи қарзи солонаро шунидем, аз он дар шигифт афтодем, ки наход аз ин амали онҳо масъулини Бонки миллӣ бехабар бошанд? Ин созмонҳо ташкилотҳои қарздиҳии хурд ном доранду фоизашон аз фоизҳои бонкӣ калонтар аст . Чаро обмӯрӣ аз боғ калон бошад? Магар вақти он нарасида, ки бо ғанӣ гардидани маблағи оинномавии худ онҳо барои беҳбудии некӯаҳволии шаҳрвандон, ки онон дар ин сарзамин кордро болои равғани думба гузоштаанд, қадре бо паст фаровардани фоизҳо амали хайре дошта бошанд. Аз ҳама шигифтовараш ин далел аст, ки дар кулли чунин ташкилотҳо фоизи карз бо доллари амрикоӣ пасттар аз арзи миллист. Масалан ҳамчунон яке аз экспертҳои ширкати "Ҳумо" ба мо иттилоъ дод, фоизи қарзи моҳона бо доллар 2, 55 аст. Бо сомонӣ бошад, ин рақам ба 4, 2 баробар аст. Магар ин худ беэътиноӣ ба арзи миллӣ нест? Ё имрӯз мо ба асъори миллии худ бовар надорем ё онро нодида гирифтанӣ ҳастем.

Фикр мекунам, бунёди ташкилотҳои молиявии хурд низ талаби замон буд ва онҳо хизматашонро иҷро карданд, аҷида дорад - коршиноси соҳибтаҷрибаи умури бонкӣ Муродалӣ Алимардон. Шояд барои ба танзим овардани фаъолияти ин ташкилотҳо фишанге зарур аст, боз кӣ медонад?

Бино бар ақидаи Раиси Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон Изатулло Лаълбеков д ар бозори молиявӣ бояд ташкилотҳои қарзие фаъолият дошта бошанд, ки қобилияти пардохтпазирӣ, дастгирии қарзиро ба сектори реалии иқтисодиёт иҷро карда тавонанд. Барои амалӣ кардани вазифаҳои мазкур ҳамаи ташкилотҳои қарзӣ, аз ҷумла ташкилотҳои қарзии хурд бояд сармояи оинномавии ба меъёрҳои муқарраргардида мутобиқ дошта бошанд. Магар кулли ин ташкилотҳо ба талабот ҷавобгӯянд?

Агар солҳои пеш аз Русия ба Тоҷикистон 3,7 миллиард доллар пул интиқол меёфт, имрӯз он ба 1,9 миллиард фаромадааст. Ба ибораи дигар гӯем имсол интиқоли маблағи муҳоҷирон аз Федератсияи Русия ба Тоҷикистон 40 фоиз кам шуд. Дар радифи ин паст шудани қурби рубли русӣ нисбати доллари ИМА дар бозори асъори кишвар харҷу марҷро ба бор оварда, зарурияти пешгирии ҳанҷнотиро дар бозор тақозо намуд.

Имрӯз зарур аст, ки фоизи қарзҳо чӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ ва чӣ дар ташкилотҳои қарзии хурд то қадри имкон пасттар фаровардa шаванд, зеро фоизҳои калони бонкӣ соҳибкоронро муфлис ва гирандагони қарзҳои иҷтимоиро бехонумон менамояд.

**Маъруфи БОБОРАҶАБ**

# МО ҒИЗО МЕХАРЕМ Ё БЕМОРӢ?

## *ВА Ё ҚИССАЕ АЗ МУРҒҲОИ БО АНТИБИОТИК ПАРВАРИШ ЁФТАВУ ҲАСИБҲОИ АЗ ПӮСТИ МУРҒ ТАҲИЯШУДА*

**Истеъмоли маҳсулоте, ки ҷавобгӯи талабот ва меъёрҳои бехатарӣ нестанд, натанҳо ба саломатӣ, ҳатто ба ҳаёти инсон низ хатароваранд. Мутаассифона, имрӯзҳо дар бархе аз мағозаҳои кишвар маҳсулоте ба фурӯш гузошта мешаванд, ки муҳлати муқарраршудаи истифодаашон кайҳо гузаштааст. Наход соҳибони чунин нуқтаҳои савдо боре ҳам андеша накунанд, ки ба хотири ба даст овардани чанд дирам ҷони чандин нафарро зери хатар мегузоранд. Аз ин рӯ, мо-истеъмолкунандагон бояд хуб дарк кунем, ки ин қабил фурӯшандаҳо аз бетарафии худи мо истифода бурда, маҳсулоти муҳлати истифодааш гузаштаро ба фурӯш мегузоранд. Шояд бисёриҳо ба чунин ҳолат рӯ ба рӯ шудаанду хомӯширо ихтиёр карда, ба мақомоти дахлдор хабар надодаанд. Дар ҳоле, ки қонун ба мо имкон додааст, ки ҳуқуқҳои худро дифоъ кунем.**



**Тавре** аз маълумоти оморӣ бармеояд, бештари маҳсулоти хӯроквории ба ҷумҳурии мо аз кишварҳои Русия, Белорусия, Қазоқистон, Қирғизистон, Эрон, Ҳиндустон, Покистон ва Малайзия ворид карда мешаванд. Ҳамаи мо хуб медонем, ки аксарияти маҳсулоте, ки аз хориҷи кишвар ворид мегарданд, мутаассифона, бо роҳҳои истифодаи барзиёди дору парвариш карда мешаванд, ки ба саломатии инсон бетаъсир буда наметавонад. Ба ин нигоҳ накарда, дар бархе аз марказҳои савдо маҳсулоте ба фурӯш гузошта мешаванд, ки муҳлати истифодаашон кайҳо гузаштаасту аллакай он ба заҳр табдил шудааст. Акнун худ тасаввур кунед, ки чунин заҳр ба ҷисми инсон чӣ таъсире дорад…

Ба хотири он ки ҳанӯз дар кишвари мо на ҳама фаъолияти тадқиқотии журналистии моро қабул кардан медиҳанд, барои пайгирӣ ва матраҳ намудани масъалаи мазкур ҳафтаи гузашта, аниқтараш рӯзи якшанбе, 13-уми декабри соли равон, бо Сабзалӣ Иззатов, мутахассиси пешбари Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва назорати савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Тоҷикстандарт" аз ҳолати кунунии чанде аз марказҳои савдои пойтахт дидан кардем. Зимни санҷиши мо бо масъулини Агентии "Тоҷикстандарт", ки бештар аз якуним соат тӯл кашид, зиёда аз 20 маркази савдои хиёбони Рӯдакӣ (наздикии маркази савдои "Садбарг")-ро аз назар гузаронидем. Албатта, мо на ҳамаи он маҳсулоте, ки дар марказҳои савдо ба фурӯш гузошта шуда буд, як-як аз назар гузаронидем, вале ба қадри имкон аз ҳар як дӯкон тахминан 5-6 номгӯи маҳсулотро санҷидем ва дар ду ҳолат маҳсулоти муҳлати истифодаашон гузаштаро дарёфт намудем.

Дар рафти ин санҷиш аз маркази савдои "Баҳор" як миқдор шириниҳои нонии муҳлати истифодаашон гузашта пайдо гардид. Вақте мутахассисони Агентии "Тоҷикстандарт" аз фурӯшандаи ин дӯкон пурсиданд, ки **"Чаро чунин маҳсулотро ба фурӯш гузоштаед?"**, фурӯшандаи дӯкони номбурда дар як ҳолати ногувор монда, чи гуфтанашро намедонист ва дарҳол ба зориву тавалло гузашта, **"акоҷон дар миёни борҳоямон мондааст, надидаем, ин камбудиамонро ислоҳ мекунем"** гӯён худашро аз вазъият бароварданӣ мешуд. Дар ҳолати дуввум аз маркази савдои "Русия" як миқдор маҳсулоти ширии муҳлати истифодааш гузашта ошкор гардид, ки фурӯшандаи ин дӯкон бошад, гуноҳро ба гардани ҷиянаш бор карда гуфт: **"Чанд рӯз буд, ки дар ин ҷо ҷиянам савдо мекард ва беаҳамиятӣ карда онро надидааст".** Ҳоло он ки муҳлати истифодабарии маҳсулоти ширии ошкоршуда як моҳ қабл ба охир расидааст.

**Нонсенс!**

Ин ҳам дар ҳолест, ки дар боби 4-уми моддаи 17-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон **"Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ"** қайд шудааст, ки субъектҳои савдо ва хизматрасонии маишӣ ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти худ уҳдадоранд молеро, ки ҷавобгӯи талабот ва меъёрҳои бехатарӣ нест, аз муомилот бароранд. Ва дар боби 7-и моддаи 24-и қонуни мазкур дарҷ гардидааст, ки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи қонуни номбурда тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Тавре пештар қайд кардем, шояд чунин ҳолатҳоро бисёриҳо мушоҳида карда бошанд, аммо бетарафӣ карда, ба мақомоти дахлдор хабар надодаанд. Зеро масъулини Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва назорати савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки яке аз ниҳодҳои назоратгари субъекҳои хоҷагидор ба шумор мераванд, дар асоси муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон **"Дар бораи санҷиши субъектҳои хоҷагидор"** дар як сол ду маротиба ҳуқуқи аз назар гузаронидани субъектҳои хоҷагидорро доранд. Ва дар дигар ҳолат онҳо танҳо ҳақ доранд, ки дар асоси муроҷиати истеъмолкунандагон санҷиши ғайринақшавӣ гузаронанд. Аз ин рӯ вақти он расидааст, ки имрӯз мо -истеъмолкунандагон фаъол бошем ва ҳуқуқҳои худро дифоъ карда тавонем.

Зимни санҷиши муштарак як камбудии дигари аксар фурӯшандаҳои марказҳои савдоро мушоҳида кардем, ки онҳо либоси ягона ё махсус надоштанд. Зеро ин ҳам як амри воқеист, ки ҳар як фурӯшанда бояд либоси махсус дошта бошад, то аз харидор фарқ карда шавад. Дар ин бора дар боби 4-и моддаи 17-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон **"Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ"** чунин омадааст: **"Дар толори фурӯш кормандоне, ки бо хизматрасонии истеъмолкунандагон машғуланд, бояд либоси ягонаи махсус дошта бошанд".**

Масъулини Агентии "Тоҷикстандарт" мегӯянд, гарчанде ки ба фурӯш гузоштани маҳсулоти муҳлати истифодаашон гузашта нисбат ба солҳои қаблӣ камтар шудааст, вале ҳанӯз ҳам дар бисёри ҳолатҳо бархе аз фурӯшандаҳо хунукназарӣ зоҳир карда, дидаву дониста ба чунин корҳои ғайриқонунӣ даст мезананд, ки боиси таассуф аст.

Аз дафтари матбуоти Агентии Тоҷикстандарт ба хабарнигори ҳафтаномаи "Минбари халқ" иттилоъ доданд, ки давоми соли ҷорӣ барои вайрон кардани қоидаҳои савдо, фиреб додани истеъмолкунандагон ва риоя накардани талаботи қонунгузории соҳа аз тарафи нозирон дар қаламрави ҷумҳурӣ **2187** ҳолат ошкор гардидаву ба маблағи умумии **488460** сомонӣ қарорҳо оид ба бастани ҷаримаи маъмурӣ бароварда шудааст.

Ба хотири таъмини риояи қонунгузории соҳа дар натиҷаи санҷиши ҶДММ "Фавр" ва ҶДММ "Барх" **9800 кг** маҳсулоти сохтмонӣ бо тамғаи қалбакии "Алинекс" ёфт шуда, ба муомилот роҳ дода нашудаанд. Тибқи тартиби муқаррargардида нисбати соҳибкороне, ки ба қонуншиканӣ роҳ доданд, дар 5 ҳолат парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда шуда, ҷазои маъмурӣ таъин карда шудааст. Ҳамчунин сохтакории маҳсулоти ҶДММ "Сардор-2008"- донаҳои офтобпараст бо тамғаи "Симба" ва маҳсулоти ҶДММ "Ёзон тоҷ" (Хамиртуруш) ошкор ва аз муомилот гирифта шуд. Айни ҳол дар асоси дархости ҶДММ "Ксенкл Қазоқистон" оид ба истифодаи тамғаи молии ин ширкат дар ширешҳои тамғаи "Момент" корҳои санҷишӣ ва назоратӣ идома дорад.-мегӯянд масъулини Агентии "Тоҷикстандарт".

Бино ба иттилои манбаъ, давоми соли равон аз ҷониби нозирони Агентии "Тоҷикстандарт" як миқдор молу маҳсулоти ғайристандартӣ ва муҳлати истеъмолиаш гузашта ошкор ва мусодира гардидааст. **Аз ҷумла маҳсулоти қаннодӣ - 26637 кг, нӯшокиҳои ғайриспиртӣ - 405 576,2 литр, нӯшокиҳои спиртӣ - 486,5 литр, хурмои хушк - 69931 кг, моҳии яхкардашуда - 8000 кг, тухми мурғ - 401 150 дона, меваи хушк-20 902 кг, орд - 630 кг, қандчаҳои кӯдакона - 3700 дона, маҳсулоти нонӣ - 17,5 кг, маҳсулоти гӯштӣ - 204,6 кг, маҳсулоти ширӣ - 1026 кг, намаки ошӣ - 78 кг, чой - 147,5 кг, равғани растанӣ - 1041,6 кг, консерваҳо - 4083,8 кг, нон ва маҳсулоти нонӣ - 1185,1 кг, донагиҳо - 151,3 кг, лампаҳои тафсон - 4548 дона ва ғайра ба коркарди дубора, хӯроки чорво ё несту нобуд равона карда шуданд.**

Мурод Ашуров, котиби матбуотии Агентии "Тоҷикстандарт" мегӯяд, "Мутаассифона, ҳолатҳое ҷой доранд, ки аз ҷониби баъзе мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар бозори истеъмолӣ худсарона бе иштироки мақомоти дахлдор ва бе риояи қоидаҳои намунагирӣ санҷиш гузаронида шуда, маҳсулоти аз муомилот гирифташуда ба Агентии "Тоҷикстандарт" барои ташхис пешниҳод карда мешаванд. Дар ин раванд аллакай ба такроршавии салоҳиятҳо ҳангоми санҷишҳо оварда расонида, ба фаъолияти соҳибкорӣ таъсири манфӣ мерасонад".

Ӯ афзуд, ки бо назардошти такмил додани соҳа тибқи муқарраротдар муҳлатҳои пешбинигардида санадҳои меъёрӣ-техникии Агентии "Тоҷикстандарт" аз тарафи масъулон таҷдид (актуализатсия) карда мешаванд. Тибқи ин амал, имсол дар самти ҳимояи бозори истеъмолӣ аз воридоти маҳсулоти хӯроквории ба саломатӣ хатарнок ва бесифат, истифодаи пӯсти мурғ ва равғани нахл, ки қаблан тибқи Шартҳои техникӣ дар истеҳсолот мавриди истифода қарор дода мешуданд, аз ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-техникӣ, яъне Шартҳои техникӣ хориҷ карда шуданд. Тибқи талаботи санадҳои меъёрӣ-техникии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсулоти мазкур ба сифати ғизо, таъиноти истифодабарии мушаххас надоранд. Аз ин сабаб истифодаи пӯсти мурғ бо дигар маҳсулоти гӯштӣ (барои истеҳсоли ҳасиб) ва илова кардани равғани нахл бо равғани пахта манъ карда шуд. Ба ин нигоҳ накарда, мутаассифона ҳоло ҳам ҳолатҳои воридоти ин маҳсулот аз тарафи соҳибкорон ба қайд гирифта мешавад, аз ҷумла, дар рӯзҳои наздик воридоти қариб 50 тонна пӯсти мурғ пешгирӣ карда шуд.

**М. Ашуров ҳамчунин иттилоъ дод, ки дар ёздаҳ моҳи соли 2015 дар озмоишгоҳҳои ташхисии маҳсулоти ғизоии Агентии "Тоҷикстандарт" 75,81 тонна маҳсулоти гӯштӣ, 40,73 тонна равғани растанӣ, 11 406,7 тонна маҳсулоти ғалладонагӣ (гандум), 36,14 тонна маҳсулоти макаронӣ, 3469,3 дал нӯшокиҳои спиртӣ, 39 157 дал нӯшокиҳои ғайриспиртӣ, 112,09 тонна маҳсулоти қаннодӣ, 22,34 тонна маҳсулоти ширӣ, 23,3 тонна консерваҳо, 81,04 тонна меваю сабзавот ва даҳҳо намуд маҳсулоти истеҳсоли ватанию воридотӣ ғайристандартӣ дониста шуданд.**

Аммо... Суолҳои матраҳ ин аст, ки то кай баъзе савдогарон сарватро аз виҷдону имон боло мегузоранду баъзе мақомоти масъул ба хотири кисаи худ аз кирдори онҳо чашм мепӯшанд? Оё сиҳатии мардум, бахусус кӯдаконе, ки имрӯз бо қандакҳои кимиёвӣ заҳролуд мешаванд, муҳимтар аз манфиати чанд нафар ҳанноту фиребгар нест? Оё фарҳанги мардум то он поя нарасидааст, ки ҳуқуқу манфиатҳои хешро ҳимоя кунанд? Ва ё агар вазъ дар марказҳои савдову дӯконҳо чунин аст, пас ошхонаву тарабхонаҳо, ки харидорони асосии онҳоянд ба мо чӣ меҳӯронда бошанд?

**Ибодуллоҳи ТОҲИР**

**P.S. Ҳафтанома тасмим гирифтааст, ки ба ин суолҳо посух ёбад ва ин мавзӯи ҳаётан муҳимро пайваста пайгирӣ намояд.**

# ПАЙРАВӢ Б БЕГОНА НИЗ

***Дар пасманзари ҳодисаҳои хунинбори Ховари Наздику Афғонистони ҳамҷавор ва мавзӯи таҳаммулнопазирии ҳаракату гурӯҳҳои иртиҷоиву ифротгарои муосир, инчунин вазъи мазҳабии дохили кишвар ва дигар мавзуъот мо тасмим гирифтем бо Раиси шӯрои уламои Маркази Исломии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидмукаррам Абдуқодирзода суҳбат ороем:***

**- Мо дар фазое суҳбат дорем, ки ҷаҳони муосирро хатарҳои гуногун, аз ҷумла бархӯрди тамаддунҳо, ифротгароиҳои диниву милливу нажодӣ ва терроризму таҳаммулнопазирӣ таҳдид мекунад. Дар радифи ин, кувваҳои манфиатҷӯ кӯшиши муқобил гузоштан ва паси сангарҳои ба ҳам зид қарор додани ҷонибдорони низоми динӣ ва дунявиро пайгирӣ доранд. Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёд аст, ки ин дар Сарқонунаш зикр гардидааст. Аммо айни замон, тибқи баъзе маъхазҳои оморӣ бо вуҷуди он ки аксарияти аҳолии кишварро мусулмонон ташкил медиҳанд, намояндагони дину мазҳабҳои дигар низ мавҷуданд. Лутфан бигӯед, ки муносибати байни ин мазҳабҳо дар кадом сатҳ қарор дорад?**

- Ҳарчанд як омори дақиқи сартосарӣ роҷеъ ба мансубияти шаҳрвандони Тоҷикистон ба дину мазҳаб нест, вале аз дидгоҳи мо аксари мутлақи сокинони Тоҷикистон новобаста аз миллату забон ба мавқеи иҷтимоӣ, алҳамдуллилоҳ, мусалмон ҳастанд ва аз маҷмӯи мазоҳиби исломӣ аксаран эътиқод ба мазҳаби ҳанафӣ доранд. Ғайр аз ин, дар кишвар муътақидони равияи исмоилия низ озодона аз мазҳаби хеш тибқи қавоиду дастурҳояшон пайравӣ мекунанд. Хуб, намояндагони динҳои дигаре, чун насоро, яҳудия ва ғайра низ ба сар мебаранд ва дар маҷмуъ, дар муносибати байниҳамдигарии мусалмонон бо пайравони динҳои дигар ва ҳамчунин аҳли мазҳаби ҳанафӣ бо мазоҳиби дигар мушкиле нест.

Ман чунин тарзу усул ва роҳу равиши диндориро аз файзу баракати давлати соҳибистиқлол ва мусоидати комил доштани он ба риояи озодиҳои эътиқодии мардуми кишвар мебинам. Таҷрибаи на танҳо Тоҷикистон, балки кишварҳои рушдёфтае чун Малайзияву Индонезия ва Туркия он ҳақиқатро исбот мекунад, ки барои ривоҷи дин ва таъмини эҳтиёҷоти диндории мардум маҳз шакли дунявияти кишвар феълан бисёр муносиб ва созгор аст. Моҳиятан, агар ба таърих нигарем, сохти давлатдории Сомониён низ дунявӣ буд. Дар ин хусус, албатта, уламои соҳаи сиёсату фалсафа ва ҷомеашиносӣ таҳқиқоти зиёде рӯи даст доранд ва дар ин хусус зиёд ҳарф задан лозим ҳам нест.

Акнун ба қисмати дуюми пурсишатон мегузарам. Дар ҷаҳони пуртазоди муосир, ки тавассути ҷаҳонгароӣ ё худ глобализатсия вазъи кишварҳо ва минтақаҳо зудзуд тағйир меёбад, ҷараёни умумии мазҳабӣ ҳам аз ин таҳаввулот истисно намешавад. Омилҳо ва василаҳое ҳастанд, ки вазъиятро тағйир медиҳанд, чун низоми иртиботиву мухобиротӣ, фаъолияти шабакаҳои иҷтимоӣ хеле таъсир дорад ва аз сӯи дигар, равуои мардум ба хориҷа хеле осон ва зиёд шудааст. Вазъи мазҳабии мардуми мусалмони Тоҷикистон, аз назари банда, суботи қавӣ дорад, мардум аз озодиҳои эътиқодиашон бархӯрдоранд, озодона ибодат мекунанд ва расму русуми диниашонро дилпурона ба ҷо меоранд. Фикр мекунам, ки Тоҷикистон дар минтақа ягона кишваре ҳаст, ки дар масоили дину диндорӣ суботи комил дорад. То ҳол миёни аҳли мазҳаби ҳанафӣ, ки аксариятро ташкил медиҳанд, бо намояндагони мазоҳиби дигар муноқишае нашудааст ва барои содир шуданаш ҳам сабабе нест. Ҳамагуна муносибот дар чаҳорчӯби дину мазҳаб тавассути қонунгузорӣ танзим шудааст ва иловатан қонунҳое қабул шудаанд, ки пеши роҳи исрофу хурофотро мегиранд ва ба тарбияи насли наврас таваҷҷуҳи ҷомеаро низ ҷалб мекунанд. Ман қонунҳои миллии марбут ба танзими расму ойину анъанаҳо ва масъулияти волидон дар тарбияи фарзандонро дар назар дорам, ки пайдоҳои нодир дар қонунгузорӣ эътироф шудаанд.

Аз ин ки аксарияти мардуми кишвар пайрави мазҳаби ҳанафӣ ҳастанд, решаву омилҳои таърихиву фарҳангӣ дорад, ки ҳоло маҷоли шарҳи онҳо нест ва ин мавзӯъ хоси як суҳбати муфассале хоҳад буд. Агар ба имрӯз аз нигоҳи манфиат ва ё мазаррати яккамазҳабӣ бингарем, посух мусбат хоҳад шуд. Яккамазҳабии мусалмонони кишвар, ё худ аксариятро ташкил додани пайравони Имоми Аъзам худ як омили муҳими суботи сиёсӣ ва динӣ дар мамлакат шудааст. Зеро дарунмояи ин мазҳаб ва ҳикматҳои асосии он таҳаммулгароист. Ана ҳамин хӯи хислати таҳаммулгароӣ ва як заминаи муҳими рушди давлат будани асосҳои мазҳаби ҳанафӣ ба ҳама душманони миллату давлат, чӣ аз дохилу чӣ дар хориҷ, маъқул нест ва маҳз ҳамин иттиҳоду ҳамбастагии мусалмонони ҷомеаи ҷиддӣ барои тарғиби мафкураи пурзарари салафияву ваҳҳобия ва дигар равияҳои ифротӣ гардидааст. Солҳои ахир хурӯҷи салафия боиси то андозае рахна шудани ин иттиҳод шуд, вале тиратон билохира хок хӯрд. Афкори тезутунде дар заминаи салафия ва дигар ҷараёнҳои такфириву ҷиҳодии дурӯғин ба таври ҳамешагӣ аз ҷониби раёсати Маркази исломӣ ва масъулини масоҷид пешгирӣ мешавад ва натиҷаи ниҳоияш ин шуд, ки ҳам Суди Олии кишвар фаъолияти онҳоро расман манъ кард ва ҳам Шӯрои уламо пайравӣ ба идеология ва рафтору пиндори онҳоро ҳарому мамнуъ фатво дод. Қабл аз ин, фатвои дигаре дар мавриди ҳаром будани пайравӣ ба ДИИШ эълон шуда буд, ки дар масоили пешгирии ҷалби ҷавонон ба ин ҳаракати бадномкунандаи дини ислом иқдоми сариваҳтӣ ва ниҳоят зарурӣ буд.

**- Хуб, дар ҳошияи ҳаводиси дар кишвар замони ахир баамаломада, аз қабили баста шудани ҲНИТ, кӯшиши балвои муовини вазири мудофиа, ки мавсуф ҳам ҷонибдори Ҳизби наҳзати ислом будааст, назари Шумо чӣ гуна аст?**

-Мо мавқеи худро роҷеъ ба кӯшиши табаддулоти давлатӣ карданӣ як идда ҷинояткорон бо сарварии собиқ муовини вазири дифоъ Абдуҳалим Назарзода дар баёнияи Маркази исломӣ, ки дар санаи 12.09.2015 интишор шуда буд, рӯшан намуда будем. Ин амали як гурӯҳ бадкирдорон агар аз нигоҳи қонунгузории давлати дунявӣ ҷиноят бошад, пас аз нигоҳи шариати ислом зулму ситам ва фитнаву иғвогарист.

Ин кирдор комилан зидди фармудаҳои Ислом, зидди ахлоқи исломӣ ва куллан рафтори ғайримусалмонист. Дини мубини ислом ва хосатан мазҳаби ҳанафӣ сулҳу суботи ҷомеаи мусалмониро беҳтарин арзиш эътироф мекунад, ки барои ҳар фарди мусалмон комилан фаҳмову равшан аст. Ислом муқаддас билкулл муқобили фитнаву зулм ва беадолатист. Зулм аз мавқеи ислом, ба чизе зарар расонидан, аз ҳад гузаронидан, аз роҳи рост баромадан, аз адолат берун будан, ҳаққро ба соҳибаш надодан, рафтори ношоиста кардан аст. Ба ҳамин мазмун ин мафҳум дар 58 сураи Қуръони карим 289 маротиба такрор ба такрор омадааст.

Паёмбари гиромии Ислом Ҳазрати Муҳаммад (с) гуфтаанд: *"Ба бародари муъминатон, хоҳ золим бошад ва хоҳ ба зулм гирифтор, кумак кунед"*. Яке аз саҳобагон аз Расули Худо пурсон шудаанд: *"Ба нафари ба ноҳаққӣ гирифторшуда кумак мекунем, вале ба нафари зулмкарда чӣ хел кумак кунем?"* Пайғамбари Худо (с) дар посух гуфтаанд: *"Бо нагузоштани ӯ ба зулм кардан"*. Аз ин гуфтори муборакӣ Расули Акрам чунин хулоса мешавад, ки Ислом зидди зулму ситам аст ва вазифаи ҳар фарди мусалмон аст, ки монеаи зулму бадкирдорӣ ва тахрибкорӣ бишавад.

Дар урфият мегӯянд, ки таърих беҳтарин омӯзгор аст ва касе, ки аз таърих ибрат намегирад, аз ҳеҷ каси дигар сабақ гирифта наметавонад. Мардуми тоҷик сабақи муноқишаҳои маргбори солҳои 90-умро, ки бо пешхезиҳои гурӯҳе аз ифротиёни наҳзатӣ кишварро дар вартаи нобудӣ қарор дод, ҳеҷ гоҳ аз ёд намебароранд. Хиёнати Ҳоҷӣ Ҳалим ва шариконӣ беинсофаш идомаи ҳамон нақшаест, ки ду даҳсола қабл тарҳрезӣ шуда буд: бархам задани субот ва дар ин замина ба даст овардани суди зиёде аз хоҷагонаш. Аҷаб он аст, ки дар рӯзи нахустини ин вайронкорӣ раҳбарияти ҳизби ғайриқонунӣ эълоншудаи наҳзати исломии Тоҷикистон эълом доштанд, ки бо саркардаи ин исён - Ҳоҷӣ Ҳалим равобите надоранд, гӯиё ин одам дар узвияти ин ҳизб нест... Аммо аз шарҳи ҳоли ин ҷинояткор маълум аст, ки яке аз размандагони фаъоли ҲНИТ дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ буд ва то охир равобити устуворе бо ин ҳизб ва фаъолони он дошт. Масъулияти худро аз ин фоҷиа дур кардани роҳбарияти ҲНИТ, ба назари мо, хеле содалавҳона буд. Мардуми тоҷик акнун сиёҳро аз сафед хеле хуб фарқ мекунад ва ба ҳеҷ ваҷҳ намегузорад, ки ин диёри обод дубора ба гирдоби фано биафтад. Мо бо камоли масъулияти имониву инсонӣ хиёнати ин гурӯҳи ҷиноятпешаро маҳкум мекунем. Аз ин амалкарди Абдуҳалим Назарзода ҷомеаи муслимини кишвар ба эътироз омад. Зеро ҳар фарди муъмин ва мусалмоне, ки аз кӯраи оташи ҷанги хунини солҳои навадум гузаштааст, арзиши сулҳ ва қимати ваҳдатро хуб медонад.

Мардуми иззатманди Тоҷикистон, чӣ муслиму чӣ ғайр, тӯли солҳои ваҳдату истиқлол лаззати зиндагии шоистаи инсониро аз баракати сулҳу фаъолияти бунёдкоронаи Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле хуб чашидаву дарк кард ва дар ҳеҷ вазъияту ҳолат такрори он солҳои бесуботиро намехоҳад. Ягон фарди муъмин вазъи Афғонистону Сурияву Ироқ ё шимоли Африқоро, ки ҳамааш, қабл аз дигар омилҳо, натиҷаи нотифоқиву номуттаҳидии мардум аст, барои Тоҷикистон намехоҳад. Дар ин радиф мусоҳибаи муовини якуми Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Саидмурод Фаттоҳзодаро, ки чанде қабл дар ҳафтаномаи "Азия-плюс" таҳти унвони "Мо муқобили исломи радикалӣ ва атеизми ҷанговар ҳастем" нашр шуда буд, бояд махсусан қайд кунам. Мавсуф бисёр дақиқкорона ва бамаврид нисбат ба ифрот ва хатарҳои дигари манфӣ андешаҳои худро баён кардааст, ки такя бар далелҳо ва зеҳнияти солим аст. Дар ҳақиқат, ҳар ду ин "ҷаҳонбинӣ"- ҳам исломи радикалӣ ва ҳам атеизми ҷанговар аз бунёди худ ҷараёнҳои таҳаммулнопазир ҳастанд ва ҳеҷ гоҳ амну суботи ҷомеаро таъмин сохта наметавонанд, ба истиснои аҳдофи гурӯҳҳое, ки мехоҳанд аз ин суд бардоранд. Ва чунин ҷаҳонбинӣ дар ҷомеаи мо бояд ҳеҷ ҷойгоҳе надошта бошад.

**- Оид ба қазияи "ришу ҳиҷоб", ки хеле забонзада ҳам шудааст, Шумо ҳамчун сарвари мусалмонони кишвар чӣ гуфтаниҳое доред? Масалан, оё дар ойини мо зарурияти бечунучаро ва ё "эстетика"-и мондани риш аслан вуҷуд дорад? Ахиран, пӯшиши ҳиҷоб ҳатмист?**

-Аз нигоҳи шаръӣ, билхоса тибқи мазҳаби ҳанафӣ мондани риш суннати муаккада аст. Аммо манзур аз гузоштани риш он нест, ки ҳеҷ мӯйе аз он кам нашавад, то тӯлу арзи он аз андоза таҷовуз намояд ва боиси азияти соҳибаш шавад, балки бояд нисбат ба ислоҳи он аз ҷиҳати арз ва тӯл низ иқдом шавад. Дар ҳадисе, ки Тирмизӣ онро ривоят кардааст, омадааст, ки баъзе аз салафи солеҳ ҳам дар арз ва тӯл риши худро ислоҳ мекарданд. Ришгузорӣ хоси танҳо мусалмонон нест, дар саросари мамолики олам одамони диндору бедин ҳам бо наздоштани ақида ва ҳам бо тасаввури зебоипарастӣ ин корро раво медонанд.

Дар фаҳми умумӣ гузоштани риш маънои босалобат будан, дорои хираду тамкинро дошт. Шахси ришдор эҳсоси эҳтироми дигаронро ба вуҷуд меоварад. Аз одами ришдор ахлоқи пастро мунтазир будан имкон надошт. Аз як сӯ, гузоштан ё нагузоштани риш як масъалаи шахсӣ бошад ҳам, ба он муносибат бояд ҷиддӣ бошад. Дар замонаш Бедили бузург аз ришгузориҳои бесарҳад то ҷое нигарон низ будааст:

***Ин қадар риш чӣ маънӣ дорад,***
***Ғайри ташвиш***
***чӣ маънӣ дорад...***

Хуб, ҷиҳати шарҳиашро гуфтем, ҷиҳатҳои дигараш пайванд дорад ба тарбия, ахлоқ ва диди инсон ба зебоӣ ва ғайра. Масъалаи ҳиҷоб низ асоси шаръӣ дорад, ки баҳсро нашояд. Бонувон, тибқи фарҳанги бостониамон, бо назардошти урфу одатҳо ва анъанаҳои либоспӯшии маҳаллӣ, вижагиҳои миллӣ ва ҳам ҷуғрофӣ либосҳои гуногун ба бар мекарданд. Яъне либосҳое доштанд, ки ҳам ҷавобгӯ ба талаботи шариат буд ва ҳам хусусиятҳои миллиу ҷуғрофиро дар назар дошт. Гумроҳона пайравӣ кардан ба тарзи либоспӯшии бегона навъе аз таассуб аст, тақлиди кӯр-кӯрона ба фарҳангҳои бегона аст, инро мудом бояд ба инобат гирифт.

**- Дар кишвари мо, ки хусусияти секулярӣ дорад, намояндагони дигар адён низ сукунат доранд, ҳарчанд, ки шумораашон бузург набошад. Дар масъалаи ҳамзистӣ бо афроди ғайримусулмон Ислом чӣ мефармояд? Муносибати муслимин бо онҳо чӣ гуна бошад?**

-Агар мо ба таълимоти дини мубини Ислом ҷиҳати муносибат бо пайравони дигар динҳо назар кунем, мебинем, ки Худованди бузург ва Пайғамбари гиромии Ислом Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) эҳтиром ва риояи намудани арзиши инсондӯстиро борҳо таъкид намудаанд.

Худованд дар ояти 46, сураи "Анкабут" мефармояд: *"Ва бо аҳли Китоб ҷуз ба он сурате, ки некӯ бошад, муҷодала макунед, магар бо касоне аз онҳо (муҷодала кунед), ки ситам кардаанд ва бигӯед: "Ба он чи ба сӯи мо фуруд оварда шуд ва ба он чи ба сӯи шумо фуруд оварда шуд, имон овардем ва Худои мо ва Худои шумо яке аст ва мо ӯро фармонбардорем"*. Аз тарафи дигар, дини мубини Ислом ба пайравонаш иҷозат намедиҳад, ки "олиҳа", яъне он ашёеро, ки мушрикон мепарастанд, дашном диҳанд, зеро ин дашному таҳқири онҳо сабаби беэҳтиромӣ ва ҳақорати Худованди барҳақ мегарданд.



# ФАРҲАНГИ
# ААССУБ АСТ



Хилофи таълимоти ислом террористон чандин осори таърихиро харобу валангор намуда, онро ҷиҳод бо ширк меноманд. Аз ҷумла, тарконидани муҷассамаҳои буддоия дар Бомиёни Афғонистон, хароб кардани шаҳри қадимаи Палмира дар Сурия ва садҳо мисоли дигар. Дар Қуръони карим омадааст: *"Онҳоеро, ки мушрикон ба ҷуз Худо мепарастанд, дашном мадиҳед, зеро ки онҳо аз рӯи зулм ба ғайри дониш Худоро дашном хоҳанд дод"*. (Сураи "Анъом", ояти 108). Дини мубини Ислом тамоми ҳуқуқҳои асосии инсон - мусулмон ва ғайри мусулмонро дар ҳаёт ҳифз менамояд ва ҳамеша инсонро барои идора намудани нафси худ аз пойбандии ҳавову ҳавас амр менамояд. Худованд мефармояд: *"Эй мардуаслам, ба дурустӣ, ки шуморо аз як марду як зан офаридем ва шуморо қавмҳо ва қабилаҳо сохтем, то бо якдигар шиносо шавед. Ҳаройина гиромитарини шумо назди Худо парҳезгортарини шумост, Худо Донои Хабардор аст"*. (Сураи "Ҳуҷурот" ояти 13).

Он чи ки баён шуд, масоили шаръӣ буд, дигар тамоми муносиботи иҷтимоӣ дар давлати дунявӣ бар асоси қонун танзим аст.

**- Дар ҷое Шумо изҳор намудед, ки хавфи "тасаллути шиаён" сари кишвари мо вуҷуд дорад. Ин гуфтаҳоятон асос доранд ва агар ҳа, пас ин хатарҳо за кадом ҷониб ба мо таҳдид мекунанд? Дар кишвар ақаллияти мазҳабии шиаёни исмоилӣ ба сар мебаранд. То ҳол, хусбахтона, дар дохил ягон моҷарои мазҳабӣ сар назадааст. Оё Шумо андеша доред, ки имкони роҳандозӣ шудани кашмакашиҳои мазҳабӣ дар дохили кишвар аз ҷониби қувваҳои манфиатдор ҳастанд? Агар бошанд, пас онҳо кистанд?**

-Аслан баҳси шиаву суннӣ як мавзӯи қадима аст ва дар замони муосир хеле хатарзост. Беҳтар аст, ки ин баҳс умуман набошад, зеро ҷони ҳазорон-ҳазор мусалмонон сари ин баҳс талаф шудааст. Он чизе, ки банда аз он дар ташвиш ҳастам, ин аст, ки таблиғи мазҳаби бегона дар ҷамъияти асосан якмазҳаби мо боиси ноамнӣ ва хавфи сар задани мунозиқаҳо хоҳад шуд. Дурандешона ин хатарро пешгирӣ кардан лозим аст. Ба ёд биёрем, ки баргузории маъракаи "Ошуро" дар шаҳри Ваҳдат, ки хоси мазҳаби шиа аст, чӣ гуна ба иззати нафси ҳанафимазҳабон расид, онҳоро ба тааҷҷубу ташвиш овард. Таблиғоте аз ҷониби Қиёмиддини Ғозӣ дар заминаи шиагароӣ низ ҳамин гуна таъсири бад дошт. Барои ҷомеаи суннатии мо чунин "навгониҳо" саргумӣ ва парешониро бо бор меорад, иттиҳоди мардумро рахна месозад, суботро аз байн мебарад, хавф дар ҳамин аст. Сӯистифода аз камсаводии ҷавонон ва дар ин замина таблиғи мазҳабӣ барои мо бегона боиси аввал мунозиқаҳои лафзӣ ва баъдан зӯровариҳо хоҳад шуд. Таҷрибаи салафия инро исбот намуд. Аз инҳо андеша бояд кард. Ман ҳаргиз дар ин замина халалдор шудани муносибатҳои мо бо Эрон намехоҳам ва ягон нафар дар Тоҷикистон низ намехоҳад. Бигзор дар ҳар кишвар мазҳаби худаш бошад, таблиғот низ дар кишвари худаш чараён гирад. Аммо аз гурӯҳҳое пешгирӣ намудан лозим аст, ки бо истифода аз нодониву бетаҷрибагии ҷавонон маҷбуран онҳоро ба тарафи худ мекашанд, албатта, бо дарёфти маблағҳои зиёде аз хориҷа.

Дар масъалаи муносибат бо пайравони шиаҳои исмоилии дохили кишварамон мо ягон мушкил надорем, намояндаи онҳо дар Шӯрои уламои мамлакат ҳаққи узвият дорад, онҳо тибқи расму ойини хеш ибодати худро ба ҷо меоранд ва тадбирҳои мазҳабиашонро озодона барпо мекунанд. Он чи ки дар боло изҳор шуд, ба шиаи дувоздаҳимома (исноашария- А.Д.) дахл дорад.

**- Бигӯед, ки дар давлати дунявӣ сарвари рӯҳонӣ будан мушкилӣ эҷод намекунад?**

-Асли дунявият маънои муқобил будан бо дин ва маҳдуд намудани озодиҳои динии шаҳрвандон нест, баръакс моҳияти он дар муҳайё намудани шароити озод ва баробари татбиқи озодиҳои динию эътиқодии шаҳрвандон ифода мегардад. Аз ин хотир, ман гумон дорам, ки дар давлате, ки дини ислом ҳамчун рукни муҳими фарҳанги миллӣ, маънавиёт ва ахлоқи ҷомеа эътироф гардидааст ва ҳаққу ҳуқуқи шаҳрвандонро дар риояи суннатҳои дини Ислом маҳдуд накардааст, масъули мусулмонон будан мушкил нест, аммо масъулияти зиёдеро тақозо мекунад.

**- Муфтии Сурия Аҳмад Бадруддин Ҳассун зимни як мусоҳибааш ба як шабакаи русӣ гуфт, ки "на Ҳазрати Мӯсо, на Ҳазрати Исо ва на Ҳазрати Муҳаммад (с) ҳар кадом на барои яҳудиён, на барои насрониён ва на барои мусулмонон дар алоҳидагӣ давлат бунёд накардаанд. Онҳо давлатҳои таҳаммулпазир ва сохти дунявӣ дошта сохтанд". Шумо ба ин ақидаи муфтии Сурия розӣ ҳастед?**

-Дар ҷавоби ин суол вазъи таърихиву фарҳангии ҳамон давраҳоро бояд мадди назар дошт. Ҳазрати Мӯсо қавми яҳудро муттаҳид кард, меъёрҳои давлатдориро қабл аз ҳама барои ҳамдинони хеш матраҳ сохт. Давраи ҳазрати Муҳаммад (с) комилан дигар буд, дину давлат дар ин сарзамин печидаи ҳам буд, яъне Расули Акрам ҳам раиси давлат буданд ва ва ҳам раиси дин. Он замон мафҳуми давлат ба маънои имрӯзааш дарк намешуд. Он замонҳоро бо имрӯз қиёс кардан нашояд. Албатта, бо назардошти гурӯҳе, дину мазҳабе барпо кардани давлат нодуруст аст, имкон надорад. Ҳоло дар сайёра кишвареро ёфтан муҳол аст, ки сокинонаш куллан намояндагони як дину як мазҳаб бошанд. Муҳим ин аст ки дар байни мусалмонон адолат бошад ва озодона ибодатҳои худро анҷом диҳанд.

**- Бунёди шумораи нави масоҷид дар кишвар. Онҳо метавонанд ҳам макони маърифату Худошиносӣ бошанд, аммо, мутаассифона, дар навбати худ макони фитнаву ҷудоиандозӣ ва хушунат низ, агар аз минбари онҳо ғаразнок истифода бурда шавад. Таъсиррасонии ин ҷойгоҳ ба зеҳнияти омма хеле зиёд аст, чун ҷомеаи мо ғолибан суннатист. Назари Шумо дар ин мавзуъ.**

- Дар ҳар давру замон тибқи талаботи мардуми намозгузор дар сурати пеш омадани зарурат дар шаҳру рустоҳо масҷидҳо бунёд мегардиданд. Бо афзун шудани шумори мардум, табиист, ки бунёди макони ибодат тақозо мешавад. Барои давлат он чиз муҳим аст, ки ин масоҷид чӣ гуна истифода мешаванд, агар дар масоҷид мардум тибқи қавоиди шаръӣ ба ибодати хеш машғул шаванд, ҳеҷ зиёне ба давлату ҷомеа намерасад. Ибодат ба хотири ризои Худо асли масҷидравию масҷидсозист. Он гаҳ мушкил хоҳад шуд, ки агар хонаи Худоро ба мақсадҳои ғаразнок, ҷойи баҳси сиёсат, таблиғи афкори номатлуб барои суботи ҷомеа хатарнок истифода баранд. Инҷо бояд ба як нуқтаи муҳим ишора намоям, ибодат ду гуна мебошад; ибодатҳои шаоирӣ ё аслӣ, ин рукнҳои панҷгонаи Ислом; ибодатҳои муомилавию муоширатӣ, дар ин қисмати ибодат, эҳтироми волидайн, тарбияи фарзанд, муносибати нек бо ҷомеа ва дар умум инсони муфиду безарар будан дар ҷамъият. Ҳоло, агар дар ин муносибатҳо мусалмон ноком шуд, ибодатҳои аслиаш қабул нест.

**- Дар саҳифаҳои ҳафтанома мо мавзӯи хурофот миёни ҷомеаро пайгирӣ карда будем. Бигӯед, ки Ислом оид ба ин зуҳуроти манфӣ чӣ мефармояд?**

- Оре, ман мавзӯи пайгирӣ намудаатонро мутолиа кардам, азҷумла матлаби шуморо низ, ки таҳти сарлавҳаи ***"Хурофот асоси ҷаҳлу оқибмондагии мост"*** нашр шуда буд. Бо қаноатмандӣ бояд бигӯям, ки мавзӯи хеле муҳимро пайгирӣ намудед. Матлабатонро такя ба далелу асноди муътамад ва хеле ҷолибу хонданӣ манзури хонандагон кардед, ки хеле хуб аст ва пешниҳоди чунин мақолот, бешубҳа сафи хонандагонатонро хоҳад афзуд ва нуфузи нашрияро боз ҳам зиёд хоҳад кард.

Дини мубини Ислом аз ибтидои зуҳур то кунун зидди ҳамагуна мавҳумот ва ақоиди пучу беасос аст. Ба шаҳодати аксар олимони диншинос, Ислом динест, ки танҳо ба ақлу хирад ва донишу ҳикмат такя мекунад. Хурофот бошад, маҷмӯи ақидаҳоест, ки ба ягон далел ва меъёрҳои ақлӣ такя намекунанд, мавҳумоте беш нестанд, асоси илмӣ надоранд. Ислому хурофот ҳеҷ гоҳ ба ҳам намеоянд ва ҳеҷ қаробате ба ҳам надоранд. Онҳо зидди ҳамдигаранд. Бузурге фармуда, ки "тиббу фалсафа инсонро аз ҳама мавҷудоти дигар хирадмандтар кард, фолкушоиву астрология ба беҳирадӣ расонид, аммо хурофот инсонро аз ҳама бадбахттар намуд".

Сарчашмаи хурофот, бешак, дар ҳама давраҳои рушди башар ҷаҳолату нодонӣ будааст ва имрӯз низ ҳаст. Бинед, бузурге фармуда, ки "вақте одамон ба ҳеҷ чиз бовар надоранд, онҳо тайёранд, ки ба ҳама чиз бовар кунанд". Дигар ин ки ҳама шакли хурофот, бовар ба мавҳумот ва ҳама зуҳуроти ғайриақлӣ зулм кардан ба ҷони хештан аст.

Бадтарин зулме, ки инсон мебинад, натиҷаи нодониву ҷаҳолати ӯст ва ягона роҳи наҷот аз ин зулму ситам донишу маърифат, амал кардан тибқи фармудаҳои Илоҳӣ ва берун нашудан аз марзи одамият аст. Асли дин чист? Дин иборат аз аҳкоми Илоҳия аст, ки тобеони худро ба саодати ҳарду олам мерасонад ва мусулмони комил он аст, ки ҳам толиби саодати ин дунё ва ҳам толиби саодати охират бошад. Дунёро тарк карда, толиби охират будан мувофиқи шаръи шариф нест. Сухани Худованд аст, ки *"Худо он Худоест, ки кураи Замин ва ҳар чизе, ки дар ӯст, ҳамаро барои фоидаи Шумо халқ кардааст"* (Сураи "Бақара", 2:29).

Айни хурофот аст, ки баъзеҳо меӯянд: *"Дунё ҷаннати кофирон ва дӯзахи мусалмонон аст"*. Ҳол он ки дар Ислом чунин меъёр нест ва ин афсонаи хурофотӣ бофтаи онҳоест, ки ҳам ба худашон ва ҳам барои дигарон тавассути ин ақидаи нодуруст зулму ситам мекунанд.

Худованди Таъоло (дар сураи Юнус, 10:44) мефармоянд: "Иннал-Лоҳа ло язлиму-н-носа шайъан ва локинна-н-носа анфусаҳум язлимун", яъне *"Худо мардумонро зулм намекунад, лекин онҳо дар ҳаққи худашон зулм мекунанд"*. Ё дар сураи мубораки "Шӯро" (42:30/31) гуфта мешавад: "Ва мо асобакум мин мусибатин фи би мо касабат айдийкум ва яъфу ъан касир. Ва мо антум би муъҷизина фи-л-арзи ва мо лакум мин дуни-л-Лоҳи мин валийин ва ло насир", яъне *"Ҳар мусибате, ки ба шумо расад, ба сабаби афъолу аъмоли носазои шумост, бисёре аз гуноҳонатонро Худо авф мекунад (агар мусибатро ба қадри гуноҳонатон фиристад, вой бар ҳоли шумо!). Шумо дар дунё аз ин мусибатҳо, ки ҷазои амали худатон аст, халос нахоҳед шуд. Шуморо ғайр аз Худо соҳибе, ки ҳифз кунад, ва мададгоре, ки дафъи бало намояд, нест"*.

Албатта, оид ба паҳлӯҳои гуногуни ин масъала ҳарфи зиёде ҳаст, аммо асли ҳақиқат ҳамин аст, ки дар боло изҳор шуд: дуруст омӯхтани дин, омӯхтани илму дониш ва пайравӣ кардан ба накӯкорон, сабақ гирифтан аз таҷрибаи рӯзгор ва пайваста зоҳир намудан хисоли ҳамидаи инсонӣ хурофотро аз миён мебардорд.

**- Суоле, ки қаблан дода будам, бо каме тағйирот дигарбора медиҳам. Шумо чигунагии муносиботи кулли аҳли Исломро бо дигарон шарҳ додед. Муомилаи пайравони мазҳаби Имоми Аъзам бо намояндагони дигар адён чӣ гуна бошад? Имрӯз идеологҳои ДИИШ ҳамаи онҳоеро, ки гӯё бо "исломи асил" нестанд, ба марг ҳукм кардаанд. "Исломи асил" чист, ки мо онро тӯли ин қарнҳо ахиран нафаҳмидаему ДИИШ-ро "хушбахтӣ"-и дарки он насибаш шуда?**

- Мазҳаби мубораки Имоми Аъзам, агар аз нигоҳи сиёсиву иҷтимоӣ ва муносибат ба динҳо ва равияҳои эътиқодии берун аз марзи ислом бингарем, комилан гуманистӣ ва ботаҳаммултарин аст. Дар ин мазҳаб он миқдор озодиҳо ва принсипу усулҳои қадршиносии инсон ҳаст, ки дар ягон мазҳаби дигар ба ин гуна муҳташамӣ нест.

Беҳтарин ҷиҳати ин мазҳаб ин аст, ки таълимоти Абӯҳанифа Нуъмон аз ибтидо то ба интиҳо ҳамагӣ асоси қуръонӣ ва ақлгароӣ дорад. Ӯ ҳамеша кӯшиш мекард, ки дар ҷустуҷӯи мушкилоти зеҳнӣ аввал далелҳои қуръонӣ пайдо кунад. Дар сурати аз Қуръон пайдо нашудани ҷавоби ҷонеъкунанда ба суннатҳои Паёмбари гиромӣ мутаваҷҷеҳ мешуд. Агар дар ин ҷо ҳам ҷавоби саҳеҳ пайдо намешуд, ба қарори иҷмоъ рӯ меовард. Дар сурати дар ин ҷо ҳам пайдо нашудани ҷавоб ақлу хирад, қиёс ва хулосаҳои мантиқиро ба роҳбарӣ мегирифт.

Баъдан асоси таълимот ва амалияи ин шахсияти беназирро инсонгароӣ, эҳтироми аҳли илму ҳунар, доништалабӣ, заҳматписандӣ, худдорӣ аз ғайбату бадгӯӣ, сабру таҳаммул, сариштакорӣ, хайрхоҳӣ, ҳалолкорӣ, ҳимматбаландӣ, бадхоҳу бадкина набудан, покдоманӣ, вафодорӣ, садоқат ба кори Худо, меҳрубонӣ нисбат ба ҳама, шафқату эҳсон, хидмату эҳтироми калонсолон ташкил медиҳад. Бузурге баъди омӯзиши асосҳои ин мазҳаб ба чунин хулоса омадааст: *"Инсон бояд худро шиносад, рафторашро ба назм дарорад, хирадро пеша карда, коинотро биомӯзад ва ҷисму рӯҳашро мунаввар созад. Инсон бояд бо тамоми мавҷудот, алалхусус бо башарият аз рӯи меҳру шафқат муносибат намояд"*. Ана ҳамин аст муносибати пайравони Имоми Аъзам ба адёни дигар, яъне эҳтиром ба хайрхоҳӣ.

Идеологияи ДИИШ хилофи Ислом ва таълимоти Имоми Аъзам ва рафтори пайравони ӯст. Он чӣ, ки онҳо зери ибораи "Исломи асил" мегӯянд, комилан зидди арзишҳои на танҳо Исломи мубин, балки умуман хиради одамист. Ислом ҳатто сухани бад гуфтанро раво намебинад, куҷо расад ба куштору исён ва тороҷи мулкҳои бегона…

Алҳол тамоми олам фаҳмидааст, ки ДИИШ ба Ислом умуман муносибате надорад, сарчашмаи шаръӣ надорад, таълимоташ аз таълимоти фашизму терроризм фарқе надорад. Ин зуҳурот манфур воситаи онҳоест, ки меҳоҳанд дунёро тақсим кунанд, яъне манфиатҳои худро моддӣ назар доранд. Аслан дар матбуот ва дар гуфтугӯ дурусттар мебуд мегуфтанд: на "Давлати исломии Ироқу Шом", балки "Давлати ғайриисломии Ироқу Шом". Ин ном барои онҳо тибқи гуфтору кирдорашон дуруст аст.

**- Бале, ё тавре, ки Раиси Чеченистон Аҳмад Қодиров ишора карда "Давлати Иблисии Ироқу Шом"... Домулло, барои ин суҳбати пурмуҳтаво сипосгузориамро баён мекунам.**

- Ба шумо низ ташаккур. Тамоми аҳли эҷоди идора, хонандагони шумо, кулли мардуми Тоҷикистон зери раҳмати Худовандӣ бошанд.

*Мусоҳиб* **Азамат ДӮСТОВ**

**Ин осоишгоҳ аз ҷумлаи марказҳои табобатие аст, ки бо истифода аз оби гарм ва шифобахши табиӣ ба мақсади ҳифзи саломатии мардум соли 1935 бунёд шудааст. Он шояд ягона макони шифобахш дар ҷаҳон аст, ки бо бухори радиоактивии оби гарм фаъолият мекунад. Бар асоси пажӯҳишҳои илмӣ, бухор ва оби гарми осоишгоҳ барои табобат ва пешгирии қариб 10 намуди бемориӣ судбахш аст. Дар соли 1972 сохтмони нахустин бинои панҷтабақаи осоишгоҳ оғоз ёфта буд.**



# Хоҷа Обигарм муҳити форам дорад

**ЧАНДЕ пеш бо мусоидати Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ як гурӯҳ аз фаъолони ҳизбӣ аз шаҳру ноҳияҳои кишвар муддати як ҳафта аз файзи ин макони истироҳату табобат баҳравар гардиданд. Дар нигориши хабарнигори "МХ", ки дар ин гурӯҳ буд, аз шароит ва имконоти осоишгоҳ ва бардошти истироҳаткунандагон нақл мешавад.**

Дар рӯзҳои сарду барфӣ ворид шудан ба маконе воқеъ дар байни кӯҳҳо, ки қариб мушкили дастрасӣ бо барқу гармӣ надошт, хеле аҷиб ва ҳамзамон гуворо буд. Бисёриҳо, албатта ба Хоҷа Обигарм дар тобистон рафта, дам гирифтаанд ва шояд дар тасаввурашон намеғунҷад, ки ин макон дар ин шабу рӯз ба монанди ҳамон рӯзҳои гарм гуворо ва форам аст. Онҳое, ки барои табобат мераванд, ба мушоҳидаи мо, ба чанд сабаб маҳз ҳоло бояд биравroutand. Ба ин далел, ки дар ин фасл мизоҷон хеле каманд ва ҳар амале, ки ба хотири табобат ва мутобиқ ба фармудаи духтурон анҷом мегирад, бе саросемагӣ ва бе навбатпоӣ иҷро мешавад.

- То чанд вақт пеш осоишгоҳ мушилиҳое дар ҷиҳати хидматрасонӣ ба мизоҷон дар зимистонро дошт. Аммо пас аз навсозию таҷҳизи бино бо техника ва таҷҳизоти замонавӣ ин ҳама камбудӣ аз байн рафт, - мегӯяд Самизода Давлаталӣ Ҳаким, директории генералии ҶСК Осоишгоҳи "Хоҷа Обигарм".

Вай шарҳ дод, ки таъмиру навсозии ҷиддии биноҳои осоишгоҳро ду сол пеш, дар пайи ба вазифаи раҳбар таъин шудан оғоз карда ва дар муддати ҳафт моҳ ба анҷом расонд.

Ба гуфтаи вай, ҳоло ин маркази табобату истироҳат нафақат барои қабули мизоҷони худӣ, балки барои меҳмонони хориҷӣ ҳам тамоми шароити лозимро дорад.

Дар ҳақиқат мо шоҳид будем, ки баъзе аз мизоҷон худ бо асбобҳои гармидиҳӣ, ба монанди батареяю печкаи барқӣ ва обҷӯшонакҳо меомаданд, вале чун дар аввалин дақиқаҳои шиносоӣ бо шароит медиданд, ки ин ҳама таҷҳизотро ҳар яке аз ҳуҷраҳои зист дорад, амволи овардаи худро бозгардонда ба мошинҳояшон мегузоштанд.

- Мо натанҳо лӯлаҳои оби гарму батареяҳои гармидеҳи хонаҳоро нав шинондему бо таҷҳизоти лозим таъмин намудем, балки тамоми лавозимоти зист, аз рӯйпӯши хоб то дастпокҳоро нав кардем.

Суҳбати мо бо ӯ дар поёни як давраи ҳафтрӯзаи истироҳат сурат гирифт ва ҳар чи ӯ мегуфт, мо худ дар воқеъ тайи ин муддат дида будем.

Дар тамоми хонаҳои зист телевизионҳои замонавӣ гузошта шудаанд, ки чандин шабакаҳои моҳвораиро нишон медиҳанд. Дар баробари барномаҳои телевизиони Тоҷикистон ва чанд канали Русия, инчунин дар як канал наворе дар бораи худи осоишгоҳ ва бахшҳои табобатии он ҳамарӯза ба намоиш гузошта мешавад.

Осоишгоҳ бо беҳтарин шароит барои қабули 700 нафар меҳмон имкону омодагӣ дорад. Барои таъмини бехатарӣ ва низоми корӣ дар осоишгоҳ 32 камера насб шуда, ки маркази назорат ва идораи он дар утоқи кори директори генералӣ аст. Кормандони ҳамаи ошёнаҳои осоишгоҳ бо ратсия (телефонҳои бесим)-и дохилӣ таъмин шудаанд, ки иҷрои ҳар амру супориш ва рафъи камбудиҳоро ба таври фаврӣ фароҳам месозад.

Раҳбари осоишгоҳ дар чанд лаҳзае, ки мо машғули суҳбат будем, аз ҷои нишасти худ бо пахш кардани тугмаи лозим амру супориш медод.

- Ана ин камера дар ошхона гузошта шудааст, ҷое, ки шумо ҳар рӯз се бор хӯрок мехӯред, - гуфта Самизода тугмаеро пахш кард, ки дар монитор саҳни ошхона пайдо шуд.

- Медонед, пас аз насби ин камераҳо иҷрои кору ислоҳи камбудиҳо хеле хубтар шуда, одобу рафтори коргарон ҳам оҳиста- оҳиста тағйир ёфт. Чунки онҳо акнун медонанд, ки ҳар қадамашон назорат мешавад. Бинобар ин кӯшиш мекунанд, хубтар фаъолият кунанду бо мизоҷон хушмуомила бошанд. Вай мегӯяд: - Дар рӯзу ҳафтаҳои аввале, ки коргаронро бо сару либоси якхела таъмин кардем, баъзеҳо ҳатто хуш надоштанд, ки онро пӯшанд. Лозим будани пӯшидани либоси кориро ба такрор фаҳмондем. Ба тадриҷ одат карданд, аммо вақте бейҷик овардему ном ба ном ба ҳар яке додем, боз ҳам баъзеҳо ҳавсала намекарданд, ки пеши бари худ онро бизананд. Барои дарки зарурати ин кор ҳам се-чор рӯз вақт лозим шуд…

Мо мефаҳмем, ки барои вақти қабули меҳмонон хиҷолат накашидан хидматрасонӣ дар сатҳи олӣ бояд бошад.

Осоишгоҳ ҳоло 330 хона ва 8 апартамент дорад, ки ҳар кадом барои қабули меҳмонон тайёр аст. Дар соли равон бо истифода аз шароити хуби ин осоишгоҳ чандин коференсия, мизи мудаввар ва ҳамоишҳои байналмилаливу минтақавӣ бо иштироки меҳмонон аз хориҷи кишвар баргузор шуд.

Ин нукта ҳам барои мо ҷолиб буд, ки раҳбарияти осоишгоҳ дар фасли зимистон ва дар моҳи рамазон ҳар сол арзиши роҳхатро то 20 фоиз арзон мекунад.Дар тобистон ба ин осоишгоҳ аз ҷумла меҳмонон аз Русияву Қазоқистон ҳам меоянд. Аммо шумораи хориҷиҳо кам буда, бештари мизоҷон ҳоло аз худи Тоҷикистон ҳастанд. Чунин ба назар мерасад, ки онҳое як бор дар ин муҳит аз обу ҳавои ин макон нафас мегиранду таъсири шифобахши обу бухори гарми онро эҳсос мекунанд, дигар аз он дил канда наметавонанд.

Ҳоҷӣ Амонулло Азизов, аз деҳаи Хуҷачилдиёри ноҳияи Ҳисор, ки мо дар осоишгоҳ шинос шудем, аз шахсоне аст, ки қариб ҳар сол як бор омада дар ин ин ҷо дам мегирад.

Ӯ мегӯяд, ки бори аввал соли 1982 омада, таъсири мусбати оби дармонбахши осоишгоҳро дар ҷони худ дида буд. Аз он сол ба ин тараф дигар ҳар сол меояд ва аз обу ҳавои равонбахш баҳравар мешавад.

- Ба ин муҳит одат кардаам ва хаёл мекунам, ки он тавону дармони тоза мебахшад.

Виктор Пустиков, ки аз шаҳри Новгород (Русия ) бо оилаи худ ба ин истироҳатгоҳ омада буд, бо тавсиф аз шароиту табиати он гуфт: - Бо тавсияи дӯстон тасмими сафар ба Тоҷикистонро гирифтем. Шароити осоишгоҳ барои мо хуш омад, обу ҳавояш ҳам тозаву гуворост.

Моро гарм пешвоз гирифта, хуб хидмат мерасонанд. Осоишгоҳе бо чунин шароит ва имконоти табобатӣ, аз ҷумла дар шаҳру корхонаҳои калони Русия бояд бештар таблиғ шавад, то муштариёни зиёдтар оянду истироҳат кунанд ва ҳам Тоҷикистонро бинанд.

Мизоҷон аз қабули бухор (пар)-и гарми оби шифои радонӣ, дӯши даврзананда, шустани рӯдаҳо, муолиҷа бо дастгоҳҳои техникӣ-тиббии физиотерапевтӣ, бо истифода аз маҳсулоти нафтӣ - озокерит ва парафин, сандалии барқӣ, масҳи дастӣ (массаж) ҳам ҳаловат мебаранд ва ҳам табобат мешаванд.

-Ҳар ҷое рафтем obод кардем,- сухане буд, ки зимни суҳбат раҳбари ин маркази табобату истироҳат баён кард. Орзу дорем, ки ин маҳали кӯҳанбунёди нав ободшуда ба шарофати раҳбаре мисли ӯ кордон боз ҳам рушд мекунад ва шуҳрату овозааш ба ҷаҳон мерасад.

**Солеҳ ЮСУФОВ**

Минбари хонанда

# РЕҶАИ БАРҚ РИОЯ НАМЕШАВАД

***Аз шумо, кормандони нашрияи мардумии "Минбари халқ", ки аз дарду дили халқ доимо огоҳ ҳастед ва дар ин бора мақолаҳо чоп мекунед. хоҳиш дорем, ки ба ин арзи мо ҳам расед.***

***Реҷаи барқ, ки аз ҷониби ширкати "Барқи Тоҷик" ҷорӣ шудааст, дар ноҳияи Ваҳдат риоя намешавад. Барқро доим кам карда ба мардум мерасонанд. Хоҳиш менамудем, ки ин масъала дида шавад. То кай касе чӣ хоҳад кардан мегирад? Ягон комиссияи босалоҳият ташкил шавад ва вазъиятро тафтиш кунад. Гунаҳкоронро пайдо карда ҷазо диҳанд. Ҳамагӣ якуним ду соат барқ медиҳанд, канӣ инсоф?***

***Вақти додани барқ худаш маҳдуд аст, вале онро ҳам бо тамошои рекламаи шабакаҳои телевизионӣ мегузаронем.***

***Болои сӯхта намакоб, мегӯянд. Охир худатон як ҳисоб кунед 2 соат барқ дода 6 бор 15 дақиқагӣ реклама пахш мекунанд. Дар ягон шабакаи телевизионии давлатҳои дигар чунин (15 дақ.) реклама нест. Ақаллан аз рӯи инсоф дар давраи зимистон рекламаро камтар нишон диҳанд. Охир чизеро дидаву шунида наметавонем. Фақат рекламаву реклама. Дар Тоҷикистон чӣ хабар, дар ҷаҳон чӣ мегузарад, аз телевизион не, аз даҳони дигарон мешунавем. Хоҳиш, ба додамон расед.***

**Ш. САИДОВ, Л. КАРИМОВА, К. МАҲМАДОВА, Ш. ИЗАТОВ, С. ЛАТИФОВ** *(ҷамъ 20 имзо),*
*сокинони ҷамоати Гулистони н. Ваҳдат*

# ЗАХИРАҲОИ ИСТИФОДАНАШУДАИ ЭНЕРГИЯ ЗИЁДАНД

**Ҳамасола бинобар камшавии маҷрои дарёи Вахш дар фаслҳои тирамоҳу зимистон дар ҷумҳурӣ нерӯи барқ тибқи лимит дода мешавад. Маҳдудияти нерӯи барқ тақозо мекунад, ки ба манбаъҳои барқароршавандаи энергия таваҷҷуҳ бештар гардад. Истифодаи нерӯи офтоб, шамол ва биогаз метавонад мушкили сокинони деҳоти кишварро осон карда, боиси баландшавии сатҳи зиндагиашон гардад.**

### БУЗУРГТАРИН МАНБАИ ЭНЕРГИЯ

**ОФТОБ** бузургтарин манбаи энергия ба шумор меравад. Дар зарфи 15 дақиқа офтоб ба сайёраи мо он қадар энергия мефиристад, ки он барои истифодаи тамоми башарият як сол мерасад. Агар мо дуруст истифода бурдани энергияи офтобро ёд гирифта, дар ҳаёт амалӣ созем, мушкилоти зиёди энергетикиро ҳал хоҳем кард.

Энергияи офтобро метавон ба гармӣ, хунукӣ (яхдон, кондитсионер), нерӯи ҳаракатдиҳанда (гелиомобил, ҳавопаймо, киштии офтобӣ) ва нерӯи барқ табдил дод. Мувофиқи пешгӯии коршиносони Агентии байналмилалии



энергетика то соли 2050-ум 20-25 дарсади талаботи инсоният ба энергетика тавассути истифодабарӣ аз нерӯи офтоб қонеъ хоҳад шуд. Аз баракати дуруст истифода намудани энергияи офтоб соле ихроҷи гази карбонат то 6 миллиард тонна кам хоҳад гашт.

Сардори давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни маърӯзаи хеш ба муносибати 60-солагии таъсисёбии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мавзӯи рушди энергияи алтернативӣ дахл карда, чунин гуфта буданд: "Таҷрибаи кишварҳои мутараққӣ нишон медиҳад, ки тавассути истифодаи энергияи офтоб арзиши гармкунии об ва манзилро то 70 дарсад кам кардан мумкин аст. Аз ин рӯ имрӯз дар хонаҳои шахсӣ, иморатҳои баландошёна, мактабу беморхона ва корхонаҳои саноатии кишварҳои пешрафтаи дунё барои гарм кардани об коллекторҳои офтобӣ истифода мебаранд".

Бо ташаббуси Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сарпарастии Комиссияи Аврупо соли 2007 аз Ҷумҳурии Туркия 5 обгармкунаки офтобӣ ворид гардида, дар шаҳрҳои Душанбе ва Қӯрғонтеппа насб намуданд. Ҳарчанд як гурӯҳ соҳибкорони ватанӣ ба семинар-намоиши манбаъҳои барқароршавандаи энергия даъват шуда бошанд ҳам, ба ин масъалаи муҳим чандон таваҷҷуҳ зоҳир накарданд. Агар онҳо ба маблағе, ки ҳар сол барои харидани барқи "хати сурх" сарф мекунанд, соли 2007 таҷҳизоти офтобӣ харида, дар боми хонаҳояшон насб мекарданд, кайҳо харҷи кардаашон пӯшида мешуду имрӯз барқ ва ё оби гармро аз таҷҳизоти офтобӣ муфт истифода менамуданд.

Дар Тоҷикистон миқдори рӯзҳои офтобӣ вобаста ба мавқеи ҷойгиршавии минтақаҳо ба 280-330 рӯз мерасад, ки ин аз кишварҳои аврупоӣ дида бештар аст. Ҳоло дар Кипр 90 дарсади иморатҳо обгармкунаки офтобӣ доранд. Дар Исроил, Туркия, Олмон, ИМА, Чин, Италия ва Ҳиндустон низ теъдоди таҷҳизоти офтобӣ торафт меафзояд.

Дар ҷумҳурии мо низ истифодаи обгармкунак ва панелҳои офтобӣ то андозае метавонанд дар таъмини аҳолӣ бо барқу гармӣ кӯмак расонанд. Аз рӯи ҳисоби олимони Академияи илмҳои ҷумҳурӣ агар ҳамагӣ 0,1 дарсади ҳудуди ҷумҳуриро бо таҷҳизоти офтобӣ пӯшонем, энергияе, ки аз онҳо тавлид мешавад, соле 300 миллиард кВт.соатро ташкил хоҳад дод. Интенсивнокии радиатсияи офтоб дар кишвари мо ба 1 метри мурабба 1000 Ваттро ташкил медиҳад. Нишондиҳандаи мазкур нисбати баъзе кишварҳои аврупоӣ, ки ҳоло нерӯгоҳҳои офтобиро фаровон истифода мебаранд, хеле зиёд аст. Бо васеъ истифода бурдан аз нерӯи офтоб ҷумҳурии мо метавонад 20 дарсади талаботи энергетикиро қонеъ намояд.

Имрӯз танҳо дар Япония, Олмон ва ИМА фотопанелҳои офтобӣ ба зиёда аз 1 миллион хонаводаҳо хизмат расонида истодаанд. Дар алоҳидагӣ Чин бузургтарин кишвари истифодабарандаи нерӯи офтоб ба шумор меравад.

Боиси хушнудист, ки дар чароғакҳои роҳнамои шоҳроҳи Душанбе-Ҳисор-Турсунзода панелҳои офтобӣ насб кардаанд. Агар ин иқдомро дар пойтахт ва дигар шаҳрҳои мамлакат низ дастгирӣ намоянд, нерӯи барқ сарфа гашта, фаъолияти доимии чароғакҳо таъмин мегардад. Ширкати мухобиротии "Мегафон" низ дар як қатор иншооти мавҷқабулкунӣ таҷҳизоти офтобӣ насб кардааст, ки шоистаи таҳсин аст.

Насб кардани обгармкунак ва фотопанелҳои офтобӣ зиндагии сокинони мамлакатро беҳтар намуда, оянда боиси сарфаи маблағ ва ғанишавии буҷаи оилавиашон мегардад.

### ШАМОЛ ҶОИ НАФТУ АТОМРО МЕГИРАД

**БАЪД** аз фоҷиаи нерӯгоҳи атомии Фукусимаи Япония дар ин кишвар тасмим гирифта шуд, ки ба ҷои нерӯгоҳи атомӣ ҳарҷӣ бештар нерӯгоҳҳои офтобию шамолӣ бисозанд. Дар Олмону Шветсия ва Дания чанд сол боз лоиҳаи "Шамол ба ҷои атом" амалӣ шуда истодааст. Нархи тавлиди барқ аз нерӯи шамол имрӯз баробари нархи истеҳсоли як киловат соат нерӯи барқ тавассути газ буда, нисбат ба истеҳсоли барқ аз агишт арзон меафтад.

Соли 2008 истифодаи нерӯи шамол дар дунё нисбат ба соли 2000-ум 6 баробар афзуд. Як нерӯгоҳи бодии иқтидораш 1 МВТ дар зарфи 20 соли истифодабариаш 29 ҳазор тонна ангиштсанг ё 92 000 баррел нафтро сарфа мекунад.



Дар музофоти Сардинияи Италия нерӯгоҳи шамолии Портоскузо сохта шудааст, ки иқтидораш ба 90 МВТ мерасад. Нерӯгоҳ дорои 39 турбинаи шамолӣ буда, соле 185 миллион кВт.соат барқ тавлид мекунад. Барқи истеҳсолкардаи он барои 70 ҳазор оила мерасад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки сеяки манбаъҳои алтернативии нерӯи барқ ба энергияи шамол рост меояд. ИМА, Канада, Дания, Олмон, Чин ва Ҳиндустон ин рақамро ба 40% расониданианд. Япония тасмим гирифтааст, ки то соли 2040 ба ҷои нерӯгоҳҳои атомӣ аз офтобу шамол, чашмаҳои геотермалӣ ва биоэнергетика истифода хоҳад кард.

То ҳол иқтидори энергияи шамол дар ҷумҳурӣ пурра омӯхта нашудааст. Мувофиқи ҳисобҳои пешакӣ иқтидори энергияи шамол дар як сол аз 30 то 100 миллиард кВт.соатро ташкил медиҳад. Алалхусус дар ноҳияҳои Файзобод, Шӯрообод, Шаҳристон, ағбаҳои Анзобу Хобуробод, шаҳрҳои Хуҷанду Қайроққум насб кардани таҷҳизоти шамолӣ ояндадор аст.

### ПАРТОВ - СӮЗИШВОРИИ АРЗОН

**ПАРТОВҲОИ** биологӣ, пасмондаҳои меваю сабзавот, порӯи ҳайвоноту паррандагон тавассути аз онҳо гирифтани биогаз метавонанд ба манбаи арзони тавлиди энергия табдил ёбанд.

Нахустин таҷҳизоти истеҳсоли биогаз соли 1859 дар шаҳри Бомбайи Ҳиндустон ба истифода дода шуд. Соли 1895 бошад биогазро дар Британияи Кабир барои равшан намудани кӯчаҳо истифода бурданд. Биогаз дар таркиби худ 50-87% метан, 13-50% $CO_2$ ва каме газҳои $H_2$ ва $H_2S$ дорад. Агар биогазро аз $CO_2$ тоза кунанд, биометан ҳосил мешавад, ки монанди гази табиӣ аст.



Порӯи ҳайвоноту паррандагон, партовҳои забҳхонаи чорво, корхонаҳои пашму пӯст, пасмондаи сабзавот, буттаю баргҳо ва ҳар чизе, ки мепӯсад, ашёи хоми биогаз ба шумор меравад. Ҳамчунин тавассути рӯёнидани зироатҳои энергетикӣ, аз қабили ҷуворимакка, рапс, обсабзҳо (алалхусус эйхорния) метавон биогаз ҳосил кард. Аз 1 тонна чунин зироатҳо то 300 метри мукааб газ гирифтан мумкин аст.

Гирифтани биогаз аз пасмондаи зироатҳову порӯи ҳайвонот аҳамияти экологӣ дорад. Зеро дар сурати насӯхта, ба фазо баромадани метан хавфи гармшавии иқлим зиёд мешавад. Метан 21 маротиба нисбати гази карбонат ба иқлим бештар таъсир мерасонад ва дар атмосфера 12 сол боқӣ мемонад.

Ҳоло зиёдтарин теъдоди таҷҳизоти биогаз дар Чин мавҷуд буда, шумораш аз 45 миллион адад зиёдтар аст. Дар индустрияи биогази Чин зиёда аз 60 ҳазор нафар кор мекунанд. Таҷҳизоти биогаз дар Ҳиндустону Ветнам, Непал ва ғайра низ зиёданд.

Мувофиқи ҳисоби олимони Академияи илмҳои Тоҷикистон Ҳ.Аҳмадов ва Х.Каримов дар ҷумҳурӣ танҳо бо истифода аз порӯи шумораи мавҷудаи чорво 10 миллион метри кубӣ биогаз гирифтан мумкин аст. Истеҳсоли биогаз метавонад 5-20% талаботро аз ҳаҷми умумии гази табиӣ, ки Тоҷикистон қаблан аз хориҷа ворид мекард, қонеъ намояд. Пасмондаи истеҳсоли биогаз бошад, нурии дараҷаи олӣ буда, боиси ҳосилхезии заминҳо мегардад.

**Шамс НАЗАРОВ,**
*муовини раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати ҷумҳурӣ*

Минбари халқ
16 декабри соли 2015,
№51 (1030)

# ФОИДАИ ТОПИНАМБУР АЗ ЛАБЛАБУ БЕШТАР АСТ

**Вокуниш ба мусоҳибаи "Оғози ҳар кори бузург мушкилие дар пай дорад", ки дар ҳафтаномаи "Минбари халқ", №47 (1026) аз 18 ноябри соли 2015 чоп шудааст.**

**БАНДА** ҳамчун яке аз мутахассисони бахши кишоварзӣ мехоҳам баъзе аз андешаҳоямро нисбати ин лоиҳаи муҳим баён намоям. Бояд қайд кард, ки дар мусоҳиба як назар ва андешаи муҳим пешкаши хонандагон гардидааст, ки мақсади асосии он аз яке ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Тоҷикистон, яъне таъмини амнияти озуқаворӣ дар ҷумҳурӣ бармеояд.

Дар мусоҳиба зикр шудааст, ки бо роҳи васеъ намудани майдони кишти лаблабуи қанд ва маҳсулоти аз он ба даст омада, метавон талаботи аҳолиро бо қанд ва дигар маҳсулоти озуқаворӣ таъмин кард. Чи тавре аз маълумоти омории ҷумҳурӣ бармеояд, ҳосилнокии лаблабуи қанд дар мамлакат таи солҳои охир аз як га ҳамагӣ 20-25 тоннаро ташкил медиҳад. Аммо дар муоҳиба ин нишондод ба миқдори бештар аз 100 т/га арзёбӣ шудааст. Чи тавре, ки аз таҷрибаҳои олимони соҳаи кишоварзӣ аз Институти "Зироаткорӣ"- и Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон бармеояд, дар қитъаҳои таҷрибавӣ ҳосилнокии лаблабуи қанд дар ҳаҷми 30-35 т/га мебошад. Ин ҳам нишон медиҳад, ки потенсиали ин зироат дар заминҳои обӣ он қадар баланд нест. Аз тарафи дигар коркарди маҳсулоти қанд технологияи калонсарфаи қувваи барқ ба шумор меравад, ки дар ҳолати кунунӣ мамлакат ба он ниёз дорад ва боз ҳам пешниҳоди чунин лоиҳаро ба мушкилӣ рӯ ба рӯ месозад.

Инчунин омили дигаре, ки самаранокии чунин лоиҳаи калонарзишро зери суол мегузорад, ин дар минтақаи ниҳоят гарми мамлакат тавсияи ба нақша гирифтани бунёди корхонаҳои истеҳсоли қанд ва парвариши лаблабуи қанд (яъне вилояти Хатлон) мебошад. Лаблабуи қанд, растании минтақаи гарм набуда, дар иқлими нисбатан салқини минтақаҳои наздикӯҳӣ ва кӯҳӣ метавонад ҳосили дилхоҳ диҳад, ки дар чунин минтақаҳо шояд парвариши лаблабуи қанд ба зироати картошка аз ҳисоби фоиданокӣ ва ғизонокиаш рақобат карда натавонад. Ва далели охирине, ки ин ҷо бояд ёдовар шуд, ин дар мамлакати ба мо ҳамсоя - Қирғизистон аз сабаби баланд будани арзиши аслии қанди аз лаблабуи истеҳсолшуда, фаъолият надоштани ду корхонае, ки дар давраи Ҳукумати Шӯравӣ сохта шуда буданд, мебошад. Дар сурате, ки иқлим, мавҷудияти нисбатан зиёди қувваи барқ ва заминҳои обии бештари ин кишвар натавонистаанд, ки корхонаҳои истеҳсоли қанд дар ин ҷо фаъоят намоянд, пас дар шароити кишвари мо низ боз суолро пеш меорад. Дар асоси ин таҳлилҳо шояд барои санҷиши самаранокии истеҳсоли қанд аввал аз ягон корхонаи хурди тадқиқотӣ дар заминаи яке аз институтҳои тадқиқотии мамлакат корро оғоз намуд ва агар чунин корхонаи таҷрибавӣ самаранокии ин лоиҳаро исбот намояд, шояд баъд аз ин барои васеъ намудани чунин корҳои истеҳсолӣ дар майдонҳои васеъ ва дар минтақаҳои гуногун фаъолиятро идома дод.

Вале мутахассисони Маркази рушди инноватсионии илм ва технологияҳои нави Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақаҳои гуногун таҷрибаҳои илмиро оид ба парвариши растании топинамбур (ноки заминӣ) гузаронида ва ин таҷрибаҳо нишон доданд, ки дар сурати парвариши топинамбур дар заминҳои обӣ метавон то 200 т/га ҳосили умумии билогии ин зироатро ба даст овард, ки ин нисбати парвариши лаблабуи қанд зиёд буда, аз як га то ба 10-12 тонна қанд истеҳсол намудан мумкин аст, ки ин нисбат ба лаблабу қариб ду маротиба бештар ва аз ин истеҳсоли барзиёди биоэтанолро низ ба роҳ монд. Инчунин топинамбур нисбатан растании ба ҳар гуна боду ҳаво устувор буда, дар як замин то 8-10 сол бе киштгардон ҳосили дилхоҳро таъмин менамояд.

Аз тарафи дигар ҳосили лӯндаҳо ва баргу пояи топинамбур беҳтарин маводи ғизоӣ барои одамон, ҳамчун хӯроки чорво ва паррандагон, хӯроки моҳиён, барои пешгирӣ намудани касалии қанд ва маводи ба даст овардани биоэтанолу биогаз ба шумор меравад.




Аз ин лиҳоз агар дар оянда лоиҳаҳои нави инноватсионӣ доир ба васеъ намудани майдони кишти топинамбур ва сохтани корхонаҳои коркарди биологии топинамбур дар кишвар ба роҳ монда шаванд, фоидаи иқтисодӣ нисбати парвариши лаблабуи қанд бештар хоҳад буд.

**Қурбоналӣ ПАРТОЕВ,**
*доктори илмҳои кишоварзӣ*

---

Андар шинохти дӯст

*Ахлоқи неки инсонӣ, яке аз неъматҳои мондагор аст. Бо дилу ҷони чун оина пок, кас метавонад рафторҳои хубро аз бад, ҷудо кунад.*

# ДӮСТӢ АЗ АМАЛИ НЕК ОҒОЗ МЕШАВАД

**ЗЕРО оина дорои сифатест, ки зишту зеборо яксон нишон медиҳад. Инсон ба воситаи оина аз нуқсонҳои зоҳириаш огоҳ мешавад ва ба ислоҳи он мекӯшад. Дӯсти воқеӣ низ оинаест, ки зоҳиру ботини инсонро ба ӯ нишон медиҳад ва баҳри рафъи камбудиҳояш маслиҳат медиҳад. Дӯстиву рафоқат байни одамон аз замонҳои хеле куҳан оғоз ёфта, имрӯз бо ҷилои нав идома дорад. Инсонҳо асосан дар натиҷаи дар як ҷой кору фаъолият кардан, бо ҳам сафар намудан, дар якҷо таълим гирифтан бо ҳам ёру бародар мегарданд. Агар сурати инсонро оина нишон диҳад, сиратașро дӯст барои ӯ ба намоиш мегузорад. Дӯстӣ аз амали нек оғоз мегирад, некиро набояд танҳо гуфт, некиро бояд дид.**

**Бо кӣ бояд дӯст шуд? Ин саволест, ки кулли мардум, пиру ҷавон ва ҳатто кӯдакон ба ҳам медиҳанд ва дар ҷавоб мешунаванд: - Бо оне, ки гуфтораш, рафтораш, одаташ, нигоҳаш нек бошад. Дӯсти ҳақиқӣ дар ҳама ҳолат шуморо дастгирӣ мекунад, агар тавоноии кӯмаки молӣ надошта бошад, бо сухани нек рӯҳияи шуморо болида мегардонад. Намунаи волои дӯстӣ байни инсонҳо зиёданд. Дӯстии шоир ва файласуфи машҳур Умари Хайём бо Низомулмулк аз шарикдарс буданашон ибтидо мегирад ва ҳангоми вазириаш Низомулмулк вазифаи ситорашиносии расадхонаи султонии дар шаҳри Марв бударо ба Умари Хайём месупорад. Пайванди дӯстии онҳо як умр давом кард.**

**Дунё, ки майдони омӯхтану амал аст, он беҳ, ки дӯсти шумо аз шумо доно бошад, то шумо аз ӯ омӯзед, ё ӯ аз шумо. Рафиқро бояд эҳтиром кард, он чи ки ба худ намеписандӣ, ҳаргиз ба дигарон раво мадор.**

**Ҳаргиз дили ҳеҷ инсонро маёзоред ва хусусан дӯстро:**

***Ба даст овардани дунё, ҳунар нест,***
***Якеро гар тавонӣ дил ба даст ор.***

**"Агар хоҳӣ, ки дӯстатро санҷӣ, бо вай сафар кун", мегӯянд. Оре, дар сафар, ки бештар мушкилиҳо ба вуқӯъ меоянд, кас сифати ҳамсафарашро мебинад. Аз хатои рафиқатон озурда нашавед ва агар хатояшро мушоҳида кардед, танҳо ба худаш гӯед. Мо бояд ба қадри дӯстӣ, дар зиндагӣ расем, зеро лаҳзаҳои нотакрори рӯзгор бо меҳру садоқат ва дӯстию рафоқат боз ширинтар мешаванд.**

**- Мо, устодон имрӯз дар мактабҳо дар бораи дӯстӣ ба шогирдон зиёд сухан мегӯем, то онҳо аз ҳозир дӯстиву рафоқатро ёд гиранд, дӯстони хуб интихоб кунанд ва дар оянда дар зери сиёсати пешгирифтаи Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ливои сулҳу дӯстиро ҳамеша болобардор бошанд. Зеро дар кишвари соҳибистиқлоли мо, ки сухан ҳамеша аз дӯстӣ меравад, барои насли имрӯз ҳама шароитҳо муҳайё асту ҷавонон метавонанд бо шиори дӯстӣ қалбҳои худ ва атрофиёнашро шодмон созанд, барои дӯст ҳамеша хайрхоҳ бошанд ва аз таҳи дил саодати ӯро талаб намоянд.**

**Фатҳуллои САФАРЗОДА,**
*омӯзгори мактаби миёнаи № 50, ноҳияи Панҷакент*

---

Шиква

# «ХИЗМАТРАСОНИ»-и ТЕРМИНАЛҲОИ ВАЙРОН

**Имрӯз дар маркази ноҳияву шаҳракҳо дар баробари дӯконҳои чиптафурӯшию хизматрасонии телефон, терминали бонкҳои алоҳида низ зиёд ба чашм мерасад. Дар ҳолате, ки хизматрасонандагон зиёд шуданд, бояд сифати хизматрасонӣ беҳтар шавад.**



*Зеро рақобат дар шароити иқтисоди бозорӣ ҳаминро талаб мекунад. Яке аз нахустин бинонҳои хусусие, ки бо хизматрасонӣ шуруъ кард, теъдоди терминалҳояш фаровон ба чашм мерасад "Тоҷиксодиротбонк" аст. Дар оғози фаъолият сифати хизматрасонӣ хуб буду тавассути корт аввали ҳар моҳ маошамонро мегирифтем. Мутаассифона, чанд моҳи охир то пурра аз терминалҳои "Тоҷиксодиротбонк" гирифтани маошамон хеле асабӣ мешавем. Зеро дар аксар ҳолатҳо терминалҳо вайрон, ё агар соз бошанд ҳам, пул надоранд.*

*5 декабри соли равон дар маркази ноҳияи Ҳисор назди терминали филиали "Тоҷиксодиротбонк", ки рӯ ба рӯи бозори кӯҳна ҷойгир аст, рафтам. Терминал кор намекард. Шахсони зиёде бо кортҳояшон омада, ноумед бармегаштанд. Ба терминали дигаре, ки дар назди бинои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия мавҷуд аст, рафтам, он низ кор намекард. Ҳол он ки терминалҳои "Амонатбонк", "Спитаменбонк" ва ғайра фаъол буданд. Наход барои кормандони "Тоҷиксодиротбонк" ҷалби мизоҷон муҳим набошад? Магар мутахассисе, ки тармими терминалҳоро сарфаҳм равад, дар ин бонк нест? Дар ҳама шаҳрҳои Федератсияи Русия чунин терминалҳо шабурӯз фаъол буда, саривақт бо пул таъмин карда мешаванд. Мизоҷонро бо чунин хизматрасонӣ сарсону асабӣ кардан хуб нест.*

**С. НАҶМИДДИНЗОДА**

# АЗ ЧОРМАҒЗ ТО РОҒУН

## ДАР ИН МИЁН ФОСИЛА ЗИЁД НЕСТ, АММО КОРНОМАҲОИ ФАРОВОН ДОРАД

**СУХАНОНИ** машҳури канслери собиқи Олмон Бисмаркро дар бораи он ки "аз даҳ журналист даҳ вазир сохтан осон аст, вале аз даҳ вазир як журналист сохтан мушкил"-ро ба ёд оварда, сарнавишти ибратомӯз, зиндагии пурбаракат, рӯзгори рангину гуворои журналисту рӯзноманигори соҳибтаҷриба Раҷабалӣ Аҳмадов бо тамоми тобишу шеваҳои хоссаи эҷодкорӣ, санъати волои роҳбарӣ ва ташкилотчигии замони шӯравӣ пеши назар ҳувайдо мегардад. Акаи Раҷабалӣ дар мавзеи хушманзару зебои Чормағзи шаҳри Роғун по ба арсаи ҳастӣ ниҳода, аз оби мусаффои чашмасорони ин диёр нӯшида, дар талу теппаҳояш афтодаву хеста ба камол расидааст.



Номи Чормағзро гирифтани ин мавзеъ сабаб он аст, ки дар инҷо воқеан ҳам дарахтони чормағз фаровон аст. Дар инҷо ҷангали чормағз набошад ҳам, лекин дарахтони чормағз бо анвои ниҳолу буттаҳо ва дарахтони азими чинору туғу булут ва ғайра воқеан ҳам ҷангалзореро мемонад, ки аз тамошояш кас лаззат мебарад.

Акаи Раҷабалӣ дӯстону рафиқонашро ҳар вақт ба тамошои ин диёри биҳиштосо даъват мекунад ва бо шавқ аз таърихи ин минтақа ва мардумони меҳнатқаринаш бо самимият сухан мегӯяд. Дар бораи алафу гиёҳҳои шифобахшаш мисли як табиби исавиҳӯш нақлҳо мекунад.

Ана, дар чунин шароити масарратбахшу диловез Раҷабалии ҷавон ба камол расида, пушти подаву мол гашта, ашъори Саъдию Мавлоно, Ҳофизу Хайём ва дигар нобиғаҳои классикиамонро хонда, бо қироати осори Айнию Турсунзода, Икромию Фазлиддин Муҳаммадӣ ва абёти ҳамасронаш зеҳну ҷаҳонбиниашро тавсеа бахшида, одаму оламро бо чашми хирад шинохтааст. Чаҳ- чаҳи мурғони хушилҳон, шилдир - шилдири оби чашмасорон ва насими гуворои баҳорону хазонрезҳо, кӯрпаи оҳарии барфи зимистон ва баоси чорвою бузғолаҳо лар овони тобистон аввалин дарсу сабақҳои ин устоди гиромӣ маҳсуб меёфтанд.

Овозаи оғози сохтмони неругоҳи барқи обии Роғун ба сарнавишту зиндагонии Раҷабалии ҷавон таъсири тақдирсозе гузошт. Ӯ аз бунёди ин иншооти азим ифтихор мекард. Дар муҳтавои суҳбатҳояш мавзуи наве зам гардид, ки дар оянда ин мавзӯъ дар сарнавишти баъдина риштаи асосӣ ва умдаи эҷодиёти устодро ташаккул дод.

Дар ин миён Раҷабалии ҷавон барои такмили донишҳои мактабӣ ва табиияш баъди хатми дабистони деҳа ба Донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанбе дохил шуд. Дар доираҳои рӯзноманигорӣ сухане роиҷ аст, ки то зинаи мусаҳҳеҳиро нагузарӣ рӯзноманигори варзида намешавӣ. Адибони шинохта Фазлиддини Муҳаммадӣ, Нур Табаров, Абдулҳамид Самадов, Кароматулло Мирзоев ва дигарон корро аз ҳамин масъулияти мусаҳҳеҳӣ оғоз намудаанд. Ҳамин аст, ки Раҷабалии ҷавонро баъди хатми донишкада барои кор ба нашриёти "Ирфон" мефиристанд ва масъулияти мусаҳҳеҳиро бар дӯшаш мегузоранд.

Замоне, ки таҷрибаи корӣ ҳосил намуду қаламаш рост шуд, барои кор ба идораи нашрияи "Тоҷикистони советӣ", ҳозира "Ҷумҳурият", ки яке аз бонуфузтарин рӯзномаҳо маҳсуб меёфт, ба кор гузашт. Аз ҳамин давра домони эҷодиёташ тавсеа пайдо намуд ва нахустин мақолаҳои проблемавиро таҳия карда, манзури хонандагон гардонд. Шавқу завқи нигарандагии Раҷабалии ҷавон дар самти инъикоси ҷараёни сохтмони НБО- и Роғун тамаркуз ёфт. Эҷодкор бисёр мехост, ки таърихномаи мардуми Роғун, сохтмони иншооти барқи обӣ, нахустин қаҳрамонони он ва дигаргуниҳои вобаста ба бунёди нерӯгоҳ суратгирифтаро пайгирона ба тасвири бадеӣ бикашад.

Ҳамин тариқ, аввалин очерку ҳикоя, қиссаву лавҳаҳо, мухбирномаву гузоришҳои мавсуф саҳифаҳои нашрияро рангину хонданӣ мекарданд. Маҷмӯаҳои очерку публисистика, лавҳаю ҳикояҳояш ба нашр мерасиданд ва ба ҳамин васила мардуми бештаре аз ҷараёни сохтмон огаҳӣ пайдо мекарданд. Дар мавзӯи бунёди иншоот, корҳои ободонӣ, кабудизоргардонӣ, рушди соҳаҳои кишоварзию боғдорӣ ва чорводорӣ чандин китобу маҷмӯаҳо ба нашр расонда, барои хонандагон пешниҳод намудааст. Қиссаҳои сарнавиштӣ, таърихӣ ва тасвирии эшон доираи васеи хонандаҳоро фаро гирифтааст. Бо ихлосмандони эҷодиёташ пайваста маҳфилҳо ороста, дар бораи қаҳрамонони сохтмон ва образҳои дигари китобҳояш суҳбатҳо ва баҳсу мунозираҳо мекунанд. Китобҳояш "Саманди зебо", "Ҳикояҳо барои бачаҳо", "Аланга", "Бӯи шир", "Манзили меҳри шумо", "Қиссаҳои Ҷамшед", "Роғун- бахти рӯзафзун", "Садоқат", "Қаламкаш" ва ғайра бо тасвирҳои ҷолибу хонданӣ ва образҳои таъсирбахш дар миёни алоқамандон мақоми хоса доранд.

Дар оғоз дар бораи мақоми рӯзноманигор ба гуфтаҳои Бисмарк-канслери Олмон руҷӯъ намуда будем, ки ба истеъдоду маҳорат ва тавоноии эҷодкор-рӯзноманигор ишора менамуд. Бо тақозои тақдир Раҷабалии ҷавонро барои кор ба кумитаи ҳизбии ноҳияи Файзобод мефиристанд. Баъдан масъулияти таъсис ва ташкили нашрияи ноҳиявии "Меҳнати коммунистӣ" -ро ба зиммааш вогузор мекунанд. Нашрияро дар фосилаи хеле кам ба як рӯзномаи хонданӣ ва шавқовар табдил дод. Теъдоди обуначиёни он ба маротиб афзоиш ёфт. Фаъолияти хубу пурмаҳсули ташкилотчигии Раҷабалӣ Аҳмадовро ба эътибор гирифта, ӯро ба вазифаи пурмасъулият- раиси хоҷагии "Қалъаи дашт" таъйин мекунанд. Марди кор дар як муддати кӯтоҳ хоҷагии ақибмондаро ба сафи пешқадамон баровард. Дар ин давра боз дар чанд вазифаҳои муҳими ҳизбию хоҷагӣ ба шумули котиби кумитаи ҳизбӣ, раиси кумитаи назорати халқии ноҳия, раиси кумитаи ҳифзи табиат, намояндаи кумитаи назди Девони Вазирони ҷумҳурӣ оид ба корҳои дин дар шаҳри Роғун, сармутахассис-мушовири Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҷуиҳурӣ масруфият доштааст.

Баъди ба нафақа баромадан бекор нанишаст, балки ба корҳои эҷодиаш идома бахшид. Ҳаёту зиндагонии пурфайзу баракаташро ба навиштани китобҳои бузургҳаҷм равона кардааст. Вақти зиёди худро дар сохтмони иншооти барқи обӣ дар миёни бунёдкорони матинирода мегузаронад. Қаҳрамонони нав меҷӯяд ва қиссаҳои нав менависад. Чанд муддат ба сифати масъули Маркази матбуоти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар сохтмони нерӯгоҳи барқи обии Роғун ифои вазифа намуда, таърихи ҷараёни бунёди иншоотро рӯи сафҳаҳои солномаи сохтмон хеле ҷолибу хонданӣ қаламкашӣ намудааст ва ин рисолатро то ҳоло идома дода истодааст. Устод аз он ифтихорманду сарафроз мебошад, ки сохтмони иншооти бузурги асрро Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон тахти сарпарастии маънавӣ гирифта, ҳар вақт бо бинокорони матинирода мулоқоту вохӯриҳо доир мекунанд, маҳфилҳои фарҳангӣ мероянд ва намоиши маҳсулоти кишоварзиро доир менамоянд.

Дар бораи мардоне, ки бо мақсади офаридани нур дар Роғун корнамоӣ доранд, китоби дастаҷамъӣ ва алоҳида навишта, ба шакли ҷолиб ва тасвирҳои дилкаш пешкаши хонандагони соҳибзавқ намудааст. Устод замоне, ки дар бораи дигар пешқадамони истеҳсолот ва қаҳрамонони арсаи меҳнат хоҳ дар Файзобод, хоҳ дар Роғун бошанд, бо як самимият хомафарсоӣ мекунад ва қиссаҳои марбутаро ба қароре либоси бадеӣ мепӯшонад, ки аз хонданаш кас хастагиро эҳсос намекунад, баръакс дил мехоҳад, ки он қиссаро бо як хондан ба итмом расонад. Ҳар кадоми қаҳрамононаш ҳарчанд, ки аз сохтмон нисбатан дур бошанд ҳам, лекин тавре дар симои як образ шакл дода, ба қавле либос пӯшонда шудаанд, ки бо ягон васила ба сохтмони НБО ва шаҳри Роғун иртибот мегиранд.

Масалан, нақлу қиссаҳое, ки аз фаъолияти ходимони ҷамъиятию сиёсӣ ва давлатию ҳукуматӣ ба монанди Исматулло Зайдов, Сайдамир Сиямардов, Сафар ва Ғаюр Сафаровҳо, Мирзохуҷа Шоев, Наҷмиддин Аюбов, Абдуллоҷон Бобоҷонов ва бисёр дигарон нақл мекунанд, бо ягон васила ба иншооти аср пайванди ногусастанӣ гирифтаанд. Қиссаҳои муаллиф ҷуғрофияи хеле бузургеро дар саросари мамлакат фаро гирифтааст. Аммо онҳо дурударозу дилбазан нестанд. Ҳар кадом ба шакли кутоҳу муъҷаз офарида шуда, хонандаро бегуфтугӯ мафтун месозанд.

Муҳимтар аз ҳама дар ин сарзамини биҳиштосо бузургтарин неругоҳи барқи обӣ сохта мешавад. Ба навиштаи муаллиф нахустин агрегати он бояд дар соли 1989 қувваи барқ медод. Аммо ҳодисаҳои маълуми аввали солҳои 90-уми асри гузашта, ки Тоҷикистонро ноором сохта буданд, имкон надоданд, ки агрегатҳои аввалини нерӯгоҳ ба истифода дода шаванд. Гузашта аз ин баъзе аз кишварҳои минтақа ва ҳамсояи мо бо баҳонаи омилҳои экологӣ розӣ нашуданд, ки мо НБО-и Роғунро созем. Ба азоби бебарқии тӯлонии мардум розӣ шуда, пешниҳоди кишварҳои ҳамсояро дар бораи аз ташхиси байналмилалӣ гузарондани зиёну фоидаи сохтмони истгоҳи барқи обӣ қабул намудем. Дар ин давра, ки қариб бист сол гузашт хонадони тоҷик дар фасли тирамоҳу сармо ба андозаи серӣ барқро надид. Нависандаи нуктасанҷу нозукбаён ин проблемаҳоро низ бо назокати хоса рӯи варақ овардааст.

Хушбахтона, Комиссияи бонуфузи байналмилалӣ баъди ташхис хулосаи худро эълом дошт ва сохтмони бузургтарин неругоҳи барқи обии минтақаро безарар хонд. Ин ба мо имкон медиҳад, ки хотирҷамъона сохтмонро идома бидиҳем ва боз ҳамон кишварҳои ҳамсояро бо барқи арзон таъмин намоем. Устод ният дорад, ки дар бораи офарандагони нур, бунёдгарони истгоҳи барқи обӣ ва мардумони сарбаланди диёр китобу қиссаҳои нав эҷод намояд.

**Усмон СОЛЕҲ,**
*котиби матбуотии ҲХДТ*

---

## ПОСУХ
### БА "НОМАИ БЕТАҲРИР"

## БА ҶУЗ ҲАҚҚИ ПИСАРАМ ДИГАР ТАЛАБ НАДОРАМ

**Дар ҳафтаномаи "Минбари халқ" №42 (1021) аз 14 октябри соли 2015 матлабе бо номи "Апахону додархон "Ҳоҷӣ"-ро фиреб доданд, бо имзои Дилбар Тиллоева нашр шуда буд. Муаллиф навиштааст: "Ман модари 2 фарзанд ҳастам, 8 сол мешавад, ки бо Муродов Бобоpавшан зиндагӣ мекунам. Мақолаи "Ҳоҷӣ" моро фиреб дод"-ро аз ҳафтаномаи "Минбари халқ" (41)1021) 7 октябри соли 2015 хонда ба ҳайрат афтодаам, ки зан-модар ба чунин туҳмат қодир аст".**

Биёед, аз рӯйи инсоф моро ба ҳоли худ гузоред. Шавҳари собиқам Б.Муродов ба ғайр аз ман боз бо чор зани дигар издивоҷ карда, дар маҷмӯъ соҳиби 11 фарзанд шудааст, 7 нафар фарзандони ҳоҷиро ман ба дунё овардаам. Онҳоро бо дандон газида бузург кардам. Аз зани охирин Д.Тиллоева бошад, ҳоҷӣ ду фарзанд дорад.

Чаро Д.Тиллоева соли 2007 пеш аз издивоҷ бо Боборавшан фикр накард, ки Муродов Боборавшан бо Муродова Мошариф аз 20 августи соли 1985 оила барпо карда, соҳиб чанд хона ҳастанд, ки баъди ҷудо шудан бояд 75% ин манзилҳо бо ҳалномаҳои судӣ ба ман дода мешуд. Гарчанде тақсимоти молу мулк ғайриқонунӣ буд, ман инро ба Худо ҳавола кардам. Лекин як писарам ба манзили истиқоматии падараш дар кӯчаи "Дӯстии Халқҳо", бинои 45 ҳ.4 бо ҳалномаи судӣ аз 20 апрели соли 2010 маскун шудааст.

Инро ҳам бояд зикр кард, ки Д.Тиллоева аз соли 2007 бо Б. Муродов оила барпо карда, дар бӯстонсарои Лучоб муддати 8 сол зиндагонӣ кардаанд, ки он ҳам моликияти якҷояи ману Б. Муродов буд. Ба болои ин собиқ ҳамсарам ба кӯчаи "Дӯстии халқҳо" омада, фарзанди худаш Муродов Бахтиёрро аз манзил баровarду ҳамсараш Д.Тиллоеваро баъди 8 сол ба бинои 45, ҳ. 4 овард. Акнун дар ошёнаи якум ман бо фарзандонам иқомат дорам ва дар ошёнаи 2 ӯ бо Д.Тиллоева зиндагӣ мекунад. 20 марти соли 2011 ба суди ноҳияи И. Сомонӣ бо аризаи даъвогӣ оиди бартараф кардани монеа нисбати ҷавобгар Б. Муродов муроҷиат кардам. Даъво қонеъ шуда, баъди ҳалномаи суд, аз 23 сентябри соли 2011, ба қувваи қонунӣ даромадан бояд, ки бо иҷроваракаи судӣ писарам Бахтиёр дубора дар манзили "Дӯстии халқҳо", бинои 45, ҳ.4 ба ҳуҷраи масоҳаташ 18,5 метри мураббаъ маскун мешуд. Аммо Б. Муродов ва Д. Тиллоева манзили баҳсиро ба зане фурӯхтаанд. Ҳамин тавр ин манзил чанд маротиба бо шартномаҳои хариду фурӯши рӯякӣ савдо ва бо сабаби дар он маскун будани писарам, боз бекор шудааст.

Ман ба ҳеҷ кас даъво ва ё сари ҷанг надорам. Танҳо ҳаминро хоҳиш мекунам, ки манзил аз рӯи қонун бо назардошти саҳми писарам фурӯхта шавад. Мо танҳо ҳаққи худро дар асоси қонун талаб дорем. Кенҷабӣ Сафарова ва Дилбар Тиллоева низ зан-модар ҳастанд ва бояд моро дуруст фаҳманд. Намехоҳам, ки моро ба ҳар гуна моҷаро ҳамроҳ карда, обрӯямро резанд.

**Муродова МОШАРИФ,**
***сокини шаҳри Душанбе***

**АЗ ИДОРА: Бо ҳамин бо нашри ин нома ба баҳс хотима мебахшем. Бовар дорем, ки қазия дар суд ҳалли худро меёбад.**

# ОФТОБИ МАЪРИФАТРО НАҚЛ НЕСТ



**Рӯзи душанбеи гузашта устод Муҳаммадҷон Мирзошоев бо ҳамон қадамзании оддиву боэҳтиёт ба идора омада буд. Мо аҳли нашрия одат карда будем, ки ӯ ҳар боре меомад, рост ба ҳуҷраи кории сармуҳаррир мерафт ва агар раҳбари идораро пайдо намекард, ба яке аз утоқҳо даромада, пас аз бо нармӣ салому алейк кардан оҳиста мепурсид, ки "Бахтиёрҷон куҷо бошанд?" Ҳарчанд ӯро мо ҳама мешинохтему "устод" гуфта муроҷиат мекардем, вале кам рӯзе буд, ки дарро кушода наздамон даромада бошад. Аммо агар дар даҳлези идора медид, бо лабханд вохӯрӣ мекард. Ҳоло бо ёдоварӣ аз он рӯзҳо натиҷа мегирем, ки намехост музоҳими вақти кории мо шавад. Зеро худ фарзанди рӯзнома буду қадри соати кор ва вақтро медонист. Бачаҳо нақл карданд, ки бори охир ӯро бо сару либоси оростаю пероста дида буданд. Бо вуҷуди тангдастӣ ва рӯзгори сахте, ки дошт, ҳамеша бо шиму костюми дарзмолшуда мегашт, вале он рӯз аз дигар рӯзҳо фарқ дошт.**

**Ҳамон рӯз аз сармуҳаррири ҳафтанома хост, ки барои ташхиси пизишкон ва табобат бори дигар кумакаш кунад. Шояд ба нияти мадад ба идораҳои дигари воқеъ дар маҷмааи "Шарқи озод" мерафт, мо намедонем. Вале ба "Минбари халқ" ба унвони як пири кор, як шахси худӣ меомад ва ба нею нестонаш нигоҳ накарда, кормандон аксар вақт "меҳрубонӣ"-аш мекарданд. Бори охир ҳам пас аз занги телефонии сармуҳаррир бояд дар Маркази ҷумҳуриявии саратоншиносӣ бистарӣ мешуд. Аммо марг ин марди ба зоҳир сода, вале дар асл бо дилу рӯҳи оҳанинро рӯзи 15 декабр дарёфт... Агар ин мард чунин рӯҳияе намедошт, магар дарди ҷонкоҳеро, ки чандин сол боз азияташ медод, то ба ин рӯз таҳаммул мекард?**

**М. Мирзошоев 21 феврали соли 1948 дар деҳаи Бӯстон, ҷамоати Лангари Шоҳи ноҳияи Тоҷикобод (собиқ Қалъаи Лаби оби вилояти Ғарм) ба дунё омадааст.**

**Солҳои 1964-1965 дар ноҳияҳои Тоҷикобод ва Данғара даҳмарда буд. Баъди хатми мактаби миёна, солҳои 1967-1969 дар Омӯзишгоҳи маданӣ- равшаннамоии ноҳияи Ленин (ҳоло Рӯдакӣ) аз рӯи ихтисоси китобшиносӣ таҳсил намудааст.**

**Солҳои 1969-1977 дар китобхонаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳайси китобдор, мудири сектори китобхона, мудири китобхонаи факултети таърихи ин даргоҳи илму маърифат фаъолият доштааст. Дар ин давра ӯ ҳамзамон дар рӯзномаи "Комсомоли Тоҷикистон" ба сифати дастёри мусаҳҳеҳ кор кардааст.**

**Мавсуф солҳои 1971-1977 дар факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил намуда, онро бо дипломи аъло хатм кард.**

**Солҳои 1977-1985 вазифаҳои мудири шуъба, котиби масъули рӯзномаи "Комсомоли Тоҷикистон" (ҳоло "Ҷавонони Тоҷикистон")-ро ба уҳда дошт.**

**Солҳои 1989-1991 дар Мактаби олии ҳизбии шаҳри Тошканд дар бахши рӯзноманигорӣ таҳсил кард.**

**М. Мирзошоев, пас аз ба нафақа баромаданаш чанд муддат дар ҳафтаномаи "Минбари халқ "ним баст кор мекард.**

**Яке аз аввалин очеркҳои илмӣ-оммавиаш бо номи "Лутфулло Бузургзода" дар рӯзномаи "Қаротегини советӣ" (1971) чоп шуда буд.**

**Як силсила мақолаву очеркҳояш ба зиндагиномаи олимони номдори тоҷик Бобоҷон Ғафуров, Аҳрор Мухторов, Баҳодур Искандаров, Мансур Бобохонов, Темур Муҳиддинов, Мақсуд Шукуров бахшида шуда, дар рӯзномаву маҷалаҳои ҷумҳурӣ интишор ёфтаанд.**

**Аз ҷумлаи китобҳои ӯ қиссаи "Баҳодури Бағалак" ("Ирфон", 1980), "Лолаҳои аз хун дамида" ("Ирфон", 1987), "Аз санг нола хезад" ("Мориф", 1992), "Зинаҳо ва қуллаҳо" (Душанбе 2001), "Шикаст андар шикаст" (Душанбе, 2006), "Сипаҳсолори кошифони асрори ниҳон" ба табъ расидаанд.**

**Китобҳояш "Благодарная миссия", "От Куляба до Берлина" ҳоло барои нашр омода аст.**

**Чанд намуна аз эҷодиёти адибони хориҷӣ Валентин Распутин (Русия), Александр Шугай (Украина), Эрнест Генри (Германия) ва дигаронро ба тоҷикӣ гардонидааст.**

**М. Мирзошоев аз соли 1991 то соли 2008 сармуҳаррири ҳафтаномаи "Наврӯзи Ватан" буд. Мавсуф корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон (1990), узви Иттифоқи нависандагони ҷумҳурӣ (1996) ва барандаи Ҷоизаи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ба номи А.Лоҳутӣ (1993) мебошад.**

**Ҳоло дигар ӯ бо мо нест ва бо баҳонаи ҳар иду ҷашн омада, табрикамон намегӯяд, вале хотироти некаш дар ёдҳо хоҳад монд. Инсонҳои нек дар хотираҳо, то дергоҳ зинда мемонанд.**

***ЁДАТ БА ХАЙР, УСТОД!***

**Аҳли қалами ҳафтаномаи "Минбари халқ"**

# ЧУ ШАМЪЕ ТОФТАН ОСОН НАБУДАСТ

**Инак соли чаҳорум аст,ки бародари ҳамқалам, дӯсти айёми шубоб, журналисти шинохта Абдураззоқ Салимзода байни мо нест. Ӯ ҳамагӣ чилуҳашт сол дошт. Ҷавонмарде буд ғурурманд, далер, ҳақгӯву ҳақҷӯ, фозилу масъулиятшинос ва бас назарбаланд. Фалак гӯиё болои сараш орд бехта буд…**



**САРНАВИШТ** моро тирамоҳи соли 1985 бо ҳам пайваст. Ӯ донишҷӯи курси якуми донишгоҳ буду ман панҷум.- Ағлаби дӯстону ошноҳо аз рустоибачаҳои кӯҳистонӣ бо азму иродаи қавӣ ба пойтахт омадаву рӯзона дар истеҳсолот заҳмат ва шабона дар донишгоҳу донишкадаҳо таҳсил менамудем. Ба касеву чизе ниёз надоштем. Зеро ҳам кор мекардем ва ҳам мехондем, маош мегирифтем. Ба касе сарбориӣ, ба аҳли хонавода бори гарон набудем. Мустақилияти комил доштем. Новобаста ба маҳдудияти вақт ва такопӯҳо рӯзгоре доштем басо хуш. Ҳам кинову театр ва ҳам тӯю тамошо мерафтем…

**Моҳи сентябри соли 1985,** тақрибан соати16.30 сӯи таълимгоҳ,бинои нави донишгоҳ (пушти боғи ҳавонот) болои пули қаҷмокаҷак бо шарикдарсе қадам мепартофтем. Рӯ ба рӯ ошнои дерин Файзалӣ бо ҷавони хушсимои болобаланд ва кушодачеҳрае падид омаданд.

-Акаи Умар, шинос шавед, ин ҷавони хушқадубаст Абдураззоқ ном дорад. Донишҷӯи курси якум, дар комбинати нассоҷии пойтахт челонгар аст. Марди фидоист, ба сафи дӯстон қабул фармоед, - гуфт Файзалӣ.

-Ба ҷону дил,хуб аст, ки сафи дӯстон зиёд шудан дорад,-гуфтам ҳазломез…

- Акаи Умар, - гуфт ӯ, - то ҳол Абдураззоқ бо хобгоҳ таъмин нест, агар «тағагарӣ»-ро бар дӯш мегирифтед, хурсанд мешудем…

- Чаро на, пагоҳ, соати нуҳ биёяд. Мушкилосонкункасон дар ин дайри дудар кам нестанд…

Дӯстам хуб медонист, ки ин ҷониб мураббии хобгоҳи коргарҷавонон ҳастам ва муроҷиаташ барҳадар намеравад.

Абдураззоқ сари вақт ҳозир шуд. Хобгоҳ дар кӯчаи Мушфиқӣ-111-и ноҳияи Фирдавсӣ воқеъ буду кулли сокинонаш бачаҳои рустоии амсоли ману Абдураззоқ. Ошнои навамро дар ҳуҷраи барҳавое ҷо додем. Ибтидо аз ҳамон рӯз дӯстии мо оғоз шуд ва он расо 26 сол тӯл кашид.

Абдураззоқ ҷавони дидадарову шӯх ва донишманде буд. Ба дигар ҳамкорону шарикдарсон монанд набуд. Зеро вай аллакай кӯраи тасфон, майдони ҳарбу зарб, душвориҳои сангинро паси сар дошт. Ӯ тайи солҳои 1981-1983 дар ҳайати Қӯшунҳои маҳдуди Иттиҳоди Шӯравӣ дар Афғонистон хизмати ҳарбӣ ба ҷо оварда буд. Барои ҷавонмарди 22-сола ширкат дар размгоҳ корест на саҳл.

Ҷангонвари башардӯст лаҳни ширин, табассуму хандаи ба худ хос дошт. Тарзи гуфтори дариаш дар назар барои атрофиён аҷиб метофт. Дорои истеъдоди волои нигорандагӣ буду шеърро хуб мефаҳмид, табъи басо нозуки шоирона дошт. Абёти зиёде аз шуарои классики форсу тоҷик медонист…

**Тирамоҳи соли 1986** ин ҷонибро сардори идораи хонаҳои №1-и коргоҳ таъйин намуданд. Ин навгонӣ боис шуду ман макони зистамро тағйир додам. Аммо иртибот бо бачаҳои хобгоҳ канда нашуд. Доимо дар маъракаву чорабиниҳо, суру мавлудҳои дӯстон чун солиёни пеш бо ҳам будем…

**Соли 1989** чанде ба сифати муҳаррири радиои коргоҳ шуғл варзидам. Тирамоҳи ҳамон сол маро ба дастгоҳи марказии Кумитаи назорати халқии ҷумҳурӣ даъват намуданд. Аз ин рӯ, раёсати корхона дархост намуд, ки ҷонишини худро пешниҳод намоям. Дар андеша шудам, ки аз зумраи ошноҳо якеро ба ин вазифа бипазирам. Ва бе истиҳола номзадии Абдураззоқро пешниҳод намудам. Ва аз ин ният ӯро огоҳонидам. Рӯзи дигар дӯстро маҳзун дидам. Сабаб пурсидам, гуфт, ки нашуд..

Дарҳолсӯи бинои маъмурии иттиҳодия, назди котиби ҳизбӣ Абдукарим Ҳикматов шитофтам. Котиб маро хуш пазируфт. Сари мақсад омадам. Сифат кардам,ки Абдураззоқ арзандатарин номзад ба муҳарририи радио аст, ӯро ҷонибдор шавед. Акаи Абдукарим ҳалим шуд…

Дар талотупи солҳои навадумчанд муддат аз ҳам дур мондем. Дарак ёфтам, ки ӯ дар ин миён, дар Русия масруфият доштааст. Байни солҳои1999-2002 ҳини дар Кумитаи заминсозии назди ҳукумати ҷумҳурӣ ба ҳайси ҳуқуқшинос - тарҷумон кор карданаш гаҳу ногаҳ бо Абдураззоқ дар чорабиниҳои гуногун вохӯрда, суҳбат меоростем. Эҳсос мешуд,ки ӯро ҳушу ёд ба газета аст. Вай мудом илоҷе ёфта, пайи иҷрои кораке ва ё хайр ба муҷтамеи табъу нашри "Шарқи озод" меомад…

Ахиран нерӯи ҷозибаи журналистика ғолиб омад ва Абдураззоқ соли 2002 ба сифати хабарнигор дар ҳафтавори "Минбари халқ" ба кор гузашт. Акнун боз бо ҳам будем,мисли солҳои 80-ум асри гузашта. Ман дар қабати севуму ӯ дар нуҳум…

Аз лавҳи хотир зудуда намегарданд он рӯзҳо. Дар маҳфилҳои хоса дӯст лаълича ба даст дубайтиҳои дилнишинеро бо лаҳни мардуми Масчо ширин месуруд, ки сомеъ аз ханҷарааш як ҷаҳон кайфият мебурд…

Ӯ ҳамон буд, ки ҳамон. Аммо таъсири бори гарони зиндагӣ дар қаворaву пайкараш ба назар мехӯрд. Лек ҳамоно худро бар даст дошт, ғурурманд буду хушгуфтор…

Солҳост, ки як одат маро ҳамдам аст. Мудом ба дӯстон аз зумраи журналистон, наздикон талқин менамоям (аз ин амал даст накашидаам), ки ба ҷуз кори ҳамарӯзӣчизаке бинавис, то китоб шавад. Ин суханон ба Абдураззоқ ҳам дахл дошт. Ту дар Афғонистон будӣ, сахтиву сардиҳои рӯзгорро дидаӣ. Дар Русия азобу муҳоҷирати меҳнатиро ба сар доштӣ, ёддоште навис аз зиндагиномаат, самаре аз худ ба ёдгор бимон, -мегуфтамаш.Механдиду посух медод,албатта менависам, ҳатмӣ. Андаки дигар мондааст…

**Моҳи апрели соли 2010.** Рӯзе Абдураззоқ занг зада гуфт, ки маслиҳате дорам. Бароям тавсияномае (сифатномае) бинависед, барои раёсати ҳизб. Гуфтам, пагоҳ мегирӣ,- чунон бинвисам, ки Сафар Ғаюрович дар ҳайрат монаду туро сарфароз гардонад. Ҳамон лаҳза қалам ба даст гирифта, рӯзҳои гузаштаро пеши назар овардам. Фарди пурмасъулият, кордон, росткору ростгӯ, бештар аз ҳама ӯ аз зумраи дӯстони куҳан буданд. Навиштаро ҳуруфчинӣ кардам. Рӯзи дигар, 29.4.2010 сифатномаро ба дасташ додам. Пас аз чанд рӯз хушҳол дарёфтамаш. Гуфт, корҳо пухт. Ва ӯ чанде ба сифати котиби масъули рӯзномаи "Минбари халқ" ифои вазифа намуд…

**Нимаи дувуми моҳи августи соли 2011** Абдураззоқ ҳолпурсӣ омад ва ниҳоят парда аз роз бардошт. Гуфт, Ҷумъахон (Ҷ.Наботов, сармуҳаррири рӯзномаи "Садои мардум") маро ба кор мехонад. Чӣ маслиҳат медиҳед? Гуфтам, рав, эшон аз дӯстони деринанд ва мо бачаҳои даврони шӯравӣ туро меписандем…

Ханда бар лаб изҳори сипос бинмуду рафт. Ва сар аз **моҳи сентябри соли 2010** ба сифати котиби масъули рӯзномаи "Садои мардум" дасту остин барчид.

Наздики чор моҳ дар ин идораи бонуфуз фаъолият пеш бурд. Болидарӯҳтар гашт, ҳини диду боздид шухӣ мекардам,ки бача серкор шудаӣ, хабар намегирӣ. Мегуфт ака "Минбари халқ" ҳафтае як бор, "Садои мардум" бошад, се маротиба чоп мешавад, кори шӯхӣ нест. Барои ҳамин ҳам камнамоям…

Вақтҳои охир ҳангоми диду боздид, дар раҳу рӯ аҳли кормандони рӯзномаи "Минбари халқ"-ро ёд меовард. Мегуфт, Бахтиёр (Б. Ҳамдамов, сармуҳаррири рӯзнома) ҳайати хубу тифоқеро гирд оварда…

**Бори охир рӯзи 9 декабри соли 2011** дар даҳлези нашриёт дидамаш. Ҳол пурсидам. Музтариб, - шумора дорем, - гуфт ва аз назар ғоиб шуд. Ҳама хубу ҳама соз буд он рӯз…

**Рӯзи 16 декабр** директори муҷтамеи табъу нашр Ёқуб Исмоилзода пурсид, Умарҷон хабар дорӣ? Гуфтам,чиро? Гуфт, Абдураззоқ гузашта аст. Бонувони ҳамкорро дидам, ки сиришк мерезанд. Фаҳмонданд, ки вай гирифтори сактаи майна шуда. Се рӯз дар хона, дар ҳолати беёдӣ хобидаву танҳо рӯзи душанбе ӯро ба шифохона бурдаанд. Ӯ дигар ба худ наомадаву аз дунё гузашта…

Омодаи роҳ шудем, аммо хабар даррасид,ки акаи Олимҷон бародари азизашро ба зодгоҳ, назди модари зору дилфигораш бурд…

Чанд моҳ боз ӯ пайт меҷуст, то бо нахустин имконият ба дидори модари бузургвораш, ки тоза аз зиёрати Ҳаҷ баргашта буд, дар парвоз шавад. Аммо имкон, шароит, сардиҳои паёпай ва…барояш гӯё роҳро ғав баста буданд…

Инак, ғайричашмдошт роҳи сафараш боз гашт. Ва ба таъхир рафт назди модари зору низор. Маҳз ба хотири моми дилфигор бародар ӯро бурд ба деҳ, то вопасин маротиб модар ҷигарпораашро бубинад…

Ва Абдураззоқ дар оғӯши хоки сарди пуштаҳои кӯҳҳои сарбаафлоки Масчо манзили охират дарёфт…

Бо гузашти чаҳор сол хуб дарк намудем, ки ба чунин поя дигар ёфтани дӯсту ошное бас мушкил будааст. Ва ба таъкид - панди пирони кӯҳистон, дигар аз хок меёбӣ моро, сарфаҳм меравем. Ошноҳо ҳеҷ вақт кам нахоҳанд буд. Зеро зиндагӣ дар ҷараён асту ҳаррӯз бо касе вомехӯрӣ, аммо дигар онҳо мақому мартабаи дӯстони куҳанро гирифтан наметавонанд…

Ӯ рафту мондем ҳайрон ва сари гуфтаи шоири зиндаёд Саидҷон Ҳакимзода дар андеша шудем:

***Чу хокистар шудан будаст осон,***
***Чу шамъе тофтан***
***осон набудаст.***

**Умари ШЕРХОН**

# ТУРБ САБЗАВОТИ ПАРҲЕЗӢ ВА ТАБОБАТӢ

**Турб як навъ сабзавоти бехмева буда, сармобардор аст. Тухмаш дар ҳарорати 4 - 5°C баъди 3- 4 рӯз неш зада мебарояд. Барои нашъунамои хуби турб ҳарорати 16-18°C мусоид аст.Ҳарорати баланд ба турб таъсири бад мерасонад, тез пухта, зуд пӯк мешавад.**

**А**з норасоии намӣ суст сабзида, бехмевааш чӯб мегардад. Турб дар хоки марғзории серғизо, регхок ё гилхоки регомези хокистарранги серпору хуб месабзад. Дар Тоҷикистон ду навъи тезпазаки турб-марғелонӣ (дар 85- 90 рӯз пухта мерасад) ва ашқободиро мепарваранд.Турбро дар шароити Тоҷикистон асосан тобистон (охирҳои июн - аввалҳои июл) мекоранд. Агар дар баҳор онро кишт кардед, қисми зиёди растанӣ гулпоя мебандад.Турб сабзавоти дӯстдоштаи мардуми мо буда, таъми хуш ва каме тунд дорад. Онро тару тоза мехӯранд, ба бисёр таомҳои миллӣ меандозанд.Турб сабзавоти парҳезӣ ва табобатӣ низ мебошад. Онро аз замонҳои қадим чун растании доруӣ истифода мебаранд. Буқрот (асрҳои 5-4 то м.) хусусиятҳои шифоии онро таъриф кардааст. Дисқуридус ва Ҷолинус иштиҳоовар будани турбро қайд намуданд. Абӯалӣ ибни Сино бо тухми турб иллати ҷигар ва бо шираи бехаш обхӯраро табобат мекард. Табибони халқӣ онро бештар барои табобати иллати испурч, инчунин сурфакабудак истифода мебаранд. Турби дар асал хобондаро ҳангоми илтиҳоби роҳи нафас, сил ва сурфа истеъмол мекунанд. Маълум кардаанд, ки оби турб ҷудошавии шираи меъдаро метезонад ва ҳазми хӯрокро беҳтар мегардонад, кори рӯдаро тақвият медиҳад, ба хориҷ шудани холестерин аз организм мусоидат мекунад. Вале ҳангоми захми меъда, илтиҳоби рӯда, иллати ҷигар ва бемориҳои дил аз истеъмоли турб худдорӣ бояд кард. Бино ба ақидаи табибони халқӣ агар турбро бихӯранд, хилти ғафсгаштаи баданро тунук менамояд, варам ва моддаҳои ғализро дар бадан таҳлил медиҳад, бод пайдо мекунад, оруғ меоварад, агар беҳад бихӯранд (вале тухмаш несткунандаи оруғ аст), барои баъзе одамон ҳазмкунандаи таомҳои ҳазмнопазир, хусусан барги он, вале дар баъзеҳо, ки меъдаашон рутубати бисёр дошта бошад, ҳазмро манъ мекунад, ҳатто ба дараҷае зарарнок аст, ки фаъолияти меъдаи онҳоро вайрон месозад (хусусан худи турбро бихӯранд), зеро ки дар турб моддаҳои сабуки зуд бадбӯшаванда мавҷуданд. Пешобро меронад. Агар барги баҳории онро бо равғани зайтун пухта бихӯранд, ғизоияташ аз худи турб зиёдтар мегардад. Дар турб се хосият мавҷуд аст: баргаш парокандакунандаи бодҳои дарун мебошад, тухмаш пешобро меронад ва худи турб балғамро қатъ мекунад. Даруни турбро холӣ карда, равғани гулисурх дар он рехта, ба рӯи оташ гузоранд, то равған биҷӯшад, баъд он равғанро нимгарм чанд қатра дар гӯш чаконанд, барои нест кардани боди даруни он, дарди гӯш зуд ва хуб таъсир мекунад. Агар оби турбро бо равғани гулисурх якҷо карда, дар оташ биҷӯшонанд, то он ки обаш бухор шуда раваду равған бимонад, ин равғанро низ бичаконанд, ҳамон таъсирро дорад. Хӯрдани турб ба чашм зарар дорад, вале оби онро дар чашм чаконанд, доғи таги гӯшаи чашмро аз тарафи бинӣ дафъ мекунад. Ва агар оби баргашро дар чашм чаконанд, қуввати бинишро тез мегардонад.

Турбро дар об ҷӯшонида, он обро бинӯшанд, сурфаи кӯҳнаи чандвақтаро шифо мебахшад, моддаҳои дар даруни сина пайдошударо тунук гардонида, берун меронад ва дарди гулӯро, ки аз хӯрдани занбӯруғи заҳрнок ба амал омада бошад, сиҳат мекунад. Турбро дар об ҷӯшонида, он обро бо асале, ки дар он сирко андохта турш карда бошанд, омехта, бо он ғарғара кунанд, дарди гулӯи шадидро рафъ мекунад.



Хӯрдани турб барои узвҳои даруни сина, паҳлу ва сипурз мувофиқ аст, инчунин тухмашро агар ҳар рӯз бихӯранд, ба узвҳои мазкур фоида мебахшад. Агар хӯроки вазнин тановул карда, аз болояш 2,5 г тухми турбро хоида бихӯранд, онро зуд ҳазм мекунад. Ҳар рӯз аз тухмаш як маҳал 2-3 г бихӯранд, дарди пайвандҳо (буғумҳо)-ро ба ислоҳ меоварад, дарди суринҳоро дафъ мекунад ва хориши баданро, ки сабабаш бисёр ҷамъ шудани балғам аст, нест мекунад. Худи турбро низ бихӯранд, бемориҳои мазкурро дафъ месозад, балки аз тухмаш зӯртар аст.

Турбро кӯфта, бо асал даромехта, ба захмҳои хабиса, решҳои бадтарини фасодашон ширмонанд ва асалранг гузошта банданд, шифо мебахшад. Ва агар тухмашро кӯфта, бо сирко сиришта, ба доғи гангрена ва ба шукуфаи пӯст гузошта банданд, онҳоро нест мекунад. Худи турбро кӯфта, бо орди гандум хамир карда, ба рихинакҳои рухсора гузошта банданд, чеҳраро аз онҳо пок менамояд.

Бандҳои барги турбро кӯфта, фишурда обашро гирифта, 25 г аз он бинӯшанд, санги хичакро майда карда мерезонад, вале агар инро бо сиканҷабин даромехта бинӯшанд, таъсираш зудтар ва зиёдтар мегардад.

Хӯрдани турб ранги рухсорро некӯ мегардонад. Турбро кӯфта, бо орди гандум хамир карда, ба ҷойҳои гирдак-гирдак мӯйрехтаи сар ва риш гузошта банданд, мӯй мерӯёнад ва агар инро бо асал хамир карда, ба доғҳои зери чашм гузошта банданд, онҳоро дур мекунад. Оби турбро ба шукуфаи пӯст бимоланд, фоида дорад.

Аз турб равған ҳам тайёр мекунанд. Тухм ва оби барги онро дар ибтидои тухм бастан кӯфта, фишурда, обашро дар зарфе гирифта, аз болои он об ду баробари вазни он равғани зайтун ё равғани кунҷид якҷоя карда, бо оташи мулоим меҷӯшонанд.Дар натиҷа , об бухор гашта меравад ва равған боқӣ мемонад. Ҳамин равған равғани турб ҳисоб меёбад. Аз ин равған ҳар рӯз як ё ду қошуқ бихӯранд, фолиҷ ва каҷ шудани рӯйро сиҳат мекунад, азияти заҳри каждум ва ҷонварони дигарро низ дафъ месозад. Агар ин равғанро нимгарм дар гӯш чаконанд, бодҳои даруни гӯшро, ки дар даруни гӯш садоҳои гуногунро ба амал меоваранд, дафъ месозад ва дардашро ҳам таскин медиҳад. Агар аз рӯ бимоланд, низ иллати фолиҷ, каҷ шудани рӯ ва нотавон гаштани аъзоро шифо мебахшад, шахшӯлии пӯстро ислоҳ мекунад, ранги рӯйро соф мегардонад.

*Таҳияи* ***А.ҶӮРА***



Нигоҳ аз ошёнаи нуҳум

# Умедворӣ

*Ҳар як инсон дар дили худ умеду орзуҳое дорад ва кӯшиш менамояд ба мақсадҳои дар дил доштаи худ расад. Умеду амал метавонанд одамро ба мақому ҷойгоҳҳои хуб расонанд, лекин агар умеди инсон содиқ набошад, вай ба мақсади олии хеш нахоҳад расид.*

Зеро шаҳватҳое, ки дар роҳи инсон барои расидан ба мақсади олии вай қарор доранд, ҳамчун лаззатҳои фиребандаву шиканаанда ҳамеша доми худро мегузорад. То он замоне, ки дар қалби одам ҳарос ғолиб наояд, аз шаҳвату лаззатҳо ҳазар карда наметавонад. Дар робита ба ин нақши фазилати хавфу умедворӣ дар зиндагии рӯзмарраи инсон азим буда, умедворӣ ҳамчун зимоме ҳаст, ки инсонро ба қуллаҳои мақсад мерасонад ва хавф бошад чун тозиёна вайро ҳамеша ҳушёр месозад.

Воқеан, ҳеҷ касе дар зиндагӣ набояд навмед бошад ва инсон бояд ҳамеша дар дили хеш умедеро парварад. Дар ин роҳ инсон бояд дар қалби дигарон ҷой гирад ва бо мардум дӯст гардад. Аз ин рӯ зарур аст одам дар тани хеш хилъати каромат пӯшад, зеро аслан дар муқобили дигарон чашми накӯ доштан ва ба дигарон ба чашми нек нигаристанро умедворӣ медонанд ва онро дар баъзе ҳолатҳо таманно низ мехонанд.

Ба қавли бузургони доно ҳар касе агар бар замини нарм тухме афканда, онро аз хору гиёҳҳо пок кунад ва ба вақташ ба он об диҳад-ин худ умедворӣ ҳаст. Лекин агар касе тухми пӯсидаро дар замини сахт афканад ва он заминро аз хору гиёҳҳо пок накарда, ба он об надиҳад- ин ғурур аст. Аммо агар инсон тухми пок дар замини пок афшонда, онро аз хору гиёҳҳои нолозим тоза намояд, лекин аз сабаби об набудан бо чашми умед ба он нигарад, инро орзуву таманно мегӯянд.

Ҳамчунин ҳар инсоне агар тухми некӣ дар саҳрои синаи хеш кошта, он синаро аз гиёҳову хорҳои ахлоқи бад ва разилатҳои нафсонӣ пок кунад ва аз фазли офаридгори хеш чашми умед дорад, ки балоҳову офатҳо аз вай дур хоҳанд шуд-ин умедворӣ аст. Нишони умед ин аст, ки дар оянда инсон ба ҳар коре умед бандад, он амалӣ хоҳад шуд. Фурӯ гузоштан ва ё ба фардо ҳавола кардани коре аз навмедӣ аст, на аз умедворӣ. Сабаби ин навмедӣ дар он аст, ки инсон тухми пӯсидаро ба саҳрои синаи хеш кошта, он қалбро аз ахлоқи баду ниятҳои бебунёд пок накарда, ба сабру таҳаммул ва муруввату мадоро ба он тухм об надодааст ва инро мардум ҳамоқат ном гузоштааст. Бе сабаб нест, ки соҳибони китоб фармудаанд: " Аҳмақ он аст, ки ҳар чӣ мехоҳад мекунад ва раҳматро интизор аст".

Умуман самараи чашми умед доштан ва ё интизор будан - умедворӣ ҳаст ва онро дар баъзе ҳолатҳо орзу низ мегӯянд. Агар касе гуноҳе содир кунад ва андӯҳгину ранҷур шавад, ранҷурии вай сабаби он хоҳад шуд, ки ӯ бояд тавба кунад ва ба гуноҳҳои хеш қоил шавад. Лекин агар инсон дар ин ҳолат тавба накарда, дар гирдоби ғурур афтода бошад, баъзе аблаҳон онро низ умеду умедворӣ қаламдод мекунанд. Дар робита ба ин бузургон фармудаанд: "Инсон кори хайр ва аҳли хайрро бояд дӯст дорад. Агар кори хайре падид ояд, онро ба зудӣ бояд иҷро кунад ва самараи онро нек пиндорад. Лекин агар вай кори хайрро иҷро накард аз ин кардаи хеш бояд ранҷур шавад".

Умедвор будан ба ҳар як шахс лозим аст, лекин ду гурӯҳ одамоне ҳастанд, ки ба он ҳеҷ ҳоҷате надоранд. Ба гурӯҳи якум одамоне шомил ҳастанд, ки ба дигарон бадиҳои зиёд карда , ғарқи гуноҳҳо шудаанд ва онҳо аз кардаи хеш навмед буда, аз роҳи пешгирифта ва бадкирдориҳои худ тавба намекунанд ва гуноҳҳои кардаи хешро намепазиранд. Ба гурӯҳи дуввум одамоне дохил мешаванд, ки аз ҳад зиёд ҷидду ҷаҳд карда, хештанро ранҷур ва ба ҳалок мерасонанд. Ин гурӯҳ инсонҳо дар назди худ нақшаҳоеро мегузоранд, ки аслан тобу тоқати ранҷи онҳоро надоранд. Лекин дар фарқият аз ин ду гурӯҳ одамоне ҳастанд, ки ба аҳли ғафлат шомил буда ба доруи умедворӣ зарурат надоранд, зеро барои онҳо ин на дору, балки заҳри қотил аст. Ҳар касе, агар бар гуноҳҳо ва бадиҳое, ки ба дигарон кардааст қоил мебошад, вай воқеан шахсе аст, ки аз пастиву баландиҳои рӯзгор огоҳ буда, тарс ва хавфи шармсор шудан дар назди аҳли ҷомеаро дар дил дорад. Сабаби асли тарс ва хавфи вай илму маърифат буда, самараи бунёдии он парҳезгориву тақводорӣ ва порсоӣ мебошад. Хавф, тавба, порсоӣ, парҳезгориву тақводорӣ тухми саодат мебошанд, ки аз роҳи илму маърифат ва сабр ба даст меоянд. Зеро воқеан ҳеҷ чизе ба андозаи хавф шаҳватро сӯзонда наметавонад ва аз файзи хавф дарҳои ҳикмати олам барои инсон кушода мешавад.




Бидуни шак инсон ҳар чӣ қадар илму маърифат дошта бошад, ба он андоза тарсу хавфи вай дар назди инсонҳо ва ҷомеа барои гуноҳҳои содиркардааш зиёд мешавад. Агар ин қабил инсонҳо айбу гуноҳ ва хабисиҳои ахлоқии худро бинад- хавфи вай ба ҳамон андоза зиёдтар хоҳад шуд. Бе сабаб нест, ки муаллимони ахлоқ фармудаанд, ки " аз Худо доноён метарсанд".

Ҳар он инсоне, ки асли хавф ва тарсро донист, барои вай на кибр мемонаду на ҳасаду ғуруру рашк. Ҳастанд олимнамоҳое, ки худро доно бар ҳар чӣ медонанд, вале хавфи нодониро ҳис намекунанд. Ин гурӯҳ олимтарошон ба мисли фолбини бозорие ҳастанд, ки худро ҳаким ном кардаанд, вале аз ҳикмат ҳеҷ хабаре надоранд. Дар ин бора аз рӯзгори ҳакими Юнони қадим Диоген то имрӯз ҳикояте расидааст, ки мувофиқи он Диоген барои рӯзгузаронии худ дар бозору хиёбонҳо гадоӣ мекард ва дар бисёр ҳолатҳо ба ӯ хайрот намедоданд. Рӯзе аз вай пурсиданд: - Диоген чаро ба маъюбону девонагон хайрот медиҳанд, аммо барои ҳакимони мисли ту не?

Диоген дар ҷавоб гӯфт: "Шахсоне, ки хайрот медиҳанд аз он метарсанд, ки фардо шояд кару гунг ва нобино шаванд, вале ҳар чӣ қадар орзуву умед дошта башанд ҳам, ҳаким шуда наметавонанд".

Ҳеҷ мумкин нест, ки касе гуноҳи кардаи худро донад, аммо аз натиҷаи он натарсад. Чун инсон аз гуноҳ тарсад, дигар гуноҳ нахоҳад кард. Вале марг вақте расид ва инсонҳо, ки дар кадом мартабае ва ҷоҳу мақоме набошанд аз хавфи гуноҳҳои худ дар вақти марг хоҳанд тарсид, вале қабл аз марг ҳамеша барои инсон танҳо як чиз боқӣ мемонад - умедворӣ!

**А АРДАШЕР**

Ҳушдор

# АЗ САГОНИ ДАЙДУ ЭҲТИЁТ БОШЕД!

**Хатари ҳуҷуми сагҳои бесоҳиб ба одамон, хусусан дар фасли зимистон афзоиш меёбад. Яъне, фасли сармо вақти таваллуди ин намуди ҳайвонҳо буда ва дигар онҳо чизе барои хӯрдан надоранд ҳамла ба одамон мекунанд.**



Дар ҳамин ҳол Наврӯз Ҷаъфаров, муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҷумҳурӣ мегӯяд, ки дар давоми соли ҷорӣ 10 ҳазору 620 ҳодисаи ҳамлаи сагон ба мардуми кишвар ба қайд гирифта шудааст, ки аксари ин афрод шахсони то синну соли 18- сола мебошанд. Ҳамчунин Н. Ҷаъфаров иброз дошт, ки аз шумораи зикршуда 8 нафарашон фавтидаанд.

Ба гуфтаи ӯ дар ҳоли ҳозир дар пойтахт дар манзилҳои истиқоматӣ танҳо сагу гурба ва паррандаҳои қафасӣ ҳастанду бас, вале бояд сагу гурбаҳо бақайд гирифта шуда, шиносномa дошта бошанд. "Дар ин ҳуҷҷат тамоми он эмкуниҳое, ки бар зидди бемориҳои сироятӣ сабт мешаванд. Аз сабабе, ки аксарият ин ҳуҷҷатро надоранд, онҳо ҳайвонотро мепартоянд, ки дар натиҷа ҳайвонҳо дайду мешаванд. Аз ин рӯ мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ё комуналӣ-манзилӣ сари вақт ҷои ҷамъ кардани партобҳоро тоза кунанд. Яъне нагузоранд, ки як манбаи зиёдшавии ҳайвонот зиёд бошад".

Ба суоли он ки оё дар Тоҷикистон ягон паноҳгоҳе барои сагони дайду ҳаст ё на, Н. Ҷаъфаров иброз дошт, ки "мо чунин паноҳгоҳ надорем ва то ҳол ман маълумот надорам, ки ягон ташкилоти давлатӣ ва ё ғайридавлатӣ нигоҳдории ҳайвоноти дайдуро ба зиммаи худ гирифта бошад.

Дар моҳҳои аввали соли равон Раёсати тандурустии вилояти Хатлон хабар дода буд, ки 271 сокини вилоят ҳадафи ҳуҷуми сагҳои дайду қарор гирифтаанд, ки ин ба ҳисоби миёна дар як рӯз 9 нафарро ташкил медиҳад. Ва ба гуфтаи ин ниҳод ин шумора дар соли гузашта наздики 4 ҳазор нафар дар Хатлон аз ҳамлаи сагони дайду зарар дидаанд.

Инчунин Наврӯз Ҷаъфаров, муовини вазири тандурустӣ иброз медорад, ки бемории ҳорӣ сироятӣ буда, аз ҳайвонот ба инсон мегузарад. Ва дар ҳолати ба ин бемори гирифтор шудани шахс ва сари вақт ба табибон муроҷиат накардан, шахс метавонад фавтад.

Ба гуфтаи ӯ аслан ин бемори аз мушу каламушҳо ба сагони дайду сироят меёбад ва ҳамасола то 15-16 ҳазор осеббиниҳо дар мақомоти тандурустӣ ба қайд гирифта мешавад, ки аз ин шумора як миқдораш бо сабаби дер муроҷиат кардан ба табибон, мефавтанд. "Бояд нисбати ин масъала мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, идораҳои манзилию коммуналӣ чораандешӣ кунанд. Дар шаҳру ноҳияҳо гурӯҳҳои алоҳида оиди доштан ва поксозии муҳити атроф аз ҳайвоноти дайду кор кунанд. Ингуна гуруҳҳо дар баъзе шаҳру навоҳӣ фаъолият доранд, вале боз дар бештари навоҳӣ аз фаъолият бозмондаанд".

Муовини вазир иттилоъ медиҳад, ки як ваксинаи зидди бемории ҳорӣ то 70 сомониро ташкил медиҳад, ки бемор бояд шаш давраи ваксинаро қабул кунад ва ин хеле маблағи зиёд аст. "Ҳам бемории ҳорӣ ва ҳам осеббинӣ дар тамоми шаҳру ноҳияҳо паҳн гаштааст. Ҳастанд ҳодисаҳое, ки аз шағолу гург осеб мебинанд. Ноҳияҳое, ки майдони партобҷамъкунӣ надоранд, ин нигаронкунанда аст, зеро сагони дайду аз ин ба гирду атрофи партобҳо ҷамъ мешаванд".

Ба гуфтаи номбурда нишонаҳое, ки шахс ба ин беморӣ гирифтор мешавад, ин ки бемор аз овози баланд, аз рӯшнои тез, шиддати бод умуман аз об метарсад. Ваҳм дар вуҷудаш пайдо мешавад ин ба он хотир аст, ки вақте вирус вориди бадан мешавад, ба асаб таъсир мекунад.

Дигар нишонаҳои ин беморӣ аввал аз ҳарорати баланд оғоз гардида, бемор ҳаракат мекунад, ки дар як ҷои торикӣ худро пинҳон карда, аз овозу ҳар гуна бӯйҳо дур бошад. Баъдан кашиши мушакҳои дасту пойҳо дида мешавад ва дар ҳолати норасоии нафас бемор мефавтад.

**Мижгона ҲАЛИМОВА**

**ТАСҲЕҲ**

Дар саҳифаи 2 шумораи №50 (1029) аз 9 декабри соли 2015 хатои техникӣ роҳ ёфтааст. Лутфан сархати хабари аввал ба ҷои 6 ноябр ва сархати хабари дуюм бо ҷои 8 декабр 6 декабр хонда шавад.

**Доир ба масъалаҳои реклама, PR-мақола ва эълон дар ҳафтанома ба рақами 93-505-00-46 занг занед. Масъули бахш Набӣ Юсупов**

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

МИНБАРИ ХАЛҚ

www.minbari.halk.tj
E-mail: minbarihalk@hhdt.tj

*Сармуҳаррир*
**Бахтиёр ҲАМДАМОВ**

*Рӯзнома моҳи декабри соли 1994 таҳти рақами 309 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.*
Ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.
*Идораи нашрия навиштаҳои муаллифонро дар шакли электронӣ дар ҳаҷми то 4 саҳифаи ҳуруфи Times New Roman tj 14 қабул мекунад.*

**БАРОИ МАЪЛУМОТ:**

**Дастгоҳи КИМ ҲХДТ** - *тел: 224-23-90, 224-83-72, 224-49-29, 221-63-21. факс: 224-27-59*

**Идораи рӯзнома** *тел. 238-72-10, 238-54-61, 238-79-07, факс: 227-44-94*

**www.tribun.tj** **E-mail: minbarihalk@bk.ru**

**ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:**
**Котиби масъул:** Маъруфҷон Маҳмудов
**Муҳаррири масъул:** Алиҷон Ҷӯраев
**Хабарнигорон:** Солеҳ Юсуфов, Азамат Дӯстов, Ҳуринисо Ализода, Ибодуллоҳи Тоҳир, Гулҳаё Мадимарова
**Масъули чоп:** Мирзоалӣ Юнусов
**Ҳуруфчинон:** Ҷамила Аҳмадова, Гуландом Раҷабова
**Мусаҳҳеҳ:** Сабоҳат Худоёрбекова,
**Суратгир:** Тӯхтамурод Рӯзиев
**Саҳифабанд:** Фирдавс Таушаров

**НИШОНИИ МО:**
*734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16.*
*Индекси обуна: 68910*

**Макони чоп: нашриёти «Шарқи озод».**

**Теъдоди нашр: 48952 нусха**



**Навбатдор: Ҳ. АЛИЗОДА**